**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**ВБД:** 36.07: 342+340 (575.3)
**ТКБ:** 65.9 (2) 23: 67.99 (3) ) 01 (2тоҷик)
**Р-**47

Бо ҳуқуқи дастнавис

**РИСОЛАТИ РАҶАБАЛӢ**

# ҲУҚУҚ БА ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ КОНСТИТУТСИОНИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ

**Роҳбари илмӣ:** номзади
илҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Салохидинова Симо Мухамадиевна

**Душанбе –2026**

**МУНДАРИҶА**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.................3**

**МУҚАДДИМА..........................................................................................4-22**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНИИ СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.....................................23-62**

1.1. Моҳияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ.................23-48

1.2. Мафҳум, мазмун ва принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................................49-62

**БОБИ 2. МАЗМУНИ ҲУҚУҚ БА ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ ВА ТАНЗИМИ ОН ДАР САТҲИ ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН................................................................63-118**

2.1. Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва мавқеи он дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд................63-88

2.2. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ................................89-118

**БОБИ 3. КАФОЛАТҲО ВА РОҲҲАЛҲОИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ БА ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ..................................................................119-169**

3.1. Кафолатҳои таъмини ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ..........................................................................................119-147

3.2. Роҳҳалҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ.............................148-169

**ХУЛОСА...................................................................................................170-174**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ..............................................................................................175-176**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)..................................................177-197**

**ФЕҲРЕСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.........................................................................................................198-199**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**ТБМ** – Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат

**ЭУҲБ** – Эъломияи умумии ҳуқуқи башар

**ПБҲИИФ** – Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ

**ПБҲШС** – Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ

**м.** – модда

**қ.** – қисм

**б.** –банд

## МУҚАДДИМА.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) эълон гардидани ҶТ ҳамчун давлати иҷтимоӣ яке аз принсипҳои бунёдии сохтори давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ин принсип заминаи асосии муайянкунандаи сиёсати давлатӣ дар самти таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ ва рушди озоди шахсият мебошад. Муқаррароти мазкур на танҳо самти ҳадафноки ташаккули сохтори давлатиро ифода менамояд, балки ҳамчун меъёри заминавӣ барои фаъолияти низоми қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ хизмат намуда, самти рушди низоми ҳимоя ва таъминоти иҷтимоии шаҳрвандонро муайян месозад.

Конститутсияи ҶТ уҳдадории ҳатмии давлатро оид ба таъмини ҳифзи меҳнат ва саломатии шаҳрвандон, дастгирии оила, ҳифзи модар ва кӯдак, инчунин дастгирии иҷтимоии маъюбон ва шаҳрвандони пиронсол пешбинӣ менамояд. Татбиқи ин муқаррарот дар рушди унсурҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, ташаккули низоми хизматрасониҳои иҷтимоӣ, муқаррар намудани нафақа, кумакпулӣ ва дигар кафолатҳои дастгирӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ифода мeёбад. Бо ҳамин тартиб, заминаҳои ҳуқуқие, ки ташаккул ва фаъолияти низоми таъминоти иҷтимоиро ба танзим медароранд, таҳким ёфта, барои амалишавии воқеии ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба зиндагии шоиста нақши муҳим мебозанд.

Бо вуҷуди аҳаммияти бузург ва хусусияти ҳамаҷонибаи таҳкими конститутсионии давлати иҷтимоӣ, дар таълимоти ҳуқуқӣ ва инчунин дар амалияи ҳуқуқшиносӣ то ҳол норавшанӣ дар мазмун ва муҳтавои ин мафҳум мушоҳида мегардад. Набудани назарияҳои ягонаи илмӣ оид ба мафҳум ва моҳияти давлати иҷтимоӣ, инчунин вобаста ба роҳҳои амалисозии ҳуқуқии он, метавонад ба пайдоиши мушкилоти назариявӣ ва амалии муайян дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ мусоидат намояд.

Таҳлили қонунгузории амалкунанда дар соҳаи таъминоти иҷтимоии инсон ва шаҳрванд нишон медиҳад, ки то ҳол дар он зиддиятҳои дохилӣ ва набудани муносибати низомнок мушоҳида мегарданд. Санадҳои қонунгузорӣ

аксар вақт берун аз доираи тарҳи ягонаи консептуалии давлати иҷтимоӣ таҳия шуда, дар бисёр ҳолатҳо бе дарназардошти робитаи мутақобилаи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ бо дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон қабул мегарданд. Дар натиҷа, дар танзими ҳуқуқии соҳа камбудиҳо ба миён омада, ҳолатҳои такрори ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва самаранокии нокифояи тадбирҳои амалишавандаи дастгирии иҷтимоӣ ба назар мерасанд.

Бо вуҷуди чораҳои андешидаи давлат дар ин самт, як қатор масъалаҳо ҳанӯз ҳалношуда боқӣ мондаанд. Аз ҷумла, паст будани сатҳи фаъолнокии шаҳрвандон ва огоҳии аҳолӣ оид ба масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ, инчунин набудани низоми самарабахши идоракунӣ ва назорати дурустии расонидани кумаки иҷтимоӣ аз ҷумлаи чунин мушкилот ба ҳисоб мераванд.

Ҳамаи ин омилҳо метавонанд раванди ноил гардидан ба ҳадафҳои дар Конститутсия эълонгардидаро то андозае мушкил намоянд ва дар баъзе ҳолатҳо ба татбиқи пурраи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд таъсири манфӣ расонанд. Эътирофи инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ (м. 5 Конститутсияи ҶТ) зарурати мавҷудияти роҳҳалҳои самаранок ва устувори татбиқи кафолатноки онҳоро пешбинӣ менамояд. Бо вуҷуди ин, метавон таъкид кард, ки чунин роҳҳалҳо дар шароити кунунӣ ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул ва такмил қарор доранд.

Давлате, ки мақоми «иҷтимоӣ»-ро соҳиб шудан мехоҳад, уҳдадор аст барои ҳар як шахсе, ки дар вазъияти душвори зиндагӣ қарор дорад, ҳадди ақалли неъматҳои иҷтимоиро таъмин намояд, то шароити зиндагии шоиста фароҳам гардад. Гарчанде ки дар Конститутсияи ҶТ муқаррароти мустақим оид ба ҳуқуқ ба сатҳи шоистаи зиндагӣ пешбинӣ нашудааст, ин ҳуқуқ аз принсипҳо ва меъёрҳои умумии эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ бармеояд ва бояд тавассути низоми самараноки ҳифзи иҷтимоӣ таъмин карда шавад. Аммо, тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, низоми амалкунандаи дастгирии иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ на ҳамеша имконияти татбиқи пурраи ин ҳуқуқро фароҳам меорад.

Дар шароити тағйироти иҷтимоӣ, қабули стратегияи мукаммали

сиёсати иҷтимоӣ аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо ба зарурати дигаргунсозии низоми таъминоти иҷтимоӣ ишора гардида, самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодӣ муайян шудаанд. Аз ҷумла, барномаҳои миллӣ, ки дар соҳаҳои тандурустӣ, маориф, манзил, кишоварзӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ амалӣ мегарданд, ба баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ равона гардида, бояд ба таҳкими пояҳои давлати иҷтимоӣ мусоидат намоянд. Бо вуҷуди ин, барои таъмини рушди устувор ва одилонаи иҷтимоӣ на танҳо захираҳои кофии моддӣ ва молиявӣ, балки таҳкими асосҳои меъёрӣ ва ниҳодии роҳҳалҳои ҳуқуқтатбиқнамоии иҷтимоӣ низ зарур мебошад.

Ҳамин тариқ, сатҳи зиндагии аҳолӣ, дараҷаи ҳифзи иҷтимоӣ ва татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ бевосита аз самаранокии танзими ҳуқуқӣ ва сатҳи иҷрои босифати меъёрҳои конститутсионӣ вобаста мебошанд.

Марҳилаи муосири рушди давлати Тоҷикистон зарурати бознигарии амиқи мазмун ва роҳҳалҳои татбиқи давлати иҷтимоиро, ки дар Конститутсия муқаррар шудааст, ба миён меорад. Дар ин замина таваҷҷуҳи махсус бояд на танҳо ба таҳқиқи доктринавии табиати иҷтимоию ҳуқуқии давлат равона гардад, балки инчунин ба таҳияи воситаҳои амалии ҳуқуқӣ, ки татбиқи воқеӣ ва пайдарпайи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро таъмин менамоянд, низ дода шавад. Дар чунин шароит, таҳқиқи ҳуқуқӣ-конститутсионии ин ҳуқуқ аҳаммияти махсус пайдо намуда, таҳияи роҳҳалҳои самараноки ҳуқуқии татбиқ ва ҳимояи он ба яке аз вазифаҳои афзалиятноки ҳам илми ҳуқуқ ва ҳам фаъолияти қонунгузорӣ табдил меёбад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои вобаста ба танзим ва татбиқи ҳуқуқи конститутсионии инсон ба таъминоти иҷтимоӣ дар илми ҳуқуқи муосири миллӣ ва байналмилалӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ аҳаммияти хосса доранд. Дар доираи илми ҳуқуқи хориҷӣ ин масъала ба таҳқиқоти мукаммали назариявӣ, таърихӣ ва соҳавӣ бахшида шудааст, ки дар онҳо моҳияти иҷтимоии давлат, табиати ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои

татбиқи амалии онҳо аз дидгоҳҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Бо вуҷуди ин, таҳлили чунин таҳқиқот нишон медиҳад, ки то имрӯз дар байни олимони соҳаи ҳуқуқ ягонагии назар нисбат ба масъалаҳои асосие, ки моҳият ва сохтори ҳуқуқҳои иҷтимоиро ҳамчун унсури муҳимми низоми конститутсионии давлат муайян менамоянд, ба вуҷуд наомадааст. Гуногунии равияҳои назариявӣ ва мавқеъҳои илмӣ оид ба мафҳум, мазмун ва роҳҳалҳои амалигардонии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ далели он аст, ки ин масъала то ҳол ниёз ба таҳқиқоти амиқ ва таҳлили мукаммал дорад.

Дар навбати худ, дар ҶТ масъалаҳои танзим ва татбиқи ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ то имрӯз мавзуи таҳқиқоти махсуси мураккаби умуминазариявии илмӣ қарор нагирифтаанд. Ягона кори бунёдии илмӣ дар ин самт байни муҳаққиқони ҳуқуқшинос рисолаи диссертатсионии М.А. Ғоибзода мебошад, ки таҳти унвони «Мушкилоти умуминзариявии рушди қонунгузории иҷтимоӣ дар ҶТ» [156] анҷом ёфтааст.

Дар байни асарҳои олимони ватанӣ зарур аст як қатор корҳои илмиро қайд намуд, ки то андозае ҷанбаҳои гуногуни марбут ба ташаккули ин ҳуқуқро фаро мегиранд. Аз ҷумла, заминаи таърихии ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ дар корҳои илмии чунин муҳаққиқони ватанӣ, мисли Э.Б. Буриев [23], А.М. Диноршоев [29; 31; 33], Ф.Т. Тоҳиров [69], ва А.Г. Холиқзода [72; 146], инъикос ёфтааст.

Ҳаҷми назарраси корҳои илмӣ ба омӯзиши мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» бахшида шудааст. Дар байни таҳқиқотҳое, ки ба ин мавзуъ рабт доранд, корҳои илмии Б.С. Гадоев [86], А.Д. Ғафурзода [89], А.И. Имомов [40], З.Ҷ. Маҷидзода [38], А.Х. Маликова [162], Э.С. Насриддинзода [53], ва Г.Д. Солеҳзода [170] Р.Ш. Шарофзода [64] С.Ш. Шарифзода [173], аҳаммияти махсус доранд.

Дар илми ҳуқуқи ватанӣ ба танзими ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон ҳамчун унсури муҳимми давлати иҷтимоӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мегардад. Дар ин

замина, бояд корҳои илмии чунин муҳаққиқони ватанӣ, мисли З. Ализода [78], С.Ю. Алимов [153], А.М. Диноршоев [158], И.Қ. Мирализода [164], Д.С. Раҳмон [126], Б.А. Сафарзода [60; 62], С.М. Салохидинова [57] ва Д.Х. Элназаров [74] зикр карда шаванд.

Ҳамчунин, зарур аст як қатор корҳои илмиро зикр намуд, ки ба таҳлили ҳуқуқҳои соҳавии марбут ба таъминоти иҷтимоӣ ва масъалаҳои рушди қонунгузории иҷтимоӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, бояд корҳои илмии Э.Д. Давлатмандзода [58], А.М. Ғоибзода [156], М.А. Маҳмудзода [52], А.Р. Нематов [167] ва Д.Ш. Сангинзод [59] қайд карда шаванд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти мазкур дар доираи нақшаи дарозмуддати корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддини Айнӣ барои солҳои 2026-2030 таҳти унвони «Масоили омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии инкишофи давлат ва ҳуқуқ анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Таҳлили назариявӣ ва тавзеҳи ҳуқуқии мазмуну моҳияти ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ, инчунин таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмии асоснок, ки ба баланд бардоштани самаранокӣ, дастрасӣ ва кафолатнокии татбиқи ин ҳуқуқ дар ҶТ равона гардидаанд, ҳадафи асосии таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадафи муайянгардида, дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳалли як қатор масъалаҳои илмӣ ва амалӣ пешбинӣ мегардад, ки ба таҳлили ҳамаҷонибаи танзими конститутсионию ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ равона шудаанд:

– тавзеҳи хусусиятҳои моҳиятии ҶТ ҳамчун давлати иҷтимоӣ, муайян намудани табиати ҳуқуқӣ-конститутсионии он ва аҳаммияти ин мақом дар заминаи таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

– таҳқиқи мафҳум, мазмун ва принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ дар ҶТ,

муайян намудани нақши он дар роҳҳали татбиқи давлати иҷтимоӣ ва таъмини ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ.

– пешниҳоди хусусиятҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, муайян намудани мазмун ва ҷойгоҳи он дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҶТ.

– таҳлили қонунгузории амалкунанда, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро дар ҶТ танзим менамояд, бо мақсади мукаммал намудани он.

– омӯзиши низоми кафолатҳои давлатӣ ва ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ, муайян намудани роҳҳалҳои амалкарди онҳо ва мушкилоти татбиқи амалӣ.

– тафсифи роҳҳалҳои ҳимояи ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ, арзёбии самаранокӣ ва асоснокии онҳо, инчунин таҳияи роҳҳои такмили минбаъдаи ин шаклҳо.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти ин таҳқиқоти диссертатсионӣ муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар раванди татбиқи ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд, инчунин муносибатҳои байни давлат ва шахс, ки дар робита ба таъмини ҳифзи иҷтимоӣ, пешниҳоди кафолатҳои иҷтимоӣ ва иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқии оммавӣ дар ин соҳа шакл мегиранд.

Дар ин замина, объекти таҳқиқот низоми бисёрзинагии ҳамкориҳоро дар бар мегирад, ки байни мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандон дар соҳаи татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, ки дар Конститутсия ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалии аз ҷониби ҶТ эътирофшуда муқаррар гардидаанд, ташаккул меёбанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи ин таҳқиқоти диссертатсионӣ меъёрҳо, принсипҳо ва падидаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ мебошанд, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардида, татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро танзим менамоянд.

Дар доираи мавзуи таҳқиқот таваҷҷуҳи махсус ба таҳлили мазмун ва муҳтавои муқаррароти Конститутсия равона мегардад, ки табиати ҳуқуқии

таъминоти иҷтимоиро муайян менамоянд, инчунин ба маҷмуи меъёрҳои қонунгузорӣ, ки шаклҳо, роҳҳалҳо ва расмиёти татбиқи ин ҳуқуқро ба таври муфассал танзим мекунанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Чорчӯби хронологии таҳқиқот давраи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад, зеро маҳз дар ин марҳила зарурати омӯзиши тамоюлҳои муосир ва тағйироти вобаста ба танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ба миён омадааст. Дар доираи таҳқиқот санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, ки ин ҳуқуқро танзим менамоянд, мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷанбаҳои амалӣ ва таҷрибаи татбиқи онҳо дар давраи зикршуда таҳлил гардидаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии ин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар рушди минбаъда ва амиқ гардонидани тасаввуроти илмӣ оид ба ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ ифода меёбад, ки яке аз унсурҳои муҳимтарини низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар ҶТ ба шумор меравад.

Ин таҳқиқот ба рушди илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ саҳм мегузорад, зеро мазмун ва табиати ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро дақиқ менамояд, ҷойгоҳ ва нақши онро дар роҳҳали татбиқи вазифаи иҷтимоии давлат муайян мекунад, инчунин робитаи байни ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, падидаи давлати иҷтимоӣ ва низоми сиёсати иҷтимоии давлатро боз менамояд.

Дар рисолаи диссертатсионӣ тарҳи консептуалии муаллиф оид ба ташаккул ва татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар заминаи бунёди давлати иҷтимоӣ дар ҶТ пешниҳод шудааст. Дар натиҷаи таҳлили қонунгузории амалкунанда, мавқеи ҳуқуқӣ ва манбаъҳои илмӣ, тамоюлҳо ва қонуниятҳои асосии рушди фаъолияти иҷтимоии давлатӣ дар доираи танзими конститутсионию ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд. Таваҷҷуҳи махсус ба паҳлуҳои мушкилоти танзими ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ равона гардида, ин таҳлил имкон додааст, ки пешниҳодҳои мушаххас ва асоснок оид ба

такмили қонунгузорӣ ва роҳҳали татбиқи ҳуқуқи дахлдор таҳия гарданд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои назариявие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ироа шудаанд, фаҳмиши илмиро дар бораи моҳият ва хусусиятҳои таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун ҳуқуқи конститутсионӣ амиқ мегардонанд ва ҳамзамон доктринаи ҳифзи ҳуқуқии табақаҳои иҷтимоии осебпазирро таҳким мебахшанд. Натиҷаҳои бадастомада ба густариши дониши илмӣ дар бораи табиати ҳамкории иҷтимоии байни шахс ва давлат мусоидат мекунанд, махсусан дар соҳаи татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ.

Ҳангоми таҳияи рисолаи диссертатсионӣ муаллиф ба корҳои илмии як қатор муҳаққиқони ватанӣ такя намудааст, аз ҷумла: З. Ализода, С.Ю. Алимов, Ғ.М. Бобокалонов, Б.С. Гадоев, А.М. Диноршоев, А.И. Имомов, З.Ҷ. Маҷидзода, У.К. Муминов, Б.А. Сафарзода, Д.С. Раҳмон, М.З. Раҳимзода, С.М. Салохидинова, Д.Ш. Сангинзод, Н. Шонасриддинов, Д.Х. Элназаров ва дигарон.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Асоси методологии ин таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмуи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси илмии маърифатро ташкил медиҳад, ки дар илми ҳуқуқ таҷриба ва санҷиш ёфтаанд ва барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи низоми ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ замина фароҳам меоранд.

Пойгоҳи ибтидоии методологӣ усули диалектикӣ мебошад, ки имконият фароҳам овардааст падидаҳои ҳуқуқии мавриди таҳқиқ дар робитаи дохилӣ, дар раванди инкишоф ва дар доираи зиддиятҳои онҳо ҳамаҷониба ва пайдарпай таҳлил карда шаванд. Дар доираи ин усул равишҳои умумии илмӣ татбиқ гардидаанд, ки усулҳои таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, инчунин умумисозӣ ва таснифро дар бар мегиранд. Истифодаи ин усулҳо пайдарпайии мантиқии таҳқиқотро таъмин намуда, имконият дод, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ асоснок ва мураттаб баён карда шаванд.

Дар таҳқиқот инчунин усулҳои махсуси илмии ҳуқуқӣ истифода

гардидаанд, ки омӯзиши амиқ ва мушаххаси маводи конститутсионию ҳуқуқиро таъмин намуданд. Аз ҷумла, чунин усулҳоро метавон зикр намуд:

Усули муқоисавии ҳуқуқшиносӣ – барои таҳлили муқоисавии қонунгузории ҶТ бо низомҳои ҳуқуқии давлатҳои дигар, инчунин бо меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон истифода шудааст. Ин усул имкон дод, ки хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи танзими ҳуқуқӣ муайян гардида, инчунин тавсияҳо оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таҳия карда шаванд.

Усули сохторию низомӣ (низомӣ-сохторӣ) – имконият фароҳам овард, ки ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун унсури таркибии низоми ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон таҳлил карда шавад, сохтори дохилии он ва робитаҳои мантиқии он бо дигар ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва инчунин бо принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд муайян гарданд.

Усули таърихию ҳуқуқӣ – имконият фароҳам овард, ки эволютсияи танзими ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ пайгирӣ карда шавад, инчунин марҳилаҳои ташаккул ва рушди таҳкими конститутсионии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ дар заминаи тағйироти иҷтимоию сиёсӣ ва ислоҳоти ниҳодӣ муайян гарданд.

Бо дарназардошти хусусияти байнисоҳавӣ ва мураккабии масъалаи татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, дар ҷараёни таҳқиқот ҳамчунин равишҳои байнифаннӣ истифода шудаанд, ки ба истифодаи дастовардҳои соҳаҳои ҳаммарз нигаронида шудаанд. Ин ба он вобаста аст, ки мавзуи мавриди таҳқиқ дар буриши як қатор соҳаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ қарор дорад, аз ҷумла ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ, фалсафаи ҳуқуқ, сиёсати иҷтимоӣ, сотсиология ва таърих.

Ҳамин тариқ, маҷмуи усулҳои методологӣ, ки дар ҷараёни таҳқиқот истифода шудаанд, муносибати ҳамаҷониба ва бонизомро ба ҳалли масъалаҳои илмии гузошташуда таъмин намуданд. Ин равиш имкон дод, ки

таҳлили ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ анҷом дода шуда, муқаррароти илмие баён гарданд, ки дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Асоси меъёрӣ-ҳуқуқии таҳқиқоти мазкурро Конститутсияи ҶТ, санадҳои байналмилалии ҳуқуқие, ки аз ҷониби ҶТ тасдиқ шудаанд, инчунин қонунгузории амалкунандаи миллӣ мебошад, ки татбиқи ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоиро танзим менамояд.

Дар ҷараёни таҳқиқот таҳлили ҳамаҷонибаи амалияи татбиқи ҳуқуқ анҷом дода шудааст, ки омӯзиши санадҳои қонунгузорӣ, ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва ташаббусҳои меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки ба танзим ва татбиқи ҳуқуқи мавриди таҳқиқ равона шудаанд.

Таҳлили манбаъҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва адабиёти илмӣ имкон дод, ки қонуниятҳои ташаккул ва рушди роҳҳали таъмини ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ муайян карда шаванд, инчунин самтҳои калидии такмили он дар шароити муосир мушаххас гарданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Ин рисолаи диссертатсионӣ яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар илми ҳуқуқи ҶТ мебошад, ки ба яке аз масъалаҳои калидии ҳуқуқии марҳилаи муосири рушди давлат – таҳкими ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ бахшида шудааст.

Бо вуҷуди болоравии аҳаммият ва зарурати таҳқиқи ин мавзуъ дар шароити ташаккули давлати иҷтимоӣ ва навсозии низоми ҳифзи иҷтимоӣ, масъалаҳои вобаста ба табиати ҳуқуқӣ, мазмун, роҳҳалҳо ва кафолатҳои татбиқи ин ҳуқуқи конститутсионӣ то имрӯз дар адабиёти илмии ватанӣ таҳлили ҳамаҷониба ва низомнок наёфтаанд.

Дар ин таҳқиқот кӯшиш ба харҷ дода шудааст, то холигии мавҷуда дар доктринаи ҳуқуқӣ пур карда шавад. Аз ҷумла, зарурати рушди равишҳои назариявӣ барои дарки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ, ки сатҳи шоистаи зиндагӣ ва суботи иҷтимоиро таъмин менамояд, асоснок карда шудааст.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда ҳам заминаҳои конститутсионию ҳуқуқии таҳкими ин ҳуқуқро дар бар мегирад ва ҳам роҳҳалҳои амалии татбиқи онро ба таҳлили пояи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, таҷрибаи судӣ ва таъминоти ниҳодиро фаро мегирад.

Рисолаи диссертатсионии мазкур ба ташаккули назарияи илмӣ-асоснокии татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ равона шудааст, ки ба таҳқиқот на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки арзиши амалӣ низ мебахшад, махсусан дар заминаи такмили минбаъдаи қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар соҳаи иҷтимоӣ.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар асоси таҳлили доктринаи ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ аз ҷониби муаллиф асоснок карда мешавад, ки мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» дорои табиати бисёрҷанба буда, дар илми ҳуқуқӣ тавассути як қатор равишҳои назариявӣ шарҳ дода мешавад. Ба андешаи рисоланавис, равишҳои мавҷуда ба панҷ навъ ҷудо мегарданд: бозтақсимотӣ, функсионалӣ-иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ-устуворгардонӣ ва шарикӣ. Ҳамзамон, дар асоси ҷамъбасти ин назарияҳо муайян мегардад, ки дар доктринаи ҳуқуқӣ ду фаҳмиши асосии мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» ташаккул ёфтааст – фаҳмиши маҳдуд ва фаҳмиши васеъ. Дар доираи фаҳмиши маҳдуд давлати иҷтимоӣ пеш аз ҳама ҳамчун воситаи амалисозии сиёсати иҷтимоӣ, бозтақсимоти захираҳои иқтисодӣ ва таъмини низоми кафолатҳои иҷтимоӣ баррасӣ мегардад, дар ҳоле ки фаҳмиши васеъ онро ҳамчун сифати арзишию принсипии давлатдорӣ, ки дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкам гардида, ҳамкории давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусиро дар татбиқи масъулияти иҷтимоӣ дар бар мегирад, муайян менамояд. Дар асоси таҳлили маводи илмӣ таърифи зерини муаллифии мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» пешниҳод гардид: давлати иҷтимоӣ давлате мебошад, ки инсонро ҳамчун арзиши олӣ эътироф намуда, уҳдадор мешавад ба шаҳрвандон шароити шоистаи зиндагӣ, озодии рушд ва имконияти амалӣ намудани иқтидори инсонӣ фароҳам оварад; ҳамзамон, дар доираи он масъулияти иҷтимоии

давлат дар назди шаҳрвандон ва ҷомеа ҳамчун хусусияти бунёдии фаъолияти давлатӣ татбиқ мегардад.

2. Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар ҶТ баррасӣ гардида, мазмуни принсипи давлати иҷтимоиро, ки дар м.1 Конститутсияи ҶТ муқаррар шудааст, таҷассум менамояд. Ин ҳуқуқ ба ҳифз ва дастгирии шахсоне равона гардидааст, ки бинобар сабабҳои объективӣ қобилияти меҳнатиро аз даст додаанд ё дар шароити душвори иҷтимоию иқтисодӣ қарор доранд. Аз лиҳози табиати ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ хусусияти барномавӣ дошта, давлатро муваззаф менамояд, ки тавассути сиёсати иҷтимоии мақсаднок, роҳҳалҳои азнавтақсимкунии захираҳо ва ташаккули кафолатҳои ниҳодӣ татбиқи воқеии онро таъмин намояд. Муаллиф асоснок менамояд, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дорои табиати комплексӣ ва бисёрсатҳӣ мебошад, зеро дар худ унсурҳои конститутсионӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ниҳодмандро муттаҳид менамояд. Ин ҳуқуқ ҳамчун яке аз рукнҳои муҳимми давлати иҷтимоӣ баромад намуда, хусусияти субъективӣ дошта, ба шахс имконияти талаб намудани татбиқи кафолатҳои муқарраршударо аз ҷониби давлат фароҳам меорад. Аз ин рӯ, он на танҳо меъёри эълоншудаи конститутсионӣ, балки механизми воқеии таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ ва ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон мебошад. Дар асоси таҳлили гузаронидашуда рисоланавис қайд менамояд, ки мафҳумҳои «ҳимояи иҷтимоӣ» ва «таъминоти иҷтимоӣ» дорои мазмуни гуногуни ҳуқуқӣ мебошанд, гарчанде ки байни онҳо робитаи зичи функсионалӣ мавҷуд аст. «Ҳимояи иҷтимоӣ» ҳамчун уҳдадории конститутсионии давлат ва самти стратегии сиёсати иҷтимоӣ баррасӣ гардида, ба таъмини зиндагии арзанда, коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ ва таҳкими адолати иҷтимоӣ равона шудааст. Дар навбати худ, «таъминоти иҷтимоӣ» шакли мушаххаси ниҳодманд ва ҳуқуқии татбиқи ин уҳдадории умумӣ буда, дар доираи муносибатҳои азнавтақсимкунии захираҳои моддӣ ва дастгирии суроғавии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ амалӣ мегардад.

3. Самаранокии татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ аз ҳамоҳангӣ ва ягонагии фаъолияти низоми бисёрзинагии кафолатҳо вобаста аст, ки унсурҳои меъёрӣ, расмиётӣ, мурофиавӣ ва назоратиро дар бар мегирад. Кафолатҳои меъёрӣ – мушаххасии ҳуқуқиро таъмин намуда, принсипҳои адолати иҷтимоӣ, ҳамбастагӣ ва баробарии имкониятҳоро таҳким мебахшанд; кафолатҳои расмиётӣ ва мурофиавӣ тартиби таъмини пардохтҳо ва хизматрасониҳои иҷтимоиро танзим намуда, ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшударо таъмин мекунанд; роҳҳалҳои назоратӣ ба баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва масъулияти мақомоти татбиққунандаи сиёсати иҷтимоӣ мусоидат менамоянд. Ҳамкории мутавозин ва ҳамоҳангшудаи ҳамаи ин унсурҳо шароити татбиқи воқеии на танҳо эълонии ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоиро фароҳам меорад.

Амалиёти муосири татбиқи ҳуқуқ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ шакли юрисдиксионии ҳимоя мақоми ҳукмрон дорад, ки он ба муроҷиати шаҳрвандон ба мақомоти ваколатдор ва ниҳодҳои судӣ асос меёбад. Бо вуҷуди ин, шумораи зиёди муроҷиатҳои шаҳрвандон дар масъалаҳои татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ аз самаранокии нокифояи расмиёти маъмурӣ ва маҳдуд будани роҳҳалҳои ҳалли пешазсудии баҳсҳо шаҳодат медиҳад. Ин ҳолат ба мавҷудияти тафовут байни муқаррароти меъёрӣ ва эҳтиёҷоти воқеии иҷтимоии аҳолӣ ишора мекунад.

Дар ин замина, дар шароити ташаккули давлати иҷтимоии комил, зарурати васеъ гардонидан ва ниҳодманд намудани шаклҳои ғайриюрисдиксионии ҳимояи ҳуқуқ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Ин пеш аз ҳама, ба рушди роҳҳалҳои алтернативии ҳалли баҳсҳои иҷтимоӣ, таҳкими нақши иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар падидаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин ба ҷорӣ намудани тартиботи танзими пешазсудии баҳсҳо вобастаанд. Истифодаи чунин воситаҳо метавонад дастрасии шаҳрвандон ба ҳимояи ҳуқуқиро беҳтар созад, бори аз ҳад зиёди баррасии судиро коҳиш диҳад, сифати ҳамкории шаҳрвандон бо мақомоти

ҳифзи иҷтимоиро баланд бардорад ва боиси самаранокии фаъолияти тамоми низоми кафолатҳои иҷтимоиро афзоиш диҳад.

4. Таҳлили қонунгузории амалкунандаи иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки дар раванди танзими ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ихтилофи назар ва номувофиқатӣ дар тартиби ҳимояи маъмурии он мушоҳида мегардад, ки метавонад ба самаранокии татбиқи ин ҳуқуқ таъсири манфӣ расонад. Аз ин рӯ, зарур шуморида мешавад, ки ба қонунҳои зерин тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд: Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии касбии нафақа» ва ба онҳо моддаи зерин илова гардад:

«Шикоят аз қарори мақомоти ваколатдор»

Шикоят нисбат ба қарори мақомоти ваколатдор метавонад ба мақомоти давлатии дахлдор ё ба суд мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ пешниҳод карда шавад.

Ворид намудани чунин муқаррарот ба таҳкими стандарти ягонаи танзими ҳуқуқии масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ мусоидат менамояд, ки он аз мазмуни Конститутсияи кишвар ва Қонуни ҶТ «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» бармеояд.

– Ҳамчунин, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии роҳҳали ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва васеъ намудани доираи фаъолияти падидаҳои назорати ҷамъиятӣ, мувофиқ аст, ки ба қонунгузории амалкунандаи ҶТ тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд. Ин тағйирот бояд вусъат додани салоҳияти иттифоқҳои касаба ва дигар мақомоти намояндагии кормандонро дар самти назорат на танҳо бар фаъолияти соҳаи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, балки дар соҳаи дигар намудҳои суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ, аз ҷумла суғуртаи тиббӣ, суғурта дар ҳолати муваққатан аз даст додани қобилияти меҳнат ва вобаста ба модариро пешбинӣ намояд. Муайян намудани чунин ваколатҳо имконият фароҳам меорад, ки равишҳои ягона барои назорат аз қонунӣ ва асоснокии пешниҳоди кафолатҳои иҷтимоӣ таъмин карда шаванд, шаффофияти расмиёти тақсими воситаҳои суғуртавӣ

баланд бардошта шавад ва нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқ ва ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ муҳимму аҳаммиятнок тақвият ёбад. Барои татбиқи ин тадбир, зарур аст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррароти ҳатмӣ оид ба таъсиси комиссияҳо (ё интихоби шахсони ваколатдор) дар масъалаҳои риояи меъёрҳои суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ дар ҳамаи корхонаҳо пешбинӣ карда шавад, инчунин тартиби ҳамкорӣ ва ҳамоҳангии ин сохторҳо бо мақомоти давлатии назорат ва санҷиш муқаррар гардад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ, бахусус назарияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд мусоидат менамоянд. Муқаррароти назариявӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳқиқот заминаҳои илмӣ ва методологии омӯзиши масъалаҳои вобаста ба мазмун, кафолатҳо, шаклҳои татбиқ ва механизми ҳифзи ҳуқуқи конститутсионӣ шаҳрвандон ба таъминоти иҷтимоиро такмил медиҳанд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти илмӣ дар самти такмили низоми таъминоти иҷтимоӣ, таҳкими кафолатҳои конститутсионии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани самаранокии амалисозии онҳо аҳаммияти муҳим доранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар самтҳои зерин истифода шаванд: дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ – барои таҳияи минбаъдаи масъалаҳои назариявии ҳуқуқи конститутсионӣ шаҳрвандон ба таъминоти иҷтимоӣ ва кафолатҳои амалишавии он; дар фаъолияти қонунгузорӣ – зимни такмили минбаъдаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ; дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ – барои баланд бардоштани самаранокии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба нафақа, кумакпулиҳо, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва дигар шаклҳои дастгирии иҷтимоӣ. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълимӣ ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва баргузории машғулиятҳо аз фанҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи

таъминоти иҷтимоӣ ва ҳуқуқи инсон мавриди истифода қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Боэътимодии натиҷаҳои илмие, ки дар ин таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омадаанд, тавассути таҳлили объективӣ, пайдарпай ва ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии татбиқ ва ҳимояи ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ таъмин мегардад. Таҳқиқот бар асоси равиши методологӣ-санҷидашуда анҷом дода шудааст, ки омӯзиши мукаммали манбаъҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, маъмурӣ, байналмилалӣ ва иҷтимоиро дар назар дорад ва ин имконият медиҳад, то амиқии илмӣ ва асоснокии хулосаҳои баёнгардида таъмин карда шаванд.

Дар раванди таҳқиқот омӯзиши дақиқ ва таҳлили интиқодии мафҳумҳо ва доктринаҳои асосие анҷом дода шудааст, ки аз ҷониби илми ҳуқуқ дар масъалаҳои марбут ба давлати иҷтимоӣ, сиёсати иҷтимоӣ ва танзими ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ ташаккул ёфтаанд. Таваҷҷуҳи махсус ба дарки равишҳои назариявию ҳуқуқии муосир равона гардидааст, ки дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ мавҷуданд, инчунин ба ҷамъбасти мавқеъҳои ҳуқуқӣ, таҷрибаи татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ ва меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳа мавриди баррасӣ қарордошта, бахшида шудааст.

Таҳлил ҳам ҷанбаҳои назариявии мазмун ва табиати таъминоти иҷтимоиро ҳамчун ҳуқуқи конститутсионӣ фаро мегирад ва ҳам масъалаҳои амалиро, ки ба роҳҳалҳои татбиқи он, шаклҳои дастгирии давлатӣ, сатҳи ҳифзи ҳуқуқии шаҳрвандон, инчунин мушкилот ва зиддиятҳои мавҷуда дар қонунгузорӣ ва амалия марбутанд. Дар раванди таҳқиқот андешаҳо ва хулосаҳои мутахассисони пешбари соҳаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, маъмурӣ ва иҷтимоӣ ба назар гирифта шудаанд, ки ин фарогирии муҳиммияти илмии мавзуъ ва пуррагии таҳлили масъалаи мавриди таҳқиқро таъмин намудааст.

Муқаррароти илмие, ки дар рисолаи диссертатсионӣ баён шудаанд, бар заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ, оморӣ ва эмпирӣ асос ёфтаанд, ки матнҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ ва амалияи судиро дар бар мегиранд. Ин ҳолат ба хулосаҳо ва пешниҳодҳои

таҳқиқот дараҷаи баланди боэътимодӣ, асоснокӣ ва қобилияти амалӣ мебахшад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои дар рисола ироашуда дорои дараҷаи баланди боэътимодии илмӣ, дақиқии методологӣ ва аҳаммияти амалӣ мебошанд, ки имкон медиҳанд, онҳо ҳам дар таҳқиқоти минбаъдаи назариявӣ ва ҳам дар раванди такмили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ дар соҳаи татбиқи ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Саҳми шахсии муаллиф дар анҷом додани ин таҳқиқот пурра ба сатҳи навоварии илмии рисола, инчунин ба муқаррароти асосӣ ва хулосаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, мутобиқат дорад. Дар раванди таҳқиқот муаллиф мустақилона андешаҳои илмиро таҳия намуда, таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи мавриди омӯзиш, рушди равишҳои консептуалӣ оид ба такмили роҳҳали ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоиро анҷом додааст ва роҳҳои такмили қонунгузорӣ дар ин соҳаро пешниҳод намудааст. Сохтор ва услуби рисола, асоснокии методологӣ, пайдарпайии мантиқӣ ва асоснокии хулосаҳо саҳми шахсии амиқи муаллифро дар рушди илми ватанӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ инъикос намуда, арзиши илмӣ ва аҳаммияти амалии ин таҳқиқотро таъмин менамоянд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот**. Рисолаи диссертатсионӣ дар кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ таҳия гардида,

дар ҷаласаи кафедраи мазкур баррасӣ ва барои ҳимоя тавсия шудааст. Маводи таҳқиқот, инчунин дар маърузаҳои муаллиф дар конфронсҳо, семинарҳои илмӣ ва дигар нашрияҳои илмӣ инъикос ёфтааст:

**А) байналмилалӣ**

– Конфронси байналмилалии илмӣ-амалии «XV хониши Ломоносовӣ – Кооператсияи стратегияҳои илмӣ ва миллӣ: навсозии рақамӣ ва рушди инноватсионӣ» дар мавзуӣ «Асосҳои конститутсионӣ ва роҳҳалҳои татбиқи сиёсати иҷтимоӣ дар ҶТ». – Душанбе, 2025.

**Б) ҷумҳуриявӣ**

– Конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Конститутсия ҳамчун омили суботи давлат», маъруза дар мавзуи «Моҳияти ҶТ ҳамчун давлати иҷтимоӣ» Душанбе, 2022.

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Нақши Конститутсия дар амалишавии ҳадафҳои стратегии давлат» дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ. – Душанбе, 2022.

– Конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Конститутсия ҳамчун омили суботи давлат», маъруза дар мавзуи «Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии инсон» Душанбе, 2024.

– Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ «Масоили ҳифз ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҶТ» маъруза дар мавзуи «Унсурҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар Конститутсияи ҶТ». – Душанбе 2025.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф 9 мақолаи илмӣ нашр намудааст, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандае, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тавсия шудааст, чоп шудаанд. Дигар 5 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ ва махсуси соҳавӣ нашр гардидаанд, ки натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии бадастомадаро дар раванди таҳқиқот инъикос менамоянд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи диссертатсионӣ аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, ки дар он мубрам будани таҳқиқот асоснок карда шудааст, мақсад, вазифаҳо, объект, мавзуъ, методология ва навоварии илмии таҳқиқот муайян шудаанд, се боб, ки аз шаш зербоб иборатанд ва ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқотро дар бар мегиранд, хулоса, ки дар он натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, тавсияҳо оид ба истифодаи амалӣ пешниҳод шудаанд, рӯйхати адабиёт ва манбаъҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, инчунин рӯйхати нашрияҳои илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола 199 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНИИ СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Моҳияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ

Қисми 3-юми м.1-уми Конститутсияи ҶТ асоси конститутсионии мақоми иҷтимоии давлатро муқаррар намуда, ҶТ-ро ҳамчун давлати иҷтимоӣ муайян мекунад. Ин меъёр ухдадории давлатро ҷиҳати фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста ва таъмини рушди озодонаи инсон ифода менамояд. Яъне, давлати иҷтимоӣ ҳамчун шакли фаъолияти ҳокимияти давлатӣ фаҳмида мешавад, ки ба ҳифзи инсон, коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ ва дастгирии гурӯҳҳои осебпазир равона гардидааст. Аз ин рӯ, сиёсати иҷтимоии давлат бояд ба кафолати воқеии ҳуқуқу озодиҳо, таҳкими адолати иҷтимоӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ нигаронда шавад.

Ақидаи давлати иҷтимоӣ таҳти таъсири омилҳои таърихӣ, иқтисодӣ ва фалсафӣ ташаккул ёфтааст. Ин ақида ҳамчун посух ба мушкилоти вобаста ба ноадолатиҳои иҷтимоӣ, равандҳои индустриализатсия ва зарурати таъмини субот ва адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа ба миён омадааст. Назарияи мазкур тадриҷан рушд намуда, дар қонунгузорӣ ва сиёсати давлатҳои гуногун, махсусан пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, мавқеи устувор пайдо кард.

Таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ дар мавриди заминаҳои таърихии ташаккули ин падида нишон медиҳад, ки «ташакули мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» ва таҳкими он дар сатҳи қонунгузорӣ дар се сатҳ арзёбӣ мегардад: аввалан, сатҳи илмӣ-доктриналӣ, яъне ҳамчун як ақидае, ки инкишофи назарияи давлати иҷтимоиро дар осори файласуфон ва олимон инъикос менамояд; дувум, сатҳи меъёрӣ, яъне ҳамчун принсипи конститутсионӣ ва дигар қонунҳои асосии кишварҳо сабт шудааст ва сеюм, сатҳи амалӣ, яъне ҳамчун фаъолияти амалии мақомотҳои давлатӣ, ки ба ҳалли мушкилоти иҷтимоии ҷомеа равона шудааст» [113, с. 40-45; 170, с. 20-21].

Бо такя ба ин назар, метавон гуфт, ки таҳлил ва шарҳи илмии мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» дорои решаҳои таърихии амиқ буда, ба осори мутафаккирони антиқӣ бармегардад. Аммо, дар шакли принсипи меъёрӣ ва

таҷрибаи эмпирикӣ, давлати иҷтимоӣ падидаи нисбатан нав ба ҳисоб меравад. Зоҳиршавии меъёрӣ ва амали он бар асоси заминаҳои назариявие амалӣ гардид, ки дар асри XIX ба таври ниҳоӣ ташаккул ёфта буданд.

Бархилофи ақидаҳои давлати ҳуқуқбунёд ва принсипи таҷзияи ҳокимият, ки дар асрҳои XVII–XVIII пайдо шуда, зуд дар тарҳҳои конститутсионии давлатҳо таҷассум ёфтанд, ғояи давлати иҷтимоӣ ҳамчун равияи илмӣ ва назарияи мустақили ҳуқуқӣ танҳо дар асри XIX зуҳур намуд [170, с. 20-21]. Ба ақидаи О.Ю. Апарина, «то асри XIX ақидаи давлати иҷтимоӣ на ҳамчун ғояи илмӣ ва на ҳамчун назарияи алоҳидаи ҳуқуқӣ вуҷуд надошт» [81, с. 58].

Дар ҳақиқат, падидаи мазкур ҳамчун вокуниш ба зарурати коҳиш додани нобаробариҳои иҷтимоӣ, ки дар давраи инқилоби саноатӣ шиддат гирифтанд, ба вуҷуд омад. Ин падида марҳилаҳои муайяни ташаккулро паси сар намуд, ки онҳоро метавон шартан ба чор давра тақсим кард.

Давраи аввалро метавон давраи пайдоиши ғояи давлати иҷтимоӣ номид. Ғояи мазкур дар равандҳои инкишофи фалсафаи иҷтимоӣ ва назарияҳои иқтисодӣ ташаккул ёфта, ҷустуҷӯи ҷомеа барои тартиботи одилона, ки бар баробарии имкониятҳо ва ҳимояи табақаҳои осебпазир асос ёфтааст, инъикос намуд.

Сарчашмаи ташаккули ин ғоя ба номи ҳуқуқшиноси олмонӣ Лоренс фон Штейн марбут дониста мешавад, ки дар миёнаҳои асри XIX бори нахуст мафҳуми «давлати иҷтимоӣ»-ро ҳамчун шакли давлатдории фаъол дар самти таъмини адолати иҷтимоӣ асоснок намудааст. Ба андешаи ӯ, давлат наметавонад танҳо бо таъмини тартибот ва амният маҳдуд гардад, балки уҳдадор аст манфиатҳои табақаҳои заҳматкашро ҳимоя намуда, сатҳи ҳадди ақалли зиндагиро кафолат диҳад ва бар зидди фақр мубориза барад [170, с. 20-21].

Давраи дувум – марҳилаи татбиқи амалӣ мебошад. Ин марҳила дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX оғоз гардида, посух ба чолишҳои саноаткунонӣ ва шаҳрсозӣ буд. Намунаи равшани марҳилаи ибтидоии

татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ислоҳот дар Олмон дар солҳои 1880 таҳти роҳбарии Отто фон Бисмарк мебошад. Дар ин давра заминаҳои низоми давлатии суғуртаи иҷтимоӣ гузошта шуданд, ки суғуртаи нафақа, беморӣ ва садамаҳои истеҳсолиро дар бар мегирифтанд. Ҳамзамон, чунин равандҳо дар дигар кишварҳои Аврупо, аз ҷумла дар Британияи Кабир, Фаронса ва кишварҳои Скандинавия низ мушоҳида мегардиданд. Дар ин давлатҳо падидаҳои таъминоти иҷтимоии давлатӣ ташаккул ёфта, принсипҳои некӯаҳволии умумӣ тадриҷан мустаҳкам гардиданд [107, с. 448].

Давраи сеюм – марҳилаи таҳаввул ва танзими конститутсионии ин мафҳум ба ҳисоб меравад. Дар нимаи дуюми асри XX назарияи давлати иҷтимоӣ рушд намуда, дар таҷрибаи давлатӣ-ҳуқуқии кишварҳои гуногун мавқеи устувор пайдо кард. Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ин назария ба таълимоти конститутсионии бисёр давлатҳо ворид гардида, ҳамчун унсури ҷудонопазири тарҳи муосири давлат эътироф шуд. Он дар баробари принсипҳои давлатдории ҳуқуқбунёд ва демократӣ, таҷзияи ҳокимият ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон мавқеи устувор касб намуд [160, с. 30]. Ҳамзамон бояд таъкид намуд, ки моҳияти фарогири ин мафҳум маҳз тавассути танзими конститутсионии он зоҳир мегардад. Зеро он, аз як тараф, сиёсати давлатро ба самти ҳимояи шаҳрвандон ва амалисозии ҳуқуқҳои иҷтимоии онҳо равона месозад, аз ҷониби дигар, доираи уҳдадориҳои иҷтимоии давлатро муайян мекунад. Ба ҷумлаи чунин уҳдадориҳо, аз ҷумла, ташаккули низоми ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳои тандурустӣ, маориф, меҳнат ва низоми таъминоти иҷтимоӣ дохил мешаванд [113, с. 40-45].

Ҳамин тариқ, таҳкими ғояи давлати иҷтимоӣ дар сатҳи конститутсионӣ на танҳо барои ташаккули назариявии давлат, балки барои фаъолияти амалии он аҳаммияти муҳим дорад. Эътирофи конститутсионии он нишонаи иродаи давлат дар самти таъмини адолати иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон ва рушди устувори ҷомеа мебошад.

Давраи чорум – эътироф ва танзими байналмилалии маҳфуми мазкур

мебошад. Таҳлили санадҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки дар онҳо мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» таърифи мустақими универсалӣ надорад, аммо мазмуну моҳияти он тавассути низоми меъёрҳо ва уҳдадориҳои давлатҳо дар самти таъмини сатҳи арзандаи зиндагии инсон ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ, он на ҳамчун истилоҳи алоҳида, балки ҳамчун тарҳи функсионалии давлат, ки масъулияти иҷтимоии онро дар назди инсон ифода менамояд, дарк карда мешавад. Ин равиш дар санадҳои асосии байналмилалӣ таҷассум ёфтааст, аз ҷумла дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (минбаъд – ЭУҲБ), ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва сатҳи арзандаи зиндагиро муқаррар намуд, инчунин дар Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (минбаъд – ПБҲИИФ), ки ба ин ҳуқуқҳо хусусияти уҳдадоркунандаи ҳуқуқӣ дода, принсипи татбиқи тадриҷӣ ва истифодаи ҳадди аксари захираҳои давлатро мустаҳкам кард. Ҳамин тавр, дар натиҷаи рушди ҳуқуқи байналмилалӣ ғояи давлати иҷтимоӣ ба низоми стандартҳои универсалии иҷтимоӣ табдил ёфта, масъулияти иҷтимоии давлат, дастрасӣ ба хизматрасониҳои асосӣ ва ҳимоя аз камбизоатиро ҳамчун уҳдадориҳои байналмилалӣ муқаррар намудааст. Ин маҷмуи меъёрҳо мазмуни муосири назарияи давлати иҷтимоиро дар сатҳи байналмилалӣ муайян мекунад [60, с. 267-268].

Таҳлили давраҳои рушди ғояи давлати иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки он аз ғояи назариявии адолати иҷтимоӣ ба тарҳи мукаммали ҳуқуқию сиёсӣ табдил ёфтааст. Дар марҳилаи ибтидоӣ ин мафҳум ҳамчун посухи фикрии ҷомеа ба нобаробарии иҷтимоӣ ташаккул ёфта, дар осори олимон асоснок гардидааст. Марҳилаи дувум бо татбиқи амалӣ алоқаманд буда, ба ташаккули низоми давлатии ҳифзи иҷтимоӣ замина гузоштааст. Дар марҳилаи сеюм назария мақоми конститутсионӣ касб намуда, ба унсури сохтории давлати муосир дар баробари принсипҳои ҳуқуқбунёдӣ ва демократӣ табдил ёфт. Ниҳоят, дар марҳилаи чорум, ин ғоя дар сатҳи байналмилалӣ тавассути санадҳои байналмилалӣ ба низоми уҳдадориҳои универсалии давлатҳо дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини сатҳи арзандаи зиндагӣ табдил ёфтааст.

Ҳамин тавр, инкишофи ғояи давлати иҷтимоӣ гузариш аз назария ба татбиқи амалӣ, сипас ба мустаҳкамшавии конститутсионӣ ва ниҳоят ба падидаи меъёрии байналмилалиро инъикос намуда, онро ҳамчун шакли олии масъулияти иҷтимоии давлат дар назди инсон муаррифӣ менамояд.

Омӯзиши мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» дар заминаи илми ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ дошта, он аз як қатор омилҳо сарчашма мегирад, ки моҳият ва зарурати онро барои давлати муосир муайян месозанд.

Нахуст, давлати иҷтимоӣ яке аз шаклҳои бунёдии ташкили давлатдорӣ дар шароити низоми ҳуқуқбунёд ва демократӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзиши он ба фаҳмиши амиқи принсипҳои адолати иҷтимоӣ, ҳамбастагӣ ва баробарӣ мусоидат менамояд, ки дар навбати худ имконият фароҳам меорад то моҳияти давлат ҳамчун сохторе, ки вазифадор аст зиндагии шоистаро барои ҳар як шаҳрванд таъмин намояд, дақиқтар дарк карда шавад.

Сонияи, таҳлили ғояи давлати иҷтимоӣ ба рушди қонунгузорӣ таъсири мустақим мерасонад, зеро он ба ҳимоя ва татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ равона гардидааст. Ин ҷанба барои давлатҳое, ки дар марҳилаи ташаккули давлатдории иҷтимоӣ қарор доранд, аз ҷумла барои ҶТ, аҳаммияти муҳимми амалӣ дорад. Дар чунин шароит, яке аз вазифаҳои асосии давлат таҳия ва татбиқи роҳҳалҳои муосири ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Ғайр аз ин, давлати иҷтимоӣ ҳамчун воситаи мутобиқшавии давлат ба даъватҳои муосир, аз ҷумла ҷаҳонишавӣ, бӯҳронҳои иқтисодӣ, тағйироти демографӣ ва афзоиши нобаробариҳои иҷтимоӣ, арзёбӣ мегардад. Илми ҳуқуқшиносӣ, ки ин мафҳумро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад, дар таҳияи стратегияҳои устувори таъмини суботи иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ нақши муҳим мебозад.

Ҳамзамон, омӯзиши давлати иҷтимоӣ муносибати байнисоҳавиро тақозо менамояд, ки дар доираи он дастовардҳои илмҳои ҳуқуқ, сотсиология, иқтисод, сиёсатшиносӣ ва фалсафа муттаҳид карда мешаванд. Чунин равиш имконият фароҳам меорад, ки тасаввури ҳамаҷониба оид ба роҳҳалҳои

фаъолияти давлати иҷтимоӣ ва роҳҳои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ташаккул ёбад.

Ҷанбаи муҳимми дигар – хусусияти байналмилалии мафҳуми мавриди таҳқиқ мебошад. Дар шароити тақвият ёфтани равандҳои ҳамгироӣ, омӯзиши меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва татбиқи онҳо дар низоми ҳуқуқии миллӣ ба унсури ҷудонопазири сиёсати ҳуқуқии муосир табдил ёфтааст. Барои ҶТ, омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи иҷтимоӣ дар ташаккули моделҳои муосири сиёсати давлатии иҷтимоӣ аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ дорад.

Ҳамин тариқ, мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» дар низоми илми ҳуқуқии муосир мавқеи марказӣ ишғол менамояд. Омӯзиши он на танҳо ба таҳлили назариявии нақши давлат дар таъмини адолати иҷтимоӣ равона гардида, балки дорои аҳаммияти амалӣ низ мебошад ва ба такмили падидаҳои ҳуқуқӣ ва амалисозии сиёсати иҷтимоии давлат мусоидат мекунад.

Гуногунрангии назарияҳо ва тафсирҳо оид ба давлати иҷтимоӣ, аз як тараф, мураккабии фаҳмиши ин мафҳумро инъикос менамояд, вале аз ҷониби дигар, далели нақши калидии он дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба шумор меравад.

Тавре ки дар боло зикр гардид, Конститутсияи ҶТ, ба мисли конститутсияҳои кишварҳои дигар муқарраротеро дар бораи иҷтимоӣ будани давлат мустаҳкам менамояд, ки самти сиёсати онро ба фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста ва рушди озоди инсон равона месозад. Аммо дар сатҳи қонунгузорӣ таърифи дақиқи мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» мавҷуд нест, ки ин ҳолат ҳам дар муҳити илмӣ ва ҳам дар амалия баҳсҳоро ба миён меорад.

Конститутсияи аксарияти давлатҳо муқаррароти марбут ба хусусияти иҷтимоии давлатро таҳким бахшида, бо ҳамин самтгирии арзишӣ ва меъёрии онро муайян менамояд. Ҳамзамон, дар матни Конститутсияҳои аксарияти давлатҳо низоми муфассали меъёрҳо ва нишондиҳандаҳое, ки имкон медиҳанд хусусиятҳои мундариҷавии давлати иҷтимоӣ дар ченакҳои

низомнокӣ ва функсионалӣ ошкор гарданд, пешбинӣ нашудааст. Ошкорсозии моҳият ва самтҳои татбиқи ин муқаррароти конститутсионӣ тавассути тафсири маҷмуии дигар меъёрҳои конститутсионӣ, инчунин муқаррароти қонунгузории ҷорӣ амалӣ мегардад, ки ҳадафҳо, вазифаҳо ва роҳҳалҳои сиёсати иҷтимоии давлатро мушаххас менамоянд.

Таҳлили ақидаҳое, ки дар доктринаи ҳуқуқии хориҷӣ ва ватанӣ нисбат ба падидаи давлати иҷтимоӣ вуҷуд доранд, имкон медиҳад ба чунин хулоса расид, ки ин мафҳум дорои тафсири бисёрҷанба мебошад. Чунин гуногунандешӣ аз фарқияти заминаҳои методологӣ ва таъкидҳои таҳқиқотӣ сарчашма мегирад. Баррасии назарияҳои пешниҳодшуда имконият фароҳам меорад, ки таснифбандии мукаммали равишҳо таҳия гардад, ки ҳам табиати меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ҳам моҳияти иҷтимоӣ-сиёсии ин падидаро инъикос менамоянд. Ба андешаи мо назарияҳои вуҷуддоштаро ба панҷ равиш ҷудо кардан мумкин аст.

1. Равиши бозтақсимотӣ. Ин равиш бар он асос меёбад, ки давлати иҷтимоӣ ҳамчун роҳҳалҳои падидавии бозтақсимоти захираҳои моддӣ бо мақсади таъмини адолати иҷтимоӣ дарк карда мешавад. Дар доираи ин назария воситаи марказии амалисозии функсияи иҷтимоӣ аз худ намудани қисми муайяни неъматҳо аз як гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва интиқоли онҳо ба гурӯҳҳои дигар ба шумор меравад, ки ба ин васила нобаробарии иҷтимоию иқтисодӣ ислоҳ мегардад.

Намояндаи ин самт Э.В. Габрелян таъкид менамояд, ки «давлати иҷтимоӣ ҷиҳати дастёбӣ ба баробарии воқеӣ (моддӣ), ки ба баробарии шаклии ҳуқуқӣ муқобил гузошта мешавад, равона гардидааст. Ҳамзамон, функсияи иҷтимоӣ ҳамчун унсури ислоҳкунанда нисбат ба модели классикии давлати ҳуқуқбунёд арзёбӣ мешавад» [87, с. 32-34].

Аз миёни муаллифони ватанӣ мавқеи мазкурро Г.Д. Солехзода ҷонибдорӣ намуда, «афзалияти фароҳам овардани сатҳи арзандаи зиндагӣ, коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ ва дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро ҳамчун самти асосии фаъолияти давлати иҷтимоӣ» таъкид менамояд

[170, с. 52].

2. Равиши функсионалӣ-иҷтимоӣ. Дар доираи равиши функсионалӣ-иҷтимоӣ давлати иҷтимоӣ пеш аз ҳама тавассути мазмун ва миқёси сиёсати иҷтимоии давлатӣ муайян мегардад. Моҳияти он аз тариқи таҳлили самтҳо ва воситаҳои танзими иҷтимоӣ ошкор карда мешавад.

Намояндагони ин равия – П.Н. Байматов [82, с. 197-206], М.В. Баглай [22, с. 118-119], К.В. Арановский [21, с. 104] – иҷтимоияти давлатро бо татбиқи фаъоли сиёсати бисёрсатҳии иҷтимоӣ алоқаманд медонанд, ки соҳаҳои шуғл, маориф, тандурустӣ, таъмини манзил ва дигар самтҳои дастгирии иҷтимоиро дар бар мегирад. Дар ин замина давлат ҳамчун танзимгари фаъоли равандҳои иқтисодӣ баромад намуда, бо истифода аз роҳҳалҳои давлатӣ барои таъмини адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ чораҳо меандешад.

Дар доираи ҳамин равиш андешаҳои чунин муаллифони ватанӣ, ба монанди А.И. Имомов [100, с. 40] ва Р.Ш. Шарофзода [64, с. 303], ташаккул ёфтаанд. Онҳо диққати асосиро ба ташаккул ва татбиқи сиёсати фаъоли иҷтимоию иқтисодии давлат равона менамоянд, ки ба таъмини зиндагии арзанда ва рушди озоди шахсият нигаронида шудааст. Давлати иҷтимоӣ дар ин фаҳмиш пеш аз ҳама тавассути фаъолияти амалӣ ва роҳҳалҳои танзими давлатӣ ифода меёбад.

Дар доираи ин сохтор сатҳи иҷтимоият бо ҳаҷми кафолатҳои иҷтимоӣ, дараҷаи рушди низоми таъминоти иҷтимоӣ ва умқи дахолати давлат ба иқтисодиёт муайян карда мешавад. Давлати иҷтимоӣ ҳамчун равиши фаъолияти амалӣ баррасӣ мегардад, ки ба таъмини воқеии сатҳи арзандаи зиндагии аҳолӣ равона шудааст.

3. Равиши ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ. Назарияи ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ аз робитаи табиии ибтидоҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии давлат бармеояд. Давлати иҷтимоӣ ба давлати ҳуқуқбунёд муқобил гузошта намешавад, балки ҳамчун рушди мантиқӣ ва амиқгардонии он арзёбӣ мегардад.

С.А. Авакьян таъкид менамояд, ки «давлати иҷтимоӣ ба фароҳам

овардани шароит барои зиндагии арзанда ва рушди озоди шахсият равона гардида, ҳамгироии ҳуқуқҳои иҷтимоиро ба низоми ягонаи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ тақозо мекунад» [19, с. 590]. Аз ҷониби дигар, О.Е. Кутафин моҳияти давлати иҷтимоиро «бо ноил шудан ба пешрафти ҷамъиятӣ дар асоси принсипҳои баробарии иҷтимоӣ, ҳамраъйӣ ва масъулияти мутақобила алоқаманд месозад. Ба ибораи дигар, иҷтимоият на танҳо ҳамчун маҷмуи тадбирҳои сиёсати иҷтимоӣ, балки пеш аз ҳама ҳамчун низоми принсипҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки равиши конститутсионии давлатро муайян менамоянд, баррасӣ мегардад. Дар ин замина давлати иҷтимоӣ ҳамчун идома ва рушди давлати ҳуқуқбунёд арзёбӣ шуда, самти иҷтимоии он дар сатҳи арзишҳои бунёдии ҳуқуқӣ мустаҳкам мегардад» [50, с. 141].

Аз миёни муаллифони ватанӣ А.Х. Маликова мавқеи худро дар доираи равиши ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ ташаккул дода, давлати иҷтимоиро «ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ муайян менамояд, ки сиёсати иҷтимоии равонашударо дар соҳаҳои шуғл, маориф, тандурустӣ ва дигар бахшҳои муҳимми ҷамъиятӣ татбиқ менамояд. Дар ин назария иҷтимоият хусусияти мустақил надошта, балки ба тавсифи мукаммали конститутсионии давлат ворид мегардад ва ибтидоҳои ҳуқуқӣ, демократӣ ва иҷтимоӣ дар ягонагии табиӣ қарор мегиранд» [162, с. 116].

Ақидаи мазкур аз ҷониби С.Ю. Алимов, А.М. Диноршоев ва С.М. Салохидинова пайравӣ шудааст. Муаллифони мазкур давлати иҷтимоиро тавассути принсипҳои баробарии иҷтимоӣ, ҳамраъйӣ ва масъулияти мутақобила муайян менамоянд. Мавқеи онҳо низ функсияи иҷтимоиро ба низоми принсипҳои конститутсионӣ ҳамгиро месозад, ки ин имкон медиҳад онро ба ҳамин равиш мансуб донист [20, с. 150].

Дар доираи ин равиш иҷтимоият нисбат ба бозтақсимоти одии неъматҳои моддӣ маънои васеътар касб менамояд: он дар таъмини мақоми комили ҳуқуқии шахсият ифода ёфта, ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодиро дар ягонагии низомӣ фаро мегирад.

4. Равиши сиёсӣ-устуворгардонӣ. Мувофиқи равиши сиёсӣ-

устуворгардонӣ, функсияи иҷтимоии давлат аз зарурати таъмини суботи иҷтимоӣ ва пешгирии низоъҳо бармеояд. Намояндаи ин самт О.В. Родионова иҷтимоиятро ҳамчун «зуҳури «худнигоҳдории сиёсӣ»-и давлат арзёбӣ менамояд» [127, с. 15-26].

Дар ин фаҳмиш сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун воситаи коҳиш додани тафовутҳои аз ҳад зиёди дастрасӣ ба неъматҳои ҷамъиятӣ ва роҳҳали пешгирии бесуботии иҷтимоӣ баромад мекунад. Дар шароити ҷомеаи саноатӣ ва пасосоноатӣ функсияи иҷтимоӣ хусусияти зарурати объективии таърихӣ касб менамояд. Аз ин рӯ, давлати иҷтимоӣ ҳамчун натиҷаи таҳаввули таърихии давлатдорӣ арзёбӣ мегардад, ки бо талаботи таъмини суботи ҷамъиятӣ асоснок шудааст.

5. Равиши шарикӣ. Равиши шарикӣ тамоюли муосири тақсимшавии субъектҳои сиёсати иҷтимоиро инъикос менамояд. Дар доираи ин фаҳмиш давлати иҷтимоӣ на ҳамчун соҳиби монополии масъулияти иҷтимоӣ, балки ҳамчун ҳамоҳангсози ҳамкории субъектҳои гуногун амал менамояд.

Ғайр аз давлат, дар амалисозии функсияи иҷтимоӣ сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, соҳибкорӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва дигар иштирокчиёни шарикии иҷтимоӣ саҳм мегузоранд. Таъкид ба рушди шарикии сегона (трипатризм), масъулияти иҷтимоии корпоративӣ ва масъулияти мутақобилаи давлат, ҷомеа ва бахши хусусӣ равона карда мешавад.

Дар ин равиш иҷтимоият хусусияти салоҳияти муштарак ва тақсимшударо касб намуда, масъулият ва ваколатҳо миёни субъектҳои гуногуни низоми иҷтимоӣ ба таври ҳамоҳанг тақсим мегарданд [75, с. 29].

Таҳлили мавқеъҳои пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки дар илми ҳуқуқӣ нисбат ба таърифи мафҳум ва муҳтавои «давлати иҷтимоӣ» ду фаҳмиши асосӣ ташаккул ёфтааст – маҳдуд ва васеъ. Чунин тақсимбандӣ имкон медиҳад, ки гуногунандешии мавҷуда дар адабиёти ҳуқуқӣ ба назар гирифта шуда, моҳияти ин падидаи ҳуқуқӣ равшантар кушода шавад.

Дар доираи фаҳмиши маҳдуд, равишҳои бозтақсимотӣ ва функсионалӣ-иҷтимоӣ бо тамаркуз ба ченаки воситавӣ-амалии функсияи

иҷтимоии давлат муттаҳид мешаванд, ки дар он иҷтимоият то сатҳи роҳҳалҳои сиёсати давлатии иҷтимоӣ, бозтақсимоти захираҳои иқтисодӣ ва таъмини мураттаби низоми кафолатҳои иҷтимоӣ коҳиш дода мешавад. Дар чунин тафсир давлати иҷтимоӣ пеш аз ҳама ҳамчун воситаи бартарафсозии тафовутҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва абзори амалии ноил гардидан ба баробарии моддӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ баррасӣ мешавад.

Инчунин, мувофиқи фаҳмиши маҳдуд, муҳаққиқон таваҷҷуҳи асосиро ба уҳдадории давлат ҷиҳати таъмини шароити лозима барои зиндагии шоиста ва татбиқи адолати иҷтимоӣ равона месозанд. Ба ибораи дигар, тарафдорони ин фаҳмиш мафҳуми давлати иҷтимоиро бо иҷрои вазифаҳои бунёдии он таъмини сатҳи зиндагии шоиста ва коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ тавассути бозтақсимии манбаъҳо ва ҳимояи табақаҳои осебпазир маҳдуд менамоянд. Ин фаҳмиш ба нақши давлат ҳамчун кафили ҳуқуқҳо ва ҳомии гурӯҳҳои ниёзманд нигаронида шудааст.

Бар хилофи ин, равишҳои ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ-устуворгардонӣ ва шарикӣ фаҳмиши васеи назариявиро ташаккул медиҳанд, ки дар доираи он иҷтимоият ҳамчун сифати мутаҳидкунандаи давлатдорӣ, ки дар сатҳи принсипҳо ва арзишҳои конститутсионӣ мустаҳкам гардидааст, арзёбӣ мегардад. Дар ин фаҳмиш давлати иҷтимоӣ на танҳо аз дидгоҳи сиёсати иҷтимоӣ, балки ҳамчун ифодаи пояҳои меъёрӣ-арзишии сохтори ҷамъиятӣ, роҳҳали таърихан ташаккулёфтаи таъмини устувории иҷтимоӣ ва низоми масъулияти тақсимшудае, ки ҳамкории низомноки ҳокимияти оммавӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар субъектҳои шарикии иҷтимоиро дар бар мегирад, маънидод карда мешавад.

Дар доираи фаҳмиши васеъ инчунин, диққат ба соҳаҳои мушаххаси фаъолият равона мешавад, ки давлат бояд дар онҳо фаъолона ширкат варзад, то принсипи давлати иҷтимоиро амалӣ созад [170, с. 45]. Тарафдорони фаҳмиши васеъ функсияҳои давлати иҷтимоиро ба сатҳи иштироки фаъолона дар ҳалли масъалаҳои ҳаёти ҷомеа васеъ менамоянд. Онҳо бар он ақидаанд, ки давлат бояд рушди соҳаҳое чун тандурустӣ, маориф, шуғл, ҳифзи оила,

суғуртаи иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳои муҳимми таъмини некӯаҳволии шаҳрвандонро ба зимма гирад. Ба ибораи дигар, дар доираи ин равиш, давлати иҷтимоӣ ҳамчун низоми мукаммали сиёсӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ мегардад, ки дар он давлат на танҳо кафолатдиҳандаи меъёрҳои ҳадди ақалли иҷтимоӣ, балки иштирокчии фаъол дар рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа мебошад.

Тавре Т.И. Ау зикр менамояд, фарқияти асосии байни ин ду фаҳмиши мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» дар табиати муносибатҳо байни давлат ва дигар субъектҳо зоҳир мегардад. Ба андешаи ӯ, дар доираи фаҳмиши маҳдуд сухан дар бораи муносибатҳои «давлат шахсият» меравад, дар ҳоле ки дар фаҳмиши васеъ давлат ҳамчун унсуре баромад мекунад, ки муносибатҳои «давлат ҷомеа»-ро ба роҳ мемонад [154, с. 135].

Бар асоси чунин таҳлил, ӯ ба хулосае меояд, ки «дар таърифи давлати иҷтимоӣ зарур аст, ки робитаи «давлат–ҷомеа» ба назар гирифта шавад, на танҳо муносибати «давлат–шахс» «Ҳарчанд давлати иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсият нигаронида шудааст, аммо моҳияти он дар дарки васеътари ҳамкории он бо ҷомеа ифода меёбад. Дар акси ҳол, чунин давлатро метавон ҳамчун давлате ба «самти инсон рӯ оварда» арзёбӣ кард. Муносибатҳои байни давлат ва ҷомеа нақши калидӣ дар ташаккули робитаи давлат бо шахс мебозанд.

Муҳим аст, ки моҳияти аслии истилоҳи «иҷтимоӣ» ҳифз карда шавад. Дар маънои васеъ, «иҷтимоӣ» ба навъи робита ва муоширати инсонӣ дахл дорад. Мазмуни он дар фаъолияти муштарак ва шаклҳои гуногуни ҳамкории байни одамон таҷассум меёбад. Моҳияти давлати иҷтимоӣ дар ҳамоҳангсозии манфиатҳои гурӯҳҳо ва табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ, инчунин дар дохили онҳо қарор дорад. Ҳадафи асосии чунин ҳамоҳангсозӣ ташкили шароите мебошад, ки сатҳи некӯаҳволӣ ва сифати зиндагии ҳамаи шаҳрвандонро баланд мебардорад. Дар асоси ин андешаҳо Т.И. Ау маҳфуми зерини давлати иҷтимоиро пешниҳод менамояд – «давлате, ки вазифаи иҷтимоии асосии он дар таъмини сатҳи баланди ҳифзи иҷтимоии инсон ва шаҳрванд қарор дорад. Ин вазифа тавассути ҳамкории иҷтимоӣ ва

масъулияти мутақобилаи давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ мегардад» [154, с. 135]. Ба назари мо, чунин мавқеъ воқеан дуруст ва асоснок мебошад. Давлате, ки худро ҳамчун давлати иҷтимоӣ эълон медорад, бояд муносибатҳоро бо ҷомеа дар маҷмуъ, дар асоси масъулияти мутақобила, ҳамкорӣ ва адолат ба роҳ монад. Дар доираи чунин муносибатҳо, давлат уҳдадор мешавад, ки барои некӯаҳволии иҷтимоии аҳолӣ шароит фароҳам орад, дар ҳоле ки ҷомеа дар ташаккул ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ фаъолона ширкат меварзад. Ин ҳамкорӣ на танҳо ба беҳбуди сифати зиндагии шаҳрвандон, балки ба таҳкими субот ва ягонагии ҷомеа низ мусоидат мекунад.

Ин муносибатҳо бояд бар асоси як қатор принсипҳо ба роҳ монда шаванд:

Аввалан, принсипи ҳамоҳангӣ, яъне муттаҳидсозии кӯшишҳои давлат, ҷомеа ва шаҳрвандони алоҳида барои расидан ба манфиати умум ва коҳиши нобаробариҳои иҷтимоӣ. Ҳеҷ яке аз ин субъектҳо наметавонад мустақилона тамоми масъалаҳои иҷтимоии мавҷударо ҳал намояд.

Дувум, принсипи адолат, яъне уҳдадории давлат барои таъмини имкониятҳои баробар барои ҳамаи шаҳрвандон, новобаста аз мақоми иҷтимоии онҳо. Дар доираи ғояи давлати иҷтимоӣ давлат уҳдадор аст низоми мукаммали кафолатҳои иҷтимоиро таъсис дода, шароити зиндагии шоистаро барои ҳар як инсон таъмин намояд, ки ин пеш аз ҳама фароҳам овардани дастрасии баробар ба таҳсилот, хизматрасониҳои босифати тиббӣ ва роҳҳалҳои муассири ҳифзи иҷтимоиро дар бар мегирад. Ҳамзамон давлат бояд амалисозии ҳуқуқҳои иҷтимоиро, аз ҷумла ҳуқуқ ба меҳнат, манзил, ёрии тиббӣ ва таъминоти иҷтимоиро, ҳамчун ҷузъи таркибии мақоми конститутсионии шахс кафолат диҳад. Ҷанбаи муҳимми фаъолияти давлати иҷтимоӣ инчунин татбиқи сиёсати бозтақсими захираҳо мебошад, ки тавассути абзорҳои андозбандӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ ва барномаҳои ҳимоявӣ ба коҳиши нобаробариҳои иҷтимоӣ ва таҳкими адолати иҷтимоӣ равона мегардад. Илова бар ин давлат бояд ҳамчун субъекти фаъоли муколамаи

иҷтимоӣ баромад намуда, бо роҳи ҳамоҳангсозии манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва пешгирии ихтилофу низоъҳо суботи иҷтимоӣ ва рушди устувори ҷомеаро таъмин намояд.

Сеюм, принсипи ҳамкорӣ (шарикӣ) ҳамчун яке аз асосҳои муҳимми ташаккул ва амалисозии сиёсати иҷтимоӣ баромад намуда, ҳамкории муназзам ва низомноки байни давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусиро дар раванди ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ пешбинӣ мекунад. Мазмуни ин принсип дар он ифода меёбад, ки давлат на танҳо ҳамчун танзимгар ва кафили сиёсати иҷтимоӣ, балки ҳамчун шарики фаъол дар муколама бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ, иттиҳодияҳои касбӣ, муассисаҳои ҷамъиятӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ амал менамояд. Ҳамзамон бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ дар доираи масъулияти иҷтимоии худ дар таҳия ва татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва ҳимояи манфиатҳои гурӯҳҳои осебпазир саҳми босамар мегузоранд. Татбиқи ин принсип ба баланд гардидани самаранокии идоракунии иҷтимоӣ, таҳкими эътимоди мутақобила миёни субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ, истифодаи оқилонаи захираҳо ва ташаккули роҳҳали фарогири ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Дар маҷмуъ принсипи ҳамкорӣ заминаи ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои ташаккули модели ҳамоҳангшудаи идоракунии иҷтимоиро фароҳам оварда, ба таъмини суботи иҷтимоӣ ва рушди устувори ҷомеа мусоидат мекунад.

Махсусан, ба рушди чунин ҳамкорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардаанд. Чунончӣ, дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии ҶТ, санаи 28 декабри соли 2023, изҳор намуданд:

«Танҳо дар соли 2023 соҳибкорони ватандӯст дар кишвар 715 корхонаи нави истеҳсолиро бо 5000 ҷойи корӣ ба истифода доданд. Дар ҳамин сол дар соҳаи маориф 117 иншоот барои беш аз 43 ҳазор хонанда ва дар соҳаи тандурустӣ 139 иншооти нав сохта ва таҷдид гардиданд.» [176].

Чорум, принсипи масъулияти мутақобила, яъне ҷомеа ташаббусҳои

давлатро пуштибонӣ мекунад, дар ҳоле ки давлат ниёзҳо ва манфиатҳои ҷомеаро ба ҳисоб мегирад. Дар давлати иҷтимоӣ ҷомеа на танҳо объекти ҳимоя, балки субъекти фаъолест, ки дар ташаккул ва амалисозии сиёсати иҷтимоӣ иштирок мекунад.

Ин робита метавонад дар се самти асосӣ зоҳир гардад – иштироки шаҳрвандон тавассути ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, назорати ҷамъиятӣ ба иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии давлат ва мусоидат ба ташаккули масъулияти иҷтимоӣ.

Фаъолият ва иштироки ҷомеа самаранокии сиёсати иҷтимоиро афзун намуда, масъулияти ҳокимиятро таҳким бахшида, заминаи тарҳи ҳамбастаи муносибатҳои байни давлат, шаҳрвандон ва бахши хусусиро фароҳам месозад.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон чунин таърифи мафҳуми «давлати иҷтимоӣ»-ро пешниҳод намуд: – давлати иҷтимоӣ давлате мебошад, ки инсонро ҳамчун арзиши олӣ эътироф намуда, уҳдадор мешавад ба шаҳрвандон шароити шоистаи зиндагӣ, озодии рушд ва имконияти амалӣ намудани иқтидори инсонӣ фароҳам оварад; ҳамзамон, дар доираи он масъулияти иҷтимоии давлат дар назди шаҳрвандон ва ҷомеа ҳамчун хусусияти бунёдии фаъолияти давлатӣ татбиқ мегардад.

Дар доираи омӯзиши мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» таваҷҷуҳи махсус ба тарҳҳои он зоҳир мегардад, ки равишҳои гуногунро нисбат ба ташкили сиёсати иҷтимоӣ ва нақши давлат дар ҷомеа инъикос мекунанд.

Дар адабиёти илмӣ чандин тарҳи калидии давлати иҷтимоӣ ҷудо карда шудаанд, ки ҳар яке ба шароити муайяни таърихӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ такя менамояд. Зикр мегардад, ки «тарҳҳои давлати иҷтимоӣ ба мафкураҳои гуногун асос ёфтаанд, ки аксаран роҳҳои муқобили ҳалли мушкилоти иҷтимоиро пешниҳод мекунанд. Гуногунии онҳо натиҷаи созишҳои таърихиест, ки дар марҳалаҳои ибтидоии ташаккули давлати иҷтимоӣ ҳосил шудаанд. тарҳи иҷтимоӣ, ки муносибати давлатро нисбат ба ҷомеа муайян менамояд, натиҷаи ҳам таҳаввулоти омилҳои гуногун (иқтисодӣ, ҳуқуқӣ,

динӣ ва анъанавӣ) ва ҳам интихоби огоҳонаи сиёсист» [148, с. 137].

Дар назарияи муосири иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ масъалаи таснифбандии давлати иҷтимоӣ аз ҷониби як қатор муҳаққиқони маъруфи ғарбӣ мавриди таҳлил ва таҳия қарор гирифтааст. Аз ҷумла, Норман Фернис, Тимоти Тилтон, Томас Маршалл ва Гёста Эспин-Андерсен тарҳҳои асосии давлати иҷтимоиро пешниҳод намудаанд, ки фарқияти онҳо пеш аз ҳама дар сатҳи дахолати давлат ба танзими равандҳои иҷтимоӣ ва тарзи тақсими неъматҳои ҷамъиятӣ зоҳир мегардад. Ба ин тартиб, тарҳи «давлати мусбати ҳифзи иҷтимоӣ» бештар ба таъмини баробарии имкониятҳо ва фароҳам овардани шароити ибтидоии дастрасӣ ба некуаҳволӣ равона гардида, масъулияти инфиродиро дар таъмини сатҳи зиндагӣ авлавият медиҳад; тарҳи «давлати амнияти иҷтимоӣ» на танҳо баробарии имкониятҳоро таъмин менамояд, балки кафолати шуғли пурра ва даромади на камтар аз ҳадди ақалли рӯзгузарониро низ пешбинӣ мекунад; тарҳи «давлати иҷтимоии некуаҳволии умумӣ» бошад, бо дастгирии фаъоли шуғл, коҳиши тафовути даромад ва ташкили шабакаи фарогири хизматрасониҳои иҷтимоӣ тавсиф мегардад [180, с. 28-29].

Таҳлилҳои Т.И. Ау нишон медиҳанд, ки ҳар яке аз ин тарҳҳо дорои бартарӣ ва маҳдудиятҳои хоси худ мебошанд: тарҳи либералӣ озодии бештари инфиродиро таъмин менамояд, аммо метавонад гурӯҳҳои осебпазирро бе дастгирии кофӣ боқӣ гузорад; тарҳи амнияти иҷтимоӣ эҳтимоли вобастагии шаҳрвандонро аз кумакҳои давлатӣ ва коҳиши ангезаи меҳнатӣ ба миён меорад; тарҳи некуаҳволии умумӣ бошад, метавонад боиси норозигии табақаҳои доро вобаста ба бори баланди андоз гардад [154, с. 28].

Минбаъд, як қатор олимон ин таснифотро такмил ва густариш додаанд. Масалан, Н. Гинсбург тарҳи либералӣ-дастаҷамъии Британияро ҳамчун шакли омехтаи унсурҳои либералӣ ва сотсиалистӣ пешниҳод менамояд [182, с. 21]. А. Готе чор навъи давлатҳои иҷтимоиро ҷудо мекунад: сотсиал-демократӣ, консервативӣ, ҷануби Аврупо ва либералӣ [181, с. 453]. Е. Букоди ва Р. Роберт бошанд, шаш модели аврупоиро фарқ намуда, ба онҳо

шаклҳои баъдисотсиалистии корпоративистӣ ва либералиро низ ворид месозанд [179, с. 255].

Дар илми ҳуқуқии кишварҳои пасошуравӣ низ гуногунандешии назариявӣ ба мушоҳида мерасад. В. Гойман моделҳоро вобаста ба принсипи тақсими даромад ба эгалитарӣ, роулсианӣ, утилитарӣ ва бозорӣ чудо менамояд [157, с. 139-140]. В. Намчук бошад, моделҳои патерналистӣ, компаративистӣ ва атеистиро пешниҳод мекунад [183, с. 219-221]. Муҳаққиқони қазоқистонӣ ғояи тарҳи иҷтимоии авруосиёиро асоснок намуда, онро бар мероси сотсиалистӣ, иқтибоси таҷрибаи Аврупои Ғарбӣ ва мутобиқшавӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ асосёфта арзёбӣ менамоянд [96, с. 114; 123, с. 169]. Андешаҳои монанд дар илми тоҷик низ ба назар мерасанд, ки ташаккули давлати иҷтимоӣ дар ҶТ-ро натиҷаи таъсири анъанаҳои шуравӣ, арзишҳои таърихию фарҳангӣ ва хусусиятҳои миллии сиёсӣ-ҳуқуқӣ медонанд [36, с. 23; 158, с. 146]. Олими ватанӣ Г.Д. Солеҳзода тарҳҳое, ки дар илми ҳуқуқӣ пешниҳод шудаанд, таҳлил намуда ба хулоса меояд, ки тарҳҳои либералӣ, континенталӣ, скандинавӣ ва исломӣ ҳамчун самтҳои асосии инкишофи давлати иҷтимоӣ вуҷуд доранд [170, с. 14].

Ҳамин тариқ, гуногуншаклии назариявӣ гувоҳи он аст, ки давлати иҷтимоӣ падидаи мураккаби ниҳоднок буда, вобаста ба шароити таърихӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳар як кишвар шаклҳои мухталифи татбиқро касб мекунад. Дар илми ҳуқуқшиносии муосир ақидае эътироф шудааст, ки тибқи он дар марҳалаи муосири рушди назария ва амалияи давлати иҷтимоӣ се тарҳи асосии ғарбӣ ташаккул ёфтаанд – либералӣ, континенталӣ ва скандинавӣ. Тарҳи либералӣ ба афзалияти роҳҳалҳои бозорӣ ва принсипи масъулияти инфиродӣ такя намуда, дахолати давлатро то ҳадди минималӣ маҳдуд месозад ва дастгирии иҷтимоиро асосан ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ равона менамояд. Тарҳи континенталӣ ба принсипи ҳамбастагии касбӣ ва низоми суғуртаи иҷтимоӣ асос ёфта, ҳифзи иҷтимоиро тавассути ниҳодҳои касбӣ ва фондҳои махсус амалӣ мегардонад, ки дар доираи он давлат нақши

танзимкунанда ва ҳамоҳангсозро иҷро менамояд. Тарҳи скандинавӣ бошад, бо универсализми иҷтимоӣ, сатҳи баланди бозтақсимкунии даромад ва фарогирии васеи хизматрасониҳои давлатӣ тавсиф гардида, ба коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ равона шудааст. Ҳар яки онҳо ҳамчун шакли устувори ташкилёбӣ бо роҳҳалҳои муайяни татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ва нақши мушаххаси давлат дар соҳаи иҷтимоӣ муаррифӣ мешаванд.

Дар баробари онҳо, дар даҳсолаҳои охир равандҳои назариявӣ ва амалии ташаккули тарҳҳои алтернативии шарқӣ ба монанди исломӣ ва авруосиёӣ мушоҳида мешаванд. Онҳо бар асоси хусусиятҳои таърихи инкишоф, арзишҳои динӣ ва фарҳангӣ, инчунин хусусиятҳои низоми ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ташаккул меёбанд. Ин тарҳҳо ҳоло дар марҳалаи ташаккул қарор дошта, ба ҳайси самти муҳим дар таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи давлати иҷтимоӣ баромад мекунанд.

Бо баррасии паҳлуҳои назариявии мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» метавон ба таври мантиқӣ ба таҳлили ҷанбаҳои амалии татбиқи он дар ҶТ гузашт. Дар шароити давлатдории навин, махсусан аз оғози асри XXI, роҳбарияти кишвар самтҳои стратегии дарозмуддати рушди миллӣ, такмили низоми идоракунии давлатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолиро ҳамчун афзалиятҳои асосии сиёсати давлатӣ муайян намуд. Ин самтҳо дар як қатор санадҳои барномавию стратегӣ, аз ҷумла паёмҳои Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ ва Стратегияи миллии рушд, ки ба таъмини рушди устувор ва таҳкими пояҳои иҷтимоии давлат равона гардидааст, инъикос ёфтаанд.

Ҳадафи меҳварии сиёсати давлатӣ дар ин замина ташаккули давлати иҷтимоии самаранок мебошад, ки қобилияти таъмин намудани рушди устувори иқтисодӣ, фароҳам овардани шароити дастрасии баробар ба имкониятҳои меҳнатӣ ва ташкили низоми муассири ҳифзи иҷтимоиро дошта бошад, инчунин мавқеи кишварро дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун субъекти фаъол, рақобатпазир ва комилҳуқуқ таҳким бахшад.

Дар ин замина, муайянсозии тарҳи давлати иҷтимоӣ дар кишвар

аҳаммияти калидӣ дорад. Гарчанде ки таҳқиқоти илмӣ дар ин самт то андозае парокандаанд, аксари муҳаққиқони тоҷик ба тарҳи скандинавӣ тамоюл нишон медиҳанд. Аз ҷумла, дар осори онҳо ба авлавият доштани сиёсати иҷтимоӣ, ки ба таъмини ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандон нигаронида шудааст, таваҷҷуҳ зоҳир мегардад, ки бо хусусиятҳои тарҳи скандинавӣ мутобиқат дорад. Дар баробари ин, олимон зарурати мутобиқсозии ин тарҳро бо хусусиятҳои миллию таърихии Тоҷикистон таъкид мекунанд [114, с. 7; 152, с. 46; 169, с. 3-4; 173, с. 121].

Ҳамин тавр, дар муҳити илмии ҷумҳурӣ ақидае роиҷ аст, ки тарҳи иҷтимоии Тоҷикистон ба тарҳи скандинавӣ такя намуда, мутобиқ ба шароити миллӣ рушд мекунад. Аммо, чунин хулоса ҳанӯз наметавонад ба таври қатъӣ ниҳоӣ шумурда шавад. Раванди ниҳодишавии давлати иҷтимоӣ дар Тоҷикистон идома дорад, ва ченакҳои дақиқи тарҳи он ҳанӯз дар ҳоли ташаккул мебошанд.

Ҳамин тариқ, дар муҳити илмии ҷумҳурӣ мавқеи назариявие шакл гирифтааст, ки мувофиқи он тарҳи иҷтимоии Тоҷикистон дар раванди ташаккули худ ба унсурҳои тарҳи скандинавӣ такя намуда, бо дарназардошти хусусиятҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии миллӣ мутобиқ мегардад. Бо вуҷуди ин, чунин арзёбӣ наметавонад хусусияти комилан ниҳоӣ дошта бошад. Раванди ниҳодишавӣ ва таҳкими пояҳои давлати иҷтимоӣ дар кишвар ҳанӯз идома дорад ва ченакҳои сохторӣ ва функсионалии тарҳи миллӣ ҳамчунон дар марҳалаи ташаккул қарор доранд.

Таҳлили тарҳи ташаккулёбандаи давлати иҷтимоӣ дар ҶТ ва зарурати омӯзиши он аз дидгоҳи се унсури асосиро тақозо мекунад: – таҳкими ҳуқуқии конститутсионӣ, таъмини ниҳодӣ ва татбиқи амалӣ. Ин унсурҳо на танҳо самти сиёсати иҷтимоии давлатро муайян мекунанд, балки имкони арзёбии сатҳи мутобиқати тарҳ ба шароити мушаххаси иҷтимоиву иқтисодии кишварро низ фароҳам меоранд.

Ба таври муфассал, ҳар яке аз ин унсурҳоро баррасӣ менамоем.

1. Таъмини ҳуқуқии конститутсионӣ ҳамчун пояи тарҳи давлати

иҷтимоӣ. Унсури аввал ва асосие, ки шакли тарҳи давлати иҷтимоиро муайян менамояд, таҳкими меъёри ҳуқуқии принсипҳои марбут ба он мебошад. Конститутсияи ҶТ мавқеи давлатро ҳамчун давлати иҷтимоӣ ба таври возеҳ эълон мекунад. Ин муқаррарот дар як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, инчунин стратегияҳо ва барномаҳои миллӣ, ки ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва таҳкими адолати иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, инкишоф меёбад.

Масъалаи мазкур ба таври муфассал дар боби минбаъдаи ин рисола баррасӣ хоҳад шуд.

2. Роҳҳалҳои ниҳодии амалисозии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ. Унсури дуюми калидии тарҳи давлати иҷтимоӣ вуҷуди падидаҳои ва роҳҳалҳои ҳуқуқиест, ки ба таври самаранок фаъолият дошта, қобилияти амалисозии воқеии ҳуқуқу кафолатҳои иҷтимоиро, ки дар Конститутсия ва қонунгузории кишвар пешбинӣ шудаанд, таъмин менамоянд. Тавре муҳаққиқони ватанӣ таъкид менамоянд, «табдил додани ҳуқуқҳои расмӣ ва эълоншуда ба василаҳои воқеии ҳифзи иҷтимоӣ на танҳо иродаи сиёсӣ, балки муҳити устувори ниҳодиро тақозо менамояд, ки иҷрои ухдадориҳои иҷтимоии давлатро кафолат диҳад» [158, с. 353].

Дар ин маврид сухан дар бораи ташаккули инфрасохтори устувори ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳифзи иҷтимоӣ меравад, ки ҳам заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам тобеияти идорӣ, молиявӣ, кадрӣ ва техникиро дар бар мегирад.

Дар доираи ин низом, падидаи кафолатҳои иҷтимоӣ нақши калидӣ мебозад. Он маҷмуи воситаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилиро дар бар мегирад, ки ба таъмин ва дастрасии амалии ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон равона шудаанд. Ин падида ҳамчун пайванддиҳандаи байни эълони ҳуқуқ ва амалисозии воқеии он хизмат мекунад.

Дар солҳои охир дар ҶТ дар самти такмили низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешравиҳои назаррас ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла, барномаҳои кумакҳои иҷтимоии ҳадафманд амалӣ мегарданд, ки ба дастгирии табақаҳои камбизоат ва осебпазир равона шудаанд. Масалан, яке аз қадамҳои муҳимми

амалӣ дар ин самт ҷорӣ намудани низоми рақамӣ, аз ҷумла таҳия ва татбиқи барномаҳо ва феҳристҳои электронӣ мебошад, ки барои бақайдгирӣ, коркард ва тақсими кумакҳои иҷтимоӣ истифода мегарданд. Татбиқи чунин роҳҳалҳо ба баланд гардидани сатҳи шаффофият, такмили самаранокии идоракунии захираҳои иҷтимоӣ ва коҳиши монеаҳои маъмурӣ, инчунин пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ мусоидат менамояд.

Аҳаммияти аввалиндараҷаи сиёсати иҷтимоии давлат аз ҳаҷми хароҷоти буҷетии он низ бармеояд. Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 28 декабри соли 2024, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомали Раҳмон қайд намудаанд: «Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҶТ боқӣ мемонад. Афзоиши ҳарсолаи маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ гувоҳи он аст, ки давлат барои таъмини рушди устувори сатҳи зиндагӣ ва сифати ҳаёти аҳолӣ талош менамояд. Дар соли 2024 ҳаҷми умумии хароҷоти иҷтимоӣ 19 миллиард сомониро ташкил дод, ки 2 миллиард бештар аз соли 2023 мебошад ва 43%-и ҳаҷми умумии хароҷоти давлатиро дар бар мегирад» [177].

Илова бар ин, Пешвои миллат таъкид карданд, ки: «Сиёсати давлатӣ дар ин самт ба амалисозии маҷмуи тадбирҳо оид ба ташкили ҷойҳои нави кор, зиёд намудани даромадҳои пулии аҳолӣ ва тадриҷан баланд бардоштани музди меҳнат, нафақа ва стипендияҳо равона гардидааст» [177].

Илова бар ин, мувофиқи м.51 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», аз моҳи сентябри соли 2025 индексатсияи нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин иловаҳо ва нафақаҳои асосӣ ба андозаи 10% пешбинӣ шудааст [177].

Ҳамин тавр, тадбирҳои мазкур марҳилаи навбатии тақвияти суботи иҷтимоиро ташкил дода, ба беҳтар гардидани вазъи моддии табақаҳои гуногуни аҳолӣ, аз ҷумла кормандони муассисаҳои буҷетӣ, шахсони синнашон ба нафақа расида ва гурӯҳҳои осебпазир равона гардидаанд.

3. Амалисозии воқеии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва мушкилоти мавҷуда.

Унсури сеюми муҳим дар сохтори тарҳи давлати иҷтимоӣ, амалӣ гардидани воқеии муқарраroти эълоншуда ва фаъолияти низоми назорати иҷрои онҳо мебошад. Маҳз дар ин сатҳ, як қатор душвориҳои ҷиддӣ ба вуҷуд меоянд, ки ҳам аз омилҳои объективӣ ва ҳам субъективӣ маншаъ мегиранд.

Таҳлили қонунгузорӣ ва таҷрибаи идоракунӣ нишон медиҳад, ки кӯшишҳои мутобиқсозии тарҳи скандинавии давлати иҷтимоӣ дар Тоҷикистон мавҷуданд. Тарҳи мазкур бар принсипи ҳамкории иҷтимоӣ, сатҳи баланди бозтақсимоти даромадҳо ва афзалияти манфиати умум асос ёфтааст.

Дар ҶТ, пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, равандҳои гузариш ба иқтисоди бозорӣ оғоз гардиданд, роҳҳалҳои рақобат ва муҳити соҳибкорӣ тадриҷан ташаккул меёбанд. Бо вуҷуди ин, унсурҳои сиёсати иҷтимоӣ ҳифз мегарданд, яъне давлат то ҳол бахши назарраси уҳдадориҳоро дар самти таъмини аҳолӣ бо неъматҳои иҷтимоии асосӣ ба зимма дорад. Бо вуҷуди ин, маҳдудияти манобеи молиявӣ ва иқтисодӣ иҷрои пурраи ин уҳдадориҳоро душвор мегардонад.

Барои тарҳи скандинавӣ хусусиятҳои зерин хос мебошанд: саноати рушдёфта, сатҳи баланди шуғл, иқтидори қавии андозбандӣ, истеъмоли дохилии устувор ва низоми самараноки ҳифзи иҷтимоӣ. Тоҷикистон, бар хилофи кишварҳое, ки ин тарҳро амалӣ менамоянд, ҳанӯз аз манобеи кофии молиявӣ, истеҳсолӣ ва кадрӣ бархӯрдор нест.

Бо мақсади бартараф намудани маҳдудиятҳои иқтисодӣ ва таҳкими заминаҳои моддии давлати иҷтимоӣ, сарвари давлат саноаткунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии миллӣ эълон намуд. Дар паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ таъкид гардид, ки «дар солҳои охир бахши саноат тамоюли рушди мусбат нишон дода, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар панҷ соли охир тақрибан ду баробар афзоиш ёфтааст. Ин раванд аз тавсеаи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва таҳкими пояҳои иқтисодии кишвар шаҳодат медиҳад.

Дар ин давра ҳазорҳо корхонаи нави саноатӣ таъсис ёфта, даҳҳо ҳазор ҷойи корӣ фароҳам оварда шудааст, ки ба афзоиши шуғли аҳолӣ ва рушди бозори меҳнат мусоидат менамояд. Суръати миёнаи солонаи рушди соҳа низ тамоюли устувори мусбатро инъикос мекунад, ҳарчанд барои ноил гардидан ба ҳадафҳои индустриализатсияи босуръат ин нишондиҳандаҳо ҳанӯз нокифоя арзёбӣ мешаванд.

Дар ин замина зарурати тақвияти сиёсати саноатӣ, ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ, муосиргардонии иқтидорҳои истеҳсолӣ ва рушди бахшҳои инноватсионӣ таъкид мегардад. Ҳамзамон, ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо бо бахши хусусӣ, фароҳам овардани муҳити мусоиди соҳибкорӣ, рушди коркарди ашёи хом дар дохили кишвар ва баланд бардоштани арзиши изофии маҳсулоти саноатӣ ҳамчун самтҳои калидии рушди минбаъдаи индустриалии ҷумҳурӣ муайян гардидаанд» [177].

Ҳамин тариқ, амалисозии пурарзиши давлати иҷтимоӣ дар ҶТ бо як қатор мушкилоти сохторӣ ва захиравӣ рӯ ба рӯ мебошад. Бо вуҷуди иродаи сиёсӣ ва нақшаҳои рушд, куллият ва самаранокии иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоӣ ба суръат ва устувории рушди саноатӣ ва иқтисодӣ сахт вобаста аст.

Илова бар воқеиятҳои иқтисодӣ, дар раванди ташаккули тарҳи давлати иҷтимоӣ дар ҶТ нақши муҳимми худро омилҳои таърихию фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебозанд.

Баъзе муҳаққиқони ватанӣ, аз ҷумла А.Х. Маликова, ба як қатор омилҳо ишора менамоянд, аз қабили нокифоя будани заминаи ҳуқуқӣ, суръати баланди афзоиши демографӣ ва ноустувории муносибатҳои моликияти хусусӣ, ки онҳоро ҳамчун хусусиятҳои миллии ташаккули тарҳи иҷтимоии Тоҷикистон арзёбӣ мекунанд [162, с. 160]. Бо вуҷуди ин, аз нигоҳи методологӣ зарур аст, ки мушкилоти сохтории рушди иҷтимоию иқтисодӣ аз омилҳои фарҳангӣ ва арзишӣ ҷудо карда шаванд. Масалан, сатҳи нисбатан пасти шуғл ва сустии раванди саноаткунонӣ бештар ба омилҳои таърихию иқтисодӣ, аз ҷумла мероси давраи шуравӣ, марбут мебошанд. Дар он давра иқтисодиёти ҷумҳурӣ асосан хусусияти аграрӣ дошта, ба рушди маҳдуди

бахши саноат ва норасоии сармоягузорӣ дар ин соҳа оварда расонида буд. Аз ин рӯ, омилҳои зикршуда бештар ҳамчун мушкилоти сохтории гузариш арзёбӣ мегарданд, на ҳамчун унсурҳои хоси фарҳангии тарҳи миллӣ.

Назарияҳои муосир зарурати ҷалби ҷомеа ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоиро таъкид мекунанд. Маҳз дар ин самт хусусиятҳои воқеии тарҳи миллии Тоҷикистон зоҳир мегарданд. Муқаррароти ҳуқуқии конститутсионӣ (қ.2 м.34 Конститутсияи ҶТ) ва дигар санадҳои қонунгузорӣ принсипи масъулияти муштараки давлат ва шаҳрвандон барои некӯаҳволии иҷтимоиро муқаррар менамоянд.

Ин меъёрҳо анъанаҳои амиқи ҳамгироии ҷомеаи тоҷикро инъикос мекунанд, ки дар он нақши оила ва ҷомеа (маҳалла, ҷамоат) ҳамчун падидаҳои миллии ҳифзи иҷтимоӣ ниҳоят муҳим аст.

Дар ин замина, тарҳи миллии давлати иҷтимоии Тоҷикистон дар заминаи ҳамгироии чунин унсурҳо ташаккул меёбад:

– роҳҳалҳои ҳуқуқии муқарраршуда дар Конститутсия ва қонунгузорӣ,

– аъзои мустақими тарҳҳои ғарбӣ (пеш аз ҳама, тарҳи скандинавӣ),

– роҳҳалҳои иҷтимоии ҳамбастагӣ, ки реша дар фарҳанг ва арзишҳои маънавии миллӣ доранд.

Ҳамин тавр, ҶТ дар самти татбиқи тарҳи давлати иҷтимоӣ роҳи хоси худро инкишоф медиҳад, ки дар он унсурҳои ҳувияти миллӣ, масъулияти дастаҷамъӣ ва падидаҳои миллии иҷтимоӣ нақши калидӣ доранд. Ин раванд устувории сиёсати иҷтимоиро таъмин намуда, дар асоси меъёрҳои дохилӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ намунаи миллии сиёсати иҷтимоиро ташаккул медиҳад.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулосаҳои зеринро пешниҳод намуд.

Якум, таҳлили таърихию назариявии ташаккули ғояи давлати иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки он ҳамчун натиҷаи таҳаввули афкори иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ва посух ба нобаробарии иҷтимоӣ дар шароити саноаткунонӣ ба

вуҷуд омадааст. Дар марҳилаи ибтидоӣ ин мафҳум ҳамчун ғояи назариявӣ ташаккул ёфта, зарурати иштироки фаъоли давлатро дар таъмини адолати иҷтимоӣ асоснок намуд. Марҳилаи дувум бо татбиқи амалии ин ғоя ва ташаккули низоми суғуртаи иҷтимоӣ алоқаманд мебошад. Дар марҳилаи сеюм ғояи мазкур мақоми конститутсионӣ касб намуда, ба принсипи сохтории давлати муосир табдил ёфт. Марҳилаи чорум бо ҷаҳонишавии ин ғоя иртибот дошта, тавассути санадҳои байналмилалӣ ба низоми уҳдадориҳои байналмилалии давлатҳо ворид гардид. Ҳамин тариқ, давлати иҷтимоӣ аз ғояи назариявӣ ба тарҳи мукаммали конститутсионӣ ва байналмилалӣ табдил ёфта, имрӯз ҳамчун меъёри рушди иҷтимоӣ ва нишондиҳандаи сатҳи масъулияти давлат дар назди инсон баромад менамояд.

Дуюм, таҳлили доктриналӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» дорои табиати бисёрҷанба буда, дар илми ҳуқуқ тавассути панҷ равиши асосӣ – бозтақсимотӣ, функсионалӣ-иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ-устуворгардонӣ ва шарикӣ шарҳ дода мешавад. Ин гуногунандешӣ ба фарқияти заминаҳои методологӣ ва таъкидҳои таҳқиқотӣ вобаста буда, дар маҷмуъ ду фаҳмиши консептуалиро ташаккул медиҳад: – маҳдуд ва васеъ. Фаҳмиши маҳдуд давлати иҷтимоиро пеш аз ҳама ҳамчун воситаи амалии сиёсати иҷтимоӣ ва бозтақсимоти захираҳо бо мақсади коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ арзёбӣ менамояд. Баръакс, фаҳмиши васеъ онро ҳамчун сифати бунёдии давлатдорӣ ва низоми арзишӣ-меъёрии конститутсионӣ дарк мекунад, ки бар принсипҳои адолат, ҳамоҳангӣ, шарикӣ ва масъулияти мутақобила асос меёбад.

Бо назардошти таҳлили пешниҳодшуда метавон хулоса намуд, ки давлати иҷтимоӣ на танҳо роҳҳали таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ, балки тарҳи мукаммали ҳамкории давлат ва ҷомеа мебошад, ки дар он инсон ҳамчун арзиши олӣ эътироф гардида, масъулияти иҷтимоии давлат хусусияти бунёдӣ ва низомнок касб мекунад.

Сеюм, дар натиҷаи таҳлили назариявию амалӣ метавон хулоса кард,

ки давлати иҷтимоӣ ҳамчун падидаи мураккаби ҳуқуқӣ-ниҳодӣ дар илми муосир дар шакли чанд тарҳи асосӣ ташаккул ёфтааст. Таснифоти пешниҳоднамудаи муҳаққиқони ғарбӣ нишон медиҳад, ки тарҳҳои либералӣ, континенталӣ ва скандинавӣ ҳамчун моделҳои устувори амалисозии сиёсати иҷтимоӣ эътироф гардида, аз рӯйи дараҷаи дахолати давлат, роҳҳалҳои бозтақсимоти даромад ва шаклҳои кафолатҳои иҷтимоӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳамзамон, дар даҳсолаҳои охир равандҳои ташаккули тарҳҳои алтернативии шарқӣ, аз ҷумла исломӣ ва авруосиёӣ, низ мушоҳида мешаванд.

Таҳлили таҷрибаи ҶТ нишон медиҳад, ки тарҳи миллии давлати иҷтимоӣ дар марҳалаи ташаккул қарор дошта, ба унсурҳои тарҳи скандинавӣ тамоюл дорад, вале бо дарназардошти хусусиятҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии миллӣ мутобиқ карда мешавад. Заминаи конститутсионии эълони Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ, рушди низоми ҳифзи иҷтимоӣ, густариши барномаҳои кумакҳои ҳадафманд ва афзоиши хароҷоти иҷтимоии буҷетӣ гувоҳи иродаи сиёсӣ дар самти таҳкими пояҳои иҷтимоии давлат мебошанд.

Ҳамин тариқ, метавон натиҷагирӣ кард, ки ҶТ роҳи миллии рушди давлати иҷтимоиро пеш гирифтааст, ки дар он унсурҳои таҷрибаи байналмилалӣ бо арзишҳои фарҳангӣ ва анъанаҳои иҷтимоии миллӣ ҳамгиро мешаванд. Раванди ниҳодишавии ин тарҳ идома дошта, муайян намудани параметрҳои ниҳоии он ба сатҳи рушди иқтисодӣ, такмили низоми идоракунии давлатӣ ва таҳкими заминаҳои иҷтимоии давлат вобаста мебошад.

## 1.2. Мафҳум, мазмун ва принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қисми 3 м. 1-и Конститутсияи ҶТ самтҳои асосии фаъолияти давлатро дар соҳаи иҷтимоӣ муқаррар менамояд ва уҳдадориҳои конститутсиониро, ки ба ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон нигаронида шудаанд, муайян мекунад. Ин уҳдадориҳо хусусияти устувор ва муттасил дошта, танҳо ба ташаббусҳои якдафъаинаи сиёсӣ маҳдуд намешаванд, балки ҷузъи сохтории фаъолияти бонизоми давлати иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд.

Мутобиқи ин уҳдадориҳо, давлат на танҳо кафолати ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоиро таъмин менамояд, балки дар раванди истеҳсолоти моддӣ, тақсими захираҳо, банақшагирии рушди иқтисодӣ ва идоракунии соҳаҳои дахлдор дар доираи ваколатҳое, ки қонун муайян кардааст, иштирок менамояд. Ба ин васила, функсияи иҷтимоии давлат ба унсури ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ табдил ёфта, тавассути барномаҳо, роҳҳалҳои ниҳодманд ва воситаҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

Дар ҳамин замина бояд таъкид намуд, ки бархилофи уҳдадориҳои конститутсионӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, уҳдадориҳои иҷтимоии давлат дараҷаи камтари мушаххассозии ҳуқуқӣ доранд. Ин ҳолат ба он вобаста аст, ки амалӣ гардидани ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз як қатор омилҳои тағйирёбанда, аз ҷумла вазъи иқтисодӣ, сатҳи шуғл, рушд ва дастрасии соҳаи тандурустӣ, имкониятҳои буҷетӣ ва шароити умумии иҷтимоии аҳолӣ вобаста мебошад. Дар чунин шароит ба мақомоти қонунгузор ва иҷроия имкони васеи интихоб намудани тадбирҳо ва роҳҳалҳои татбиқи сиёсати иҷтимоӣ дода мешавад.

Новобаста ба вуҷуд доштани чунин имкониятҳо фаъолияти давлат дар соҳаи иҷтимоӣ наметавонад хусусияти ихтиёрӣ дошта бошад. Амалӣ намудани уҳдадориҳои конститутсионӣ бояд қатъиян дар доираи қонун, мутобиқи тартиботи ҳуқуқӣ ва бо риояи принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд сурат гирад. Ин маънои онро дорад, ки озодии амалӣ намудани ваколатҳои

ниҳодҳои давлатӣ бо талаботи қонуният, шаклҳои ҳуқуқӣ ва ҳудудҳои муайяни меъёрӣ маҳдуд мегардад.

Ба ибораи дигар, муқаррароти қ.3 м.1 Конститутсияи ҶТ дорои хусусияти ҳатмӣ дошта, давлатро масъул месозад, ки сиёсати ҳифзи иҷтимоиро ба таври пайваста ва низомнок амалӣ намояд. Гарчанде тарзу усулҳои амалисозии ин уҳдадориҳо дар матни Конститутсия ба таври муфассал зикр нашудаанд, масъулияти таҳия ва татбиқи роҳҳалҳои муассири ҳуқуқӣ ва ниҳоднок ба зиммаи мақомоти қонунгузор ва иҷроия вогузор карда шудааст. Ба ин тартиб, функсияи иҷтимоии давлат на ҳамчун шиори сиёсӣ, балки ҳамчун самти ҳатмии фаъолияти давлатӣ, ки бо ваколатҳои ҳуқуқӣ ва масъулиятҳои возеҳ таъмин гардидааст, баррасӣ мегардад.

Мутобиқи муқаррароти Конститутсия ва ғояҳои умумии давлати иҷтимоӣ, давлат уҳдадор аст фаъолияти худро тавре ба роҳ монад, ки шароити зиндагии шоиста ва рушди ҳамаҷонибаи ҳар як шаҳрванд таъмин карда шавад. Чи тавре, ки дар муқаддимаи Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ аз 29 декабри соли 2006 оварда шудааст «бо Истиқлолияти давлатиро соҳиб гардидани ҶТ тағйироти амиқи иҷтимоиву иқтисодӣ дар ҷомеа ба вуқуъ пайваст ва он таъсири худро ба сатҳи некӯаҳволии табақаҳои ниёзманди ҷумҳурӣ расонид. Дар раванди дигаргунсозиҳо ва решагирии иқтисоди бозорӣ, ҷумҳурӣ бо зарурати аз нав дида баромадани усулҳои бунёдии соҳаи сиёсати иҷтимоӣ, маҳз дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва кафолатҳои иҷтимоӣ дучор омад». Давоми ақидаи мазкур дар б.1 Консепсияи рушди низоми хизматрасонии иҷтимоӣ дар ҶТ аз 4 октябри соли 2013 оварда шудааст: «рушди босуботи низоми хизматрасонии иҷтимоӣ яке аз ҳадафҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат буда, ба таъмини кафолатноки ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандоне равона шудааст, ки дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор доранд» [16].

Консепсияҳои номбаршуда самтҳои гуногуни сиёсати иҷтимоиро фаро гирифта, мақомоти давлатиро масъул менамоянд, ки фаъолияти худро ба таври мукаммал, низомманд ва ниҳоднок ба роҳ монанд. Пеш аз ҳама,

давлат дар доираи сиёсати иҷтимоӣ вазифадор аст чунин шароити иҷтимоӣ-иқтисодиро фароҳам оварад, ки ҳар як шахс тавонад тавассути меҳнати худ сатҳи шоистаи зиндагиро таъмин намояд. Ин самт рушди бозори меҳнат, ташаккули низоми одилонаи музди меҳнат, такмили таҳсилоти касбӣ, бозомӯзии кадрҳо ва дастгирии фаъолияти соҳибкориро дар бар мегирад.

Ҳамзамон, ҳифзи саломатии аҳолӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми сиёсати иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои тиббӣ, таъмини амнияти санитариву эпидемиологӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солимро тақозо менамояд.

Илова бар ин, давлат уҳдадор аст шароити рушди озодонаи шахсро тавассути таъмини дастрасии баробар ба маориф ва фарҳанг, инчунин ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин намояд. Ғамхории махсус нисбат ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ – аз ҷумла шахсони куҳансол, маъюбон, ятимон, камбизоатон ва бекорон, тавассути низоми пардохтҳои иҷтимоӣ, имтиёзҳо ва барномаҳои ҳамгироии иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад.

Тавре ки А.М. Диноршоев ва С.М. Салохидинова дуруст таъкид менамоянд, «маҷмуи уҳдадориҳои иҷтимоии давлат маҳз дар сиёсати иҷтимоӣ, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияти давлатӣ ба ҳисоб меравад, ифодаи амалии худро пайдо мекунад. Мақсади ин сиёсат ташаккули чунин шароитест, ки ба таъмини сатҳи муносиби зиндагии аҳолӣ ва фароҳам овардани имкониятҳо барои рушди озоду ҳамаҷонибаи шахс мусоидат менамояд» [34, с. 83].

Ҳамин тариқ, сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун роҳҳали марказии татбиқи ҳадафҳои давлати иҷтимоӣ ва яке аз унсурҳои калидии идоракунии давлатӣ баромад намуда, ба танзими рушди соҳаи иҷтимоӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии табақаҳои гуногуни аҳолӣ равона гардидааст.

Дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ доираи васеи равишҳои консептуалӣ оид ба муайян намудани мазмуни сиёсати иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст, ки ин ҳолат табиати мураккаб ва бисёрсатҳии онро инъикос менамояд.

Гуногунандешии тафсирҳо ҳам ба фарқияти методологияҳои таҳқиқотӣ ва ҳам ба тафовути таъкидҳо ҳангоми муайян намудани нақши давлат ва дигар ниҳодҳо дар танзими соҳаи иҷтимоӣ вобаста мебошад.

Тибқи яке аз равишҳои маъмул, сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун низоми тадбирҳои ҳокимиятӣ-идоракунӣ маънидод мегардад, ки ба дастгирии фаъолияти ҳаётии гурӯҳҳои иҷтимоии осебпазир ва дар минтақаи хавфи баланд қарор дошта, бо мақсади таъмини ҳамбастагии ҷамъиятӣ ва пешгирии ноустувории иҷтимоӣ равона шудааст [130, с. 31]. Дар доираи назарияи дигар, он ҳамчун фаъолияти мақсадноки давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва мувофиқасозии манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ баррасӣ мешавад [27, с. 20-21].

Ҳамзамон, сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун роҳҳали мураккаби танзими ниҳодманди муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ муайян мегардад, ки тавассути ҳокимияти оммавӣ ва дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ бо мақсади ташаккули муҳити мусоиди иҷтимоию фарҳангӣ, таҳкими ҳамоҳангии иҷтимоӣ, нигоҳдории субот ва рушди худшиносии шаҳрвандӣ амалӣ карда мешавад [65, с. 88]. Дар дигар тафсирҳо, он ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати дохилии давлат арзёбӣ гардида, дар низоми барномаҳои иҷтимоӣ, қарорҳои меъёрӣ ва амалияҳои идоракунӣ таҷассум ёфта, ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо дарназардошти манфиатҳои гурӯҳҳои асосии иҷтимоӣ равона мегардад [37, с. 6].

Таҳлили мавқеъҳои пешниҳоднамудаи як қатор муҳаққиқони тоҷик низ имкон медиҳад, ки дарки умумии илмии ин падида мушаххас гардад. Аз ҷумла, ба ақидаи А.М. Диноршоҳ ва Г.Д. Солеҳзода «сиёсати иҷтимоии давлат фаъолияти мақсаднокест, ки ба рушди иҷтимоии ҷомеа, такмили фаъолияти соҳаҳои иҷтимоӣ ва дар маҷмуъ қонеъ гардонидан ва ҳамоҳангсозии ниёзҳои иҷтимоии шахсият ва ҷомеа равона шудааст» [94, с. 92-97]. Ин назария дуҷониба будани самтгирии сиёсати иҷтимоиро таъкид менамояд, яъне аз як тараф рушди сохторҳои иҷтимоӣ ва аз тарафи дигар ҳифзи суботи иҷтимоӣ ва таъмини мувозинати манфиатҳои гурӯҳҳои

гуногуни аҳолӣ.

М.А. Ғоибзода сиёсати иҷтимоиро ҳамчун «қисми таркибии сиёсати дохилии давлат арзёбӣ намуда, онро фаъолияте мешуморад, ки тавассути барномаҳои иҷтимоӣ ва тадбирҳои амалӣ ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва қонеъ гардонидани манфиатҳои табақаҳои гуногуни аҳолӣ равона мегардад» [156, с. 15]. Дар ин таъриф таваҷҷуҳ ба табиати абзории сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун воситаи амалигардонии иродаи давлат ва интиқолдиҳандаи манфиатҳои мардум тавассути роҳҳалҳои ниҳодманд равона шудааст.

Д.Ш. Сангинзод ва Э.Д. Кабутов, дар навбати худ, сиёсати иҷтимоиро «унсури таркибии стратегияи давлатии рушди соҳаи иҷтимоӣ арзёбӣ менамоянд. Ба андешаи онҳо, ин сиёсат фаъолиятест, ки ба қабули қарорҳо оид ба мавқеи инсон дар ҷомеа ва низоми кафолатҳои иҷтимоӣ равона гардидааст» [58, с. 11]. Дар ин таъриф ҷанбаҳои ниҳодноки сиёсати иҷтимоӣ таъкид мешаванд: он тавассути ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ амалӣ мегардад, ба дастгирии ҷомеа ниёз дорад ва ба тағйироти иҷтимоӣ ва ниёзҳои нав мутобиқ карда мешавад.

Ҳамин тавр, ҷамъбасти мавқеъҳои назариявии пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун самти ниҳодманд ташаккулёфта ва функсионалӣ нигаронидашудаи фаъолияти давлатӣ баррасӣ гардад, ки ба таъмини рушди устувори ҷомеа, нигоҳдории тавозуни манфиатҳои иҷтимоии аҳамиятнок, ҳифзи суботи иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ равона шудааст. Сиёсати иҷтимоӣ арзишҳо, ҳадафҳо ва афзалиятҳои рушди иҷтимоиро дар худ таҷассум намуда, сатҳи инкишофи падидаҳои сиёсӣ ва дараҷаи масъулияти иҷтимоии давлатро нисбат ба ҷомеа инъикос мекунад.

Бар асоси таҳқиқоти анҷомдодашуда метавон таъкид кард, ки сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун пояи консептуалӣ ва унсури муайянкунандаи тарҳи давлати иҷтимоӣ, ки дар сатҳи конститутсионӣ дар ҶТ таҳким ёфтааст, баромад менамояд. Мавқеи меъёрии он дар Конститутсия гувоҳи он аст, ки давлат на танҳо арзишҳои иҷтимоиро эътироф мекунад, балки уҳдадории ҳуқуқии

таъмин ва татбиқи онҳоро низ ба зимма мегирад.

Чи тавре ки дар адабиёт қайд мегардад, «сиёсати иҷтимоӣ маҷмуи мукаммали тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ мебошад, ки ба татбиқи самараноки ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, ҳифзи гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, ташаккули муҳити устувор ва мусоиди иҷтимоӣ, инчунин таъмини тақсими одилонаи захираҳои ҷамъиятӣ равона карда шудааст. Мазмуни он фарогири маҷрои васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, иштироки фаъоли давлатро дар танзим ва рушди соҳаҳои меҳнат ва шуғл, ҳифзи саломатӣ, маориф, таъминоти иҷтимоӣ, инчунин дастгирии оила ва кӯдакон пешбинӣ менамояд. Мазмун, шакл ва воситаҳои татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ба сатҳи рушди иқтисодӣ, имкониятҳои молиявии давлат, инчунин ба шароити амалкунандаи ҳуқуқию ниҳодманд вобастагӣ доранд. Бо вуҷуди ин, амалисозии он бояд пайваста дар доираи принсипҳои қонуният, адолати иҷтимоӣ, баробарӣ ва кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд сурат гирад» [103, с. 31].

Сиёсати давлати иҷтимоӣ фаъолияти ҳадафмандест, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ ва рушди озоди шахсият равона шудааст. Он ҷузъи ҷудонашавандаи роҳҳали умумии сиёсати давлатӣ буда, моҳияти иҷтимоии давлат ва масъулияти онро ҳамчун давлати демократии муосир дар назди шаҳрвандон инъикос менамояд.

Ҳадафи калидии сиёсати иҷтимоӣ ташаккули шароити иҷтимоӣ ва ниҳоднок мебошад, ки дар доираи онҳо ҳар як шахс, новобаста аз баромади иҷтимоӣ, вазъи молу мулк ва дигар омилҳо, метавонад ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худро амалӣ намояд. Асоси расидан ба ин ҳадаф эътирофи шарафи инсон ҳамчун олитарин арзиши иҷтимоӣ мебошад, ки таъмини баробарии дастрасӣ ба имкониятҳо, захираҳо ва неъматҳои барои зиндагии шоиста заруриро дар назар дорад.

Рушди озоди шахсият танҳо дар шароити таъмини воқеӣ ва кафолати тамоми намудҳои ҳуқуқу озодиҳо – аз шаҳрвандӣ ва сиёсӣ то иҷтимоию иқтисодӣ имконпазир аст. Дар ин замина, низоми ҳифзи иҷтимоӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад, зеро он таъмини заминаҳои асосии зиндагӣ, аз ҷумла

ғизои кофӣ, манзили муносиб, дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ, маориф ва дигар намудҳои хизматрасониҳои иҷтимоиро дар бар мегирад. Ин омилҳо на танҳо дар давраи қобилияти кории шахс, балки дар ҳолатҳои душвори иҷтимоӣ, аз қабили маъюбӣ, пирӣ, беморӣ, бекорӣ аҳаммияти ҳаётӣ доранд [47, с. 21].

Дар ин раванд, сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун ҷузъи сиёсати дохилии давлат баромад намуда, маҷмуи тадбирҳоро дар бар мегирад, ки ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ миёни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, миёни давлат ва шаҳрванд, инчунин миёни ҷомеа ва шахсият равона шудаанд. Вазифаи он таъмини рушди устувори иҷтимоӣ, коҳиши сатҳи нобаробарӣ, ҳифзи ҳаракати иҷтимоӣ ва татбиқи принсипҳои адолати иҷтимоӣ мебошад.

Сиёсати иҷтимоӣ доираи васеи вазифаҳоро фаро мегирад: аз мубориза бо камбизоатӣ ва ҷудошавии иҷтимоӣ то беҳтар намудани сифати зиндагӣ ва мусоидат ба ҳамгироии иҷтимоӣ. Он тавассути ниҳодҳои гуногуни давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, инчунин сохторҳои ғайридавлатӣ ва субъектҳои хусусӣ амалӣ карда мешавад [45, с. 134].

Аз лиҳози муҳтаво, сиёсати иҷтимоиро метавон ҳамчун маҷмуи тадбирҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии равонашуда ба танзими соҳаи иҷтимоӣ, ҳимояи аҳолӣ аз оқибатҳои манфии равандҳои иҷтимоӣ (аз қабили бекорӣ, таваррум, болоравии нархҳо), инчунин таъмини рушди устувори зерсохтори иҷтимоӣ тавсиф намуд. Ҷузъи муҳимми ин тадбирҳо ҳифзи иҷтимоӣ мебошад, ки нафақаҳои давлатӣ, кумакпулиҳо, ҷубронпулиҳо, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва барномаҳои дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро дар бар мегирад.

Бо ибораи дигар, сиёсати иҷтимоӣ на танҳо маҷмуи барномаҳо ва чорабиниҳо, балки низоми мукаммалу бисёрзинагиест, ки дар стратегияи умумии давлат муттаҳид гардида, ба таъмини суботи иҷтимоӣ, рушди сармояи инсонӣ ва татбиқи принсипҳои давлати иҷтимоӣ равона шудааст. Сиёсати иҷтимоӣ на танҳо сатҳи инкишофи ниҳодҳои давлатро инъикос

мекунад, балки нишондиҳандаи дараҷаи башардӯстии сиёсати дохилӣ, қобилияти муколама бо ҷомеа ва дарназардошти манфиатҳои ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ низ мебошад.

Дар таҳлили илмии муосир сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун унсури стратегии сиёсати дохилии давлат ва ифодаи масъулияти иҷтимоии он баррасӣ мегардад. Аксари муҳаққиқон бар он назаранд, ки сиёсати иҷтимоӣ ҷузъи ҷудонашавандаи роҳҳали умумии идоракунии ҷомеа буда, ба рушди устувори иҷтимоӣ, коҳиши нобаробарӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ равона шудааст.

Дар ин замина, татбиқи вазифаи иҷтимоии давлат на танҳо уҳдадории меъёрӣ, балки самти муҳимми фаъолияти давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки сатҳи баланди ташкилии идоракунӣ ва истифодаи самараноки абзорҳои ҳуқуқиро тақозо менамояд.

Сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун самти стратегии фаъолияти давлати иҷтимоӣ бар маҷмуи принсипҳо асос ёфта, самтҳои асосии масъулияти давлатро дар назди шаҳрвандон муайян мекунад ва заминаи татбиқи барномаҳою тадбирҳои ба таъмини адолати иҷтимоӣ, коҳиши осебпазирии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ равонашударо фароҳам меорад.

Сиёсати иҷтимоии давлат ба принсипҳои зерин асос меёбанд:

1. Принсипи ҳифзи сатҳи зиндагии аҳолӣ. Яке аз принсипҳои калидии сиёсати иҷтимоӣ таъмини субот ва сатҳи қобили қабули зиндагии шаҳрвандон дар шароити тағйирёбии иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф, давлат чораҳои ҷуброн намудани таъсири таваррум ва болоравии нархҳоро амалӣ менамояд, аз ҷумла тавассути роҳҳали зиёднамоии даромади аҳолӣ, нафақаҳо, кумакпулиҳо ва музди меҳнат. Ин роҳҳал қобилияти харидории шаҳрвандонро нигоҳ дошта, таъсири манфии зарбаҳои иқтисодиро ба гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа коҳиш медиҳад. Дар Тоҷикистон пайваста чораҳое амалӣ мегарданд, ки коҳиши қобилияти харидории аҳолиро дар шароити таваррум ҷуброн намоянд. Масалан, ҳар сол андозаҳои музди меҳнати кормандони буҷетӣ, нафақа ва кумакпулиҳо аз нав

дида мешаванд. Дар Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ (соли 2024) супориш дода шуд, ки аз моҳи сентябри соли 2025 музди меҳнати ҳадди ақал ба 1000 сомонӣ расонида шуда, нафақа ва иловапулиҳо ба он 10% индексатсия шаванд. Ин тадбирҳо ба коҳиш додани таъсири болоравии нархҳо ва таҳкими суботи иҷтимоии аҳолӣ, бахусус гурӯҳҳои осебпазир равона гардидаанд.

2. Принсипи дастгирии иҷтимоӣ дар ҳолати бекорӣ. Самти муҳимми сиёсати иҷтимоӣ кумак ба шаҳрвандон мебошад, ки бинобар аз даст додани ҷойи кор муваққатан манбаи даромади худро аз даст додаанд. Давлат тавассути пардохти кумакпулиҳои бекорӣ, ташкили хадамоти шуғл, барномаҳои бозомӯзии касбӣ ва мусоидат ба шуғл чора меандешад. Ҳадафи ин чораҳо на танҳо ҷуброни даромади аздастрафта, балки баргардонидани шахс ба фаъолияти иқтисодии фаъол дар муҳлати кӯтоҳ мебошад. Солҳои охир дар ҷумҳурӣ барномаҳои давлатӣ оид ба ташкили ҷойҳои кор ва коҳиши сатҳи бекорӣ фаъолона амалӣ мешаванд. Танҳо дар соли 2024 дар доираи Стратегияи саноаткунонӣ 740 корхонаи нави саноатӣ таъсис ёфт, ки зиёда аз 20 ҳазор ҷойи кор муҳайё кард. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ фаъолияти бозомӯзии касбии шаҳрвандони бекор, аз ҷумла занон, ҷавонон ва муҳоҷирони меҳнатии бозгаштаро ҳамоҳанг месозад.

3. Принсипи дастгирии ҳадафноки оилаҳои камбизоат. Дар сиёсати иҷтимоӣ ба дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ оилаҳое, ки дар зери хатти фақр қарор доранд, диққати махсус дода мешавад. Барои ин гурӯҳҳо роҳҳалҳои дастгирии ҳадафноки иҷтимоӣ таҳия ва татбиқ мегарданд, ки кумакҳои моддиро бо дарназардошти сатҳи даромад ва ниёзҳои воқеии хонавода таъмин мекунанд. Ин равиш истифодаи самараноки захираҳо ва ноил шудан ба натиҷаи иҷтимоии баландро таъмин месозад. Барномаи давлатии кумакпулии ҳадафноки иҷтимоӣ, ки ба арзёбии сатҳи ниёзмандии хонаводаҳо асос ёфтааст, татбиқ мешавад. Бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Бонки ҷаҳонӣ, гузариш ба низоми тақсимоти аниқтар ва одилонаи кумакҳои иҷтимоӣ амалӣ мегардад. Татбиқи Феҳристи ягонаи

таъминоти иҷтимоӣ имконият медиҳад, ки гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир муайян шуда, ба онҳо дар шакли интиқоли пулии мустақим, дастгирии озуқа, хизматрасониҳои тиббӣ ва таълимӣ кумак расонида шавад.

4. Принсипи ҳифзи иҷтимоии аҳолии фаъол аз ҷиҳати меҳнат. Сиёсати иҷтимоӣ татбиқи низоми фарогири суғуртаи иҷтимоиро дар назар дорад, ки суғурта аз тавоноии муваққатан гумшуда, модарӣ, пирӣ, маъюбӣ ва дигар хатарҳои иҷтимоиро фаро мегирад. Унсури муҳимми ин самт муқаррар намудани ҳадди ақалли музди меҳнат мебошад, ки шароити зиндагии асосии коргаронро кафолат дода, пешгирии истисмори меҳнатиро таъмин мекунад. Ин тадбирҳо ба ҳимояи иҷтимоии аҳолии қобили меҳнат ва ташаккули шароити одилонаи меҳнат нигаронда шудаанд. Кодекси меҳнати ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми давлатии суғуртаи иҷтимоӣ», инчунин санадҳои меъёрии соҳаи ҳифзи меҳнат кафолатҳои ҳуқуқи кормандонро муайян мекунанд. Низоми суғуртаи иҷтимоии ҳатмӣ, аз ҷумла нафақавӣ ва бар зидди ноқобилияти муваққатӣ, ҷорӣ шудааст. Дар доираи ислоҳоти низоми суғуртаи ҳатмии тиббӣ роҳҳалҳои фарогирии суғуртавӣ барои кормандони соҳаҳои мухталиф, хусусан маориф ва тандурустӣ, таҳия мешаванд. Ғайр аз ин, ҳамасола ҳадди ақалли музди меҳнат аз ҷониби давлат муқаррар ва танзим мегардад.

5. Принсипи рушди зерсохтори иҷтимоӣ. Татбиқи самараноки сиёсати иҷтимоӣ бе сатҳи муносиби рушди соҳаҳои бунёдӣ, аз қабили маориф, тандурустӣ ва ҳифзи муҳити зист ғайриимкон аст. Давлат вазифадор аст, ки низоми фарогир ва босифати маорифро ташаккул диҳад, ки омодасозии қувваи кории рақобатпазирро таъмин намояд, ҳамзамон низоми муассири тандурустиро, ки ба пешгирии бемориҳо, ҳифзи сиҳатӣ ва дарозумрии аҳолӣ равона шудааст, роҳандозӣ намояд. Илова бар ин, унсури экологӣ дар сиёсати иҷтимоӣ таъмини муҳити зисти солим ва истифодаи устувори захираҳои табииро дар назар дорад. Афзалиятҳои буҷетии ҶТ то андозае ба рушди сармояи инсонӣ равона шудаанд. Дар соли 2024 тақрибан 43 фоизи буҷети давлатӣ барои маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ равона гардидааст.

Соҳаҳое чун маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ самтҳои асосии гирифтани маблағгузорӣ мебошанд. Танҳо барои соҳаи маориф зиёда аз 6 миллиард сомонӣ ҷудо шудааст. Ҳамзамон, барномаҳои миллии сохтмони муассисаҳои таълимӣ, тиббӣ ва муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла интернатҳо ва хонаҳои пиронсолон татбиқ мегарданд. Инчунин, тадбирҳо ҷиҳати беҳтар намудани вазъи экологӣ ва истифодаи устувори захираҳои табиӣ андешида мешаванд.

6. Принсипи мусоидат ба рушди тахассуси касбӣ. Дар шароити рушди босуръати иқтисодиёт, гузаронидани сиёсати фаъоли рушди сармояи инсонӣ аҳаммияти афзоянда пайдо мекунад. Давлат вазифадор аст, ки барои аҳолӣ имкониятҳои таҳсилоти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисосро, бахусус дар шароити тағйироти технологӣ ва ивазшавии бозори меҳнат таъмин намояд. Ин тадбирҳо ба мутобиқшавии шаҳрвандон ба шароити нави иқтисодӣ, васеъ намудани имкониятҳои шуғл ва баланд бардоштани устуворӣ ба хатарҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунанд. Принсипҳои мазкур моҳияти бисёрсамтаи сиёсати иҷтимоии давлатро инъикос мекунанд, ки ба рушди устувори ҷомеа, ҳимояи инсон ҳамчун шахси меҳнаткунанда, дастгирии гурӯҳҳои осебпазир ва фароҳамсозии шароити мусоид барои ҳаракати иҷтимоӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ нигаронда шудаанд. Амалӣ гардидани онҳо аз ҳамоҳангии фаъолияти ҳамаи зинаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷалби ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ вобастагӣ дорад. Дар ҶТ марказҳои таълими касбӣ фаъолият мекунанд, ки ба шаҳрвандон, бахусус ҷавонон ва муҳоҷирони меҳнатӣ, имконияти аз худ кардани ихтисосҳои навро фароҳам месозанд. Аз соли 2022 Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ барои солҳои 2022–2026 амалӣ мегардад, ки ба муосирсозии заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ ва навсозии барномаҳои таълимӣ равона шудааст. Дар ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ марказҳои махсуси таълимӣ таъсис дода мешаванд, ки ин имкон медиҳад, то сатҳи тахассуси кормандон мувофиқи талаботи иқтисодиёти муосир боло бурда шавад.

Татбиқи принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ дар ҶТ самти амалӣ пайдо

карда, тавассути низоми тадбирҳои давлатӣ, роҳҳалҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои мушаххаси иҷтимоӣ амалӣ мегардад. Новобаста аз мушкилоти иқтисодию низомманд, кишвар тамоюли таҳкими пайдарпайи пояҳои давлати иҷтимоиро нишон медиҳад, ки он ба васеъ намудани дастрасӣ ба неъматҳои асосии иҷтимоӣ ва тақвияти ҳадафмандии дастгирии иҷтимоӣ нигаронда шудааст. Барои боз ҳам баланд бардоштани самаранокии сиёсати иҷтимоӣ зарур аст, ки тадбирҳои татбиқшаванда низомманд гарданд, сатҳи рақамикунонии соҳаи иҷтимоӣ афзоиш ёбад ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқи ташаббусҳои иҷтимоӣ густариш ёбад.

Ҳамин тариқ, равона будани сиёсати давлатӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ ва некуаҳволии шаҳрвандон, ки бо уҳдадориҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқии миллӣ тақвият ёфтааст, давлатро ба маънои воқеӣ ба давлати иҷтимоӣ табдил медиҳад, ки дар он ғамхорӣ нисбат ба инсон ба олитарин ҳадаф табдил меёбад. Дар ин замина, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун ҳуқуқи иҷтимоӣ ҷойгоҳи марказӣ дорад, зеро он кафолати мавҷудияти шоистаи инсонро новобаста аз шуғл ё вазъи саломатии ӯ таъмин менамояд.

Дар сатҳи амалӣ, сиёсати иҷтимоии ҶТ ба доираи васеи гурӯҳҳои аҳолӣ равона гардида, дар шаклҳои гуногун амалӣ мегардад. Он самтҳои зеринро фаро мегирад: танзими давлатӣ нисбат ба ҳадди ақалли музди меҳнат; мубориза бо бекорӣ ва мусоидат ба шуғл; таъмини дастрасӣ ва ройгон будани таҳсилоти томактабӣ, асосӣ, миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ дар муассисаҳои давлатӣ; пешниҳоди ёрии тиббии ройгон дар доираи низоми тандурустӣ; ҳифзи дастрасии имтиёзнок ба муассисаҳои фарҳанг ва иттилоот (аз ҷумла истифодаи ройгони китобхонаҳо ва пардохти паст барои боздиди музейҳо ва галереяҳо).

Дар шароити тағйирёбии иҷтимоию иқтисодӣ тадбирҳои дастгирии давлатии гурӯҳҳои камбизоат, ки бинобар омилҳои объективӣ (маъюбӣ, беморӣ, пиронсолӣ, набудани тахассус, оқибатҳои офатҳои иҷтимоӣ ва экологӣ) наметавонанд мустақилона сатҳи шоистаи зиндагиро таъмин намоянд, аҳаммияти хосса пайдо мекунанд. Дар ин ҳолат, низоми давлатии

кумакпулии иҷтимоӣ ба роҳҳали ягонаи таъмини зинда мондан ва фарогирии иҷтимоии ин гурӯҳҳо мубаддал мешавад.

Моҳияти иҷтимоии давлати муосири тоҷик тавассути низоми кафолатҳои давлатӣ дар соҳаҳои меҳнат, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ амалӣ мегардад. Бо вуҷуди ин, то ҳол гурӯҳҳои иҷтимоие вуҷуд доранд, ки бинобар маҳдудиятҳои ҷисмонӣ, синнусолӣ ё дигар, наметавонанд худ мустақилона зиндагии шоистаро таъмин намоянд. Ба ин гурӯҳҳо кӯдакон, шахсони пиронсол, маъюбон, бекорон ва қурбониёни офатҳои иҷтимоӣ, экологӣ ва сиёсӣ шомиланд. Давлат вазифадор аст, ки барои онҳо сатҳи зиндагии ҳадди ақал қобили қабулро бо такя ба принсипҳои инсондустӣ ва адолати иҷтимоӣ таъмин намояд.

Дар асоси натиҷагирии масъалаҳои баррасишуда, метавон ба хулосаҳои зерин расид:

Якум, дар қ.3 м.1-и Конститутсияи ҶТ уҳдадории давлат дар самти таъмини ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон мустаҳкам гардидааст, ки ба сиёсати иҷтимоӣ хусусияти ҳуқуқии ҳатмӣ мебахшад ва онро ба самти воқеии фаъолияти давлатӣ табдил медиҳад, ки роҳҳали низомнок ва ҳуқуқии татбиқро талаб мекунад. Сиёсати иҷтимоӣ низоми мукаммали тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилиро дар бар мегирад, ки самтҳои гуногунро аз ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ то ҳамгироии иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ фаро мегиранд. Он дар тамоми зинаҳои ҳокимияти давлатӣ бо иштироки субъектҳои ғайридавлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ мегардад.

Дуюм, сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун раванди асосии татбиқи вазифаи иҷтимоии давлат баромад мекунад ва иҷрои вазифаҳои калидиро таъмин менамояд, аз ҷумла коҳиши сатҳи камбизоатӣ, таъмини тақсими одилонаи захираҳо ва нигоҳдории тавозуни иҷтимоӣ дар ҷомеа. Яъне, сиёсати иҷтимоӣ ба ташаккули шароит барои рушди ҳамаҷонибаи шахсият равона гардида, тавассути дастгирии соҳаҳое ба монанди маориф, омӯзиши касбӣ, тандурустӣ ва шуғл, ба рушди сармояи инсонӣ мусоидат мекунад.

Сеюм, дар доираи амалишавии сиёсати иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад, ки тавассути ҷорӣ намудани роҳҳалҳои ҳадафманди кумакпулии иҷтимоӣ амалӣ мегардад. Ин роҳҳалҳо ба истифодаи самараноки захираҳо ва ба даст овардани таъсири иҷтимоии баланд нигаронда шудаанд.

Чорум, сиёсати иҷтимоии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои адолати иҷтимоӣ, баробарии имкониятҳо, ҳамбастагӣ ва инсонпарварӣ асос ёфтааст. Ин принсипҳо на танҳо амалиёти давлатро қонунӣ мегардонанд, балки пояи ахлоқӣ ва маънавии низоми иҷтимоиро ташаккул медиҳанд.

Ҳамин тариқ, сиёсати иҷтимоӣ дар ҶТ ҳамчун унсури асосии стратегияи давлатӣ баромад мекунад, ки ба татбиқи уҳдадориҳои давлати иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Он вазифадор аст рушди ҳамоҳанги ҷомеа, ҳимояи ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандон, суботи низоми иҷтимоию иқтисодӣ ва таҳкими эътимоди иҷтимоиро миёни давлат ва ҷомеа таъмин намояд.

# БОБИ 2. МАЗМУНИ ҲУҚУҚ БА ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ ВА ТАНЗИМИ ОН ДАР САТҲИ ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва мавқеи он дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд

Яке аз нишонаҳои асосии давлати иҷтимоӣ дар он ифода меёбад, ки дар низоми ҳуқуқии конститутсионии он маҷмуи ҳуқуқҳои асосии иҷтимоии инсон ва шаҳрванд мустаҳкам гардида, инчунин роҳҳали самарабахши сиёсати давлатӣ ҷиҳати татбиқ ва ҳифзи онҳо амал менамояд. Сатҳи эътироф, мазмун, кафолатҳо ва роҳҳалҳои амалисозии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми самти иҷтимоии давлат ва дараҷаи камолоти низоми ҳуқуқии он ба шумор меравад.

Дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ҷойгоҳи махсус ва мутаҳидкунандаро ишғол менамоянд, зеро онҳо амалӣ гардидани ниёзҳои ҳаётии шахсро таъмин намуда, ба ташаккули тартиботи устувори иҷтимоӣ мусоидат мекунанд. Аз нигоҳи таърихӣ, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ҳамчун посух ба мушкилоти саноаткунонӣ, низоъҳо ва бухронҳои иҷтимоӣ, ки бо ташаккули давлати муосир ҳамроҳ буданд, ба вуҷуд омадаанд. Дар муддати нисбатан кӯтоҳ онҳо аз изҳороти эъломиявӣ ба унсури низомманди фаъолияти давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ табдил ёфтанд.

Тавре ки олими рус С.А. Авакян дуруст қайд менамояд: «Пояҳои давлатдорӣ дар устуворие ифода меёбанд, ки дар сохтори конститутсионӣ сабт шудаанд. Ин пояҳо на танҳо тартиби сиёсӣ-ҳуқуқии ташкили ҳокимиятро инъикос мекунанд, балки моҳияти муносибатҳои байни давлат, ҷомеа ва шахс, инчунин хусусиятҳои моликият ва фаъолияти иқтисодиро дар бар мегиранд» [17, с. 326]. Ба ақидаи ӯ, сохтори конститутсионӣ самти рушди иҷтимоӣ ва сиёсиро муайян намуда, меъёрҳои асосии танзими ҳуқуқӣ ва ҳамкории иҷтимоиро муқаррар месозад

Ба андешаи Х.А. Воситов «дар доираи низоми арзишҳои конститутсионӣ ҷанбаи иҷтимоии ташкили давлат мақоми бунёдӣ дошта, маҳз тавассути он мазмуну самти сиёсати давлатӣ ва ҳадафҳои рушди иҷтимоӣ муайян мегарданд. Конститутсияи ҶТ хусусияти иҷтимоии давлатро мустақиман муқаррар намуда, ҶТ-ро давлати иҷтимоӣ эълон мекунад, ки ин на танҳо изҳороти сиёсӣ, балки уҳдадории меъёрии давлатро оид ба фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда, рушди озоди шахсият ва иштироки фаъоли шаҳрвандон дар ҳаёти ҷамъиятӣ дар назар дорад. Принсипи иҷтимоии давлат заминаи конститутсионии ташаккул ва амалисозии ҳуқуқҳои иҷтимоиро ташкил дода, моҳияти онҳо дар таъмини дастрасии баробар ба неъматҳои асосии ҳаётӣ ва ҳамгироии шахс ба фазои иҷтимоию иқтисодӣ ифода меёбад. Ҳамзамон, дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки бо тақсимшавии даромадҳо ва имкониятҳо тавсиф мешавад, хатари нобаробарии иҷтимоӣ ба миён меояд, аз ин рӯ давлати ҳуқуқии муосир вазифадор аст роҳҳалҳои муассири ҳуқуқиро дар асоси адолати иҷтимоӣ ва тавозуни манфиатҳо таҳия ва татбиқ намояд, то паёмадҳои манфии равандҳои бозориро коҳиш дода, рушди устувори иҷтимоиро таъмин созад [85, с. 15-17].

Бояд зикр намуд, ки ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар низоми умумии ҳуқуқу озодиҳои инсон дорои робитаи ҷудонопазир бо ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ буда, дар маҷмуъ мақоми ягонаи ҳуқуқии шахсро ташаккул медиҳанд. Чи тавре ки А.М. Диноршоев қайд менамояд: «ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар низоми умумии ҳуқуқу озодиҳои инсон бо ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ робитаи ҷудонопазир дошта, дар маҷмуъ мақоми ягонаи ҳуқуқии шахсро ташаккул медиҳанд. Амалисозии самараноки онҳо аз сатҳи кафолат ва таъмини дигар гурӯҳҳои ҳуқуқҳо вобастагии мустақим дорад, зеро ҳуқуқҳои шахсӣ заминаи озодии инфиродӣ ва дахлнопазирии шахсиятро фароҳам меоранд, ҳуқуқҳои сиёсӣ имконияти иштироки шахсро дар ташаккули сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳимояи манфиатҳои худ таъмин менамоянд, дар ҳоле ки ҳуқуқҳои иқтисодӣ, асоси моддӣ ва захиравии татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоиро муҳайё месозанд. Аз ин рӯ, ҳуқуқҳои

иҷтимоӣ наметавонанд дар алоҳидагӣ баррасӣ шаванд, зеро онҳо дар ҳамбастагии функсионалӣ бо дигар гурӯҳҳои ҳуқуқҳо амал намуда, принсипи универсалӣ ва тақсимнопазирии ҳуқуқҳои инсонро таҷассум мекунанд» [91, с. 93-99]. Тавре ки О.И. Тиунов ишора менамояд, «ҳуқуқ ба манзил бидуни кафолати дахлнопазирии он дар низоми ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва инчунин бидуни эътирофи ҳуқуқ ба моликияти шахсӣ дар низоми ҳуқуқҳои иқтисодӣ нопурра хоҳад буд» [48, с. 186]. Ин андешаҳо бори дигар пояи назарияи муосири ҳуқуқро тасдиқ мекунад, ки мутобиқи он ҳамаи ҳуқуқҳои инсон бо ҳамдигар вобаста ва тақсимнопазиранд.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ на танҳо дигар гурӯҳҳои ҳуқуқи инсонро тақвият ва мушаххас менамоянд, балки инчунин вазифаи муҳимми иҷтимоиро иҷро мекунанд, ки ба ҳамгироии шахс ба низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дар асоси баробарӣ ва эҳтироми арзишҳои инсонӣ равона гардидааст. Амалӣ гардидани онҳо иштироки фаъоли давлатро тақозо менамояд, ки дар доираи принсипҳои волоияти қонун ва масъулияти иҷтимоӣ дар назди шаҳрвандон фаъолият мекунад.

Тавре қаблан зикр гардид, Конститутсияи ҶТ асосҳои сиёсати иҷтимоии давлатро муайян менамояд, ки заминаи ташаккули тамоми низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳимояи ҳуқуқии шахсро ташкил медиҳад. Ин муқаррароти конститутсионӣ афзалиятҳои сиёсати давлатро инъикос намуда, ҳамзамон самтҳои ҳуқуқии рушди иҷтимоиро муайян месозад. Дар низоми ҳуқуқи инсон, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ҷойгоҳи хосса доранд, зеро онҳо ҳифзи ҳуқуқи асосии зиндагии шахсро таъмин намуда, ба иштироки арзандаи ӯ дар ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд.

Ин гурӯҳи ҳуқуқҳо ба мафкураи адолати иҷтимоӣ асос ёфта, ба таъмини дастрасии баробари ҳамаи аъзои ҷомеа ба неъматҳои ҳаётӣ – меҳнат, таҳсил, хизматрасонии тиббӣ, манзил ва ҳифзи иҷтимоӣ равона гардидаанд. Амалӣ гардидани онҳо шароит фароҳам меорад, то ки озодии шахс на танҳо дар шакли эътирофи расмӣ, балки дар шакли воқеӣ низ татбиқ гардад. Хусусияти фарққунандаи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ дар он ифода меёбад, ки

онҳо ба дастёбӣ ба натиҷаи мушаххас равона гардида, пеш аз ҳама таъмини заминаҳои моддии озодӣ ва баробариро ҳадаф қарор медиҳанд [79, с. 14-20].

Барои ҶТ, ки дар оғози солҳои 1990-ум марҳилаи бухрони амиқи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро аз сар гузаронид ва ин раванд бо ҷанги шаҳрвандӣ ва фалаҷ гардидани сохторҳои асосии давлатӣ ва иқтисодӣ ҳамроҳ буд, масъалаи амалисозии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ аҳаммияти стратегии давлатдорӣ касб намуд. Паёмадҳои низоъ, аз ҷумла вайроншавии инфрасохтор, коҳиши иқтидори иқтисодӣ ва таназзули сатҳи зиндагии аҳолӣ, имконияти иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии конститутсиониро ба таври назаррас маҳдуд намуданд. Ҳамзамон, аз нимаи дуюми солҳои 2000-ум тамоюли таҳкими сиёсати иҷтимоии давлат тадриҷан зуҳур кард, ки дар афзоиши ҳаҷми пардохтҳои иҷтимоӣ, такмили низоми ҳифзи модару кӯдак ва густариши барномаҳои дастгирии соҳибкории хурду миёна инъикоси амалӣ ёфт.

Чи тавре ки олимони ватанӣ қайд менамоянд «ҳуқуқҳои иҷтимоӣ аз ҷиҳати моҳият хусусияти барномавӣ ё «мақсаднок» доранд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо аз давлат на танҳо эътирофи расмӣ, балки анҷом додани амалҳои фаъолеро талаб менамоянд, ки ба фароҳам овардани шароити зарурӣ барои татбиқи онҳо равона шудаанд» [158, с. 169-171]. Ин ҳуқуқҳо даъвоҳои қонунии шахсро ба иштирок дар тақсимоти захираҳои ҷамъиятӣ ифода намуда, эътибори онҳо на танҳо аз эътирофи ҳуқуқӣ, балки аз мавҷудияти роҳҳалҳои самараноки дастгирии низомманд низ вобаста мебошад [93, с. 90-101].

Дар асл ин гуруҳи ҳуқуқҳо шакли ҳуқуқии таъмини сатҳи муносиби ҳаёти шахсро дар ҳолатҳое ифода менамояд, ки татбиқи мустақилонаи он бо дигар воситаҳо ғайриимкон ё нокифоя мебошад. Тавре ки Н.С. Малеин таъкид менамояд, «бо вуҷуди тафовут дар тасаввуроти марбут ба стандартҳои зиндагӣ дар кишварҳои гуногун, маҷмуи муайяни шароити умумӣ вуҷуд дорад, ки ҷомеаи байналмилалӣ онҳоро барои зиндагии арзанда зарурӣ мешуморад. Ин шароитҳо меъёрҳои муосири ҷомеаҳои мутамаддинро

ифода намуда, бояд дар низомҳои миллӣ ҳамчун пояи ҳуқуқи инсон муқаррар карда шаванд» [112, с. 23].

Эътирофи ин усули умумӣ дар муқаддимаи ПБҲИИФ инъикоси равшан ёфтааст. Дар он таъкид мешавад, ки «ташаккули шахсияти озод ва татбиқи пурраи ҳуқуқҳои инсон танҳо дар шароити иҷтимоие имконпазир аст, ки ба ҳар фард имконияти воқеии истифодаи ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро фароҳам месозад» [3]. Аз ин рӯ, дар сурати набудани кафолатҳои воқеии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, принсипи шаъну шарафи инсон мазмуни амалӣ пайдо намекунад ва мафҳуми озодӣ хусусияти сирф эъломиявӣ касб менамояд.

Бо вуҷуди амалкарди ПБҲИИФ ва меъёрҳои дар он муқарраршуда, дар афкори назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи байналмилалӣ тамоюли нодида гирифтани ин гурӯҳи ҳуқуқҳо ҳанӯз ҳам мушоҳида мегардад. Аз ҷумла, тавре ки Е.И. Колюшин таъкид менамояд, «бар асоси таҳлили таълимоти гуногуни ҳуқуқӣ дар баҳсҳои байналмилалӣ мавқеи баррасии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ҳамчун ҳуқуқҳои дорои хусусияти дуюмдараҷа нисбат ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ бартарӣ дорад. Чунин равиш аксаран ба канор гузоштани онҳо аз низоми умумии ҳимояи универсалии ҳуқуқҳои инсон мусоидат менамояд» [46, с. 172].

Чи тавре ки дар адабиёти ватанӣ қайд карда мешавад, «ин равиш реша дар анъанаи ҳуқуқии либерализми классикӣ дошта, барои мактаби ҳуқуқии ғарбӣ хос мебошад ва меҳвари онро ҳуқуқу озодиҳои инфиродӣ ва эътирофи амали бевоситаи онҳо ташкил медиҳад. Дар доираи чунин назария афзалият ба ҳуқуқҳои шахсӣ дода мешавад, дар ҳоле ки ҳуқуқҳои иҷтимоӣ бештар ҳамчун муқарраротӣ барномавӣ арзёбӣ мегарданд. Яъне татбиқи онҳо на ҳамчун ӯҳдадории фаврии ҳуқуқӣ, балки ҳамчун раванде вобаста ба захираҳои молиявӣ, имкониятҳои низомманд ва самтҳои сиёсати давлатӣ баррасӣ мешавад» [126, с. 66-72].

Ба таъкиди М.В. Баглай, «амали мустақими ин ҳуқуқҳо нисбӣ боқӣ мемонад, зеро ҳеҷ як суд даъвои шахсро танҳо дар асоси муқаррароти

конститутсионӣ қабул нахоҳад кард» [22, с. 216]. Ин мавқеъ нишон медиҳад, ки дар доираи чунин фаҳмиш ҳуқуқҳои иҷтимоӣ бештар хусусияти роҳнамоиву стратегӣ доранд. Онҳо, пеш аз ҳама, самти рушди сиёсати иҷтимоии давлатро муайян месозанд, на ин ки ҳамчун меъёрҳои мустақиман амалкунандае баррасӣ шаванд, ки бе такя ба қонунгузории соҳавӣ метавонанд асоси ҳифзи бевоситаи судӣ қарор гиранд.

Ба назари мо, чунин мавқеъ аз ҷиҳати методологӣ қобили қабул нест, зеро он ба табиати умумибашарӣ ва арзишии назарияи ҳуқуқи инсон халал мерасонад. Тақсим намудани ҳуқуқҳо ба «асосӣ» ва «дуюмдараҷа» бо принсипҳои эътирофшудаи байналмилалӣ – аз ҷумла принсипҳои тақсимнопазирӣ, ҳамбастагӣ ва баробарии аҳаммияти ҳамаи ҳуқуқҳо созгор нест. Бешубҳа, ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ дорои хусусияти амали мустақим буда, одатан татбиқи онҳо хароҷоти калони молиявиро талаб намекунад. Баръакс, амалисозии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо зарурати сафарбар намудани захираҳои моддӣ ва ташкили инфрасохтори мувофиқ алоқаманд аст. Бо вуҷуди ин, фарқият дар роҳҳалҳо ва воситаҳои татбиқ наметавонад барои табақабандии арзишии ҳуқуқҳо асос гардад. Дар назарияи ҳуқуқи инсон ба таври асоснок таъкид мегардад, ки «ҳамаи ҳуқуқҳои инсон низоми ягона ва ба ҳам вобастаро ташкил медиҳанд, ки дар он ҳар як ҳуқуқ амалишавии ҳуқуқҳои дигарро тақвият бахшида, онҳоро мукаммал месозад» [116, с. 35-39]. Масалан, ҳуқуқ ба моликият ҳамчун заминаи иқтисодӣ барои татбиқи ҳуқуқ ба манзил хизмат мекунад, ки он, дар навбати худ, бо кафолати дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ ва озодии интихоби ҷойи истиқомат иртиботи ногусастанӣ дорад [130, с. 53-58].

Ҳамин тариқ, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ на танҳо аз ҷиҳати аҳаммият аз дигар гурӯҳҳои ҳуқуқ камтар нестанд, балки дар низоми сиёсати давлатӣ, махсусан дар шароити давлати иҷтимоӣ, нақши танзимгари калидии муносибатҳои ҷамъиятиро иҷро мекунанд. Мустаҳкам гардидани онҳо дар сатҳи конститутсионӣ на танҳо воситаи маҳдуд намудани дахолати худсаронаи ҳокимияти давлатӣ ба раванди тақсими захираҳо мебошад, балки ҳамзамон

заминаи ниҳодманди таъмини масъулият ва ҳисоботдиҳии ҳокимияти оммавиро дар назди ҷомеа фароҳам меорад.

Дар шароити таҳаввулоти муосири демократӣ дар шуури ҷамъиятӣ тасаввуроти устувор ташаккул меёбад, ки давлат ҳамчун ниҳоди оммавии масъул уҳдадор аст шароити воқеии амалисозии ҳуқуқҳо ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои ҳаётан муҳимро таъмин намояд. Азбаски низоми маориф, тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоӣ аз ҳисоби маблағҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла андозҳои шаҳрвандон, маблағгузорӣ мегардад, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ хусусияти талаботи қонунии шаҳрвандонро касб мекунанд. Аз ин рӯ, онҳоро наметавон ҳамчун зуҳури масрафкорӣ ё шакли вобастагӣ арзёбӣ намуд; баръакс, онҳо ҷузъи таркибии мазмуни иҷтимоии муносибати шартномавии байни давлат ва шаҳрванд ба шумор мераванд [158, с. 169-171].

Интихоби ҶТ ба ҷонибдории тарҳи давлати иҷтимоӣ, ки дар м.1, 12 ва 13 Конститутсия ифода ёфтааст, таҷассумгари иродаи сиёсӣ дар самти таъмини сатҳи арзандаи зиндагии шаҳрвандон мебошад. Самти иҷтимоии давлат, ки дар сатҳи конститутсионӣ таҳким ёфтааст, дар маҷмуи чораҳои қонунгузорӣ ва низомманд инъикос меёбад. Ин чораҳо ба ҳифзи меҳнат ва саломатии аҳолӣ, муқаррар намудани кафолатҳои ҳадди ақалли музди меҳнат, дастгирии оила, модар ва кӯдак, таъмини ҳифзи иҷтимоии маъюбон ва пиронсолон, инчунин ба рушди низоми хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва пардохтҳои кафолатёфтаи иҷтимоӣ равона гардидаанд.

Дар ин замина, назарияҳое, ки ҳуқуқҳои иҷтимоиро ҳамчун ҳуқуқҳои дуюмдараҷа арзёбӣ мекунанд, на танҳо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснок нестанд, балки паёмадҳои иҷтимоии манфӣ низ доранд, зеро онҳо принсипи баробарӣ ва ягонагии мақоми ҳуқуқии шахсро зери шубҳа мегузоранд. Ҳатто агар давлат бинобар маҳдудиятҳои объективии иқтисодию молиявӣ имкони татбиқи пурраи ҳамаи кафолатҳои марбут ба ин гурӯҳи ҳуқуқҳоро надошта бошад, чунин вазъ уҳдадориҳои онро ҷиҳати андешидани тадбирҳои пайгирона ва тадриҷӣ барои амалисозии онҳо аз байн намебарад. Баръакс, эътирофи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи низоми ягонаи

ҳуқуқҳои инсон давлатро вазифадор месозад, ки пайваста заминаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ниҳодмандро таҳким бахшад, то татбиқи онҳо дар ҳадди аксари имконпазир таъмин гардад.

Яке аз масъалаҳои калидии назариявӣ дар таҳқиқи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ муайян намудани ҷойгоҳ ва нақши онҳо дар низоми умумии ҳуқуқу озодиҳои инсон, инчунин асоснок намудани меъёрҳои илмии таснифоти онҳо мебошад. Дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ то ҳол мавқеи ягона нисбат ба ҳаҷм, мазмун ва хусусияти амалишавии ин гурӯҳи ҳуқуқҳо шакл нагирифтааст, ки ин ҳолат аз гуногунрангии равишҳои методологӣ ва тафсирҳои назариявӣ нисбат ба табиати онҳо шаҳодат медиҳад.

Гарчанде ки ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ҳамчун унсури муҳимми мақоми конститутсионии шахс эътироф гардидаанд, баҳсҳо перомуни сатҳи уҳдадориҳои давлат ва дараҷаи мустақими татбиқшавии онҳо ҳамоно идома доранд. Қисме аз муҳаққиқон ин ҳуқуқҳоро ба тадбирҳои ҳимоя ва таъминоти иҷтимоӣ маҳдуд менамоянд [60, с. 261], дар ҳоле ки дигарон мафҳуми мазкурро фарохтар тафсир намуда, онро ҳамчун маҷмуи шароит ва роҳҳалҳои ҳуқуқие арзёбӣ мекунанд, ки ба таъмини зиндагии арзанда ва рушди ҳамаҷонибаи шахс равона гардидаанд [139, с. 292].

Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ дорои табиати бисёрҷабҳа буда, аз ҷиҳати роҳҳали амалисозӣ аз ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ фарқ менамоянд. Агар ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, одатан, бо хусусияти мустақими татбиқшавӣ тавсиф шаванд, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ татбиқи фаъолонаи давлат ва истифодаи захираҳои молиявию иқтисодиро тақозо мекунанд. Ин хусусият моҳияти барномавӣ, инчунин амали марҳилавӣ ва нисбии татбиқи онҳоро муайян менамояд, ки дар меъёрҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дар м. 2 ПБҲИИФ инъикоси ҳуқуқӣ ёфтааст.

Дар баробари ин, масъалаи ҷудо намудани ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ба гурӯҳи мустақил то ҳол хусусияти баҳсталаб дорад. Гарчанде Паймонҳои байналмилалии соли 1966 фарқияти сохтории байни ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва ҳуқуқҳои иқтисодию иҷтимоиро муқаррар менамоянд, чунин ҷудосозӣ

ягонагии моҳиятӣ ва ҳамбастагии онҳоро инкор намекунад. Тибқи мавқеи дар муқаддимаи ин санадҳо ифодаёфта, татбиқи ақидаи «комилан шахси озод»-ро танҳо дар шароити таъмини маҷмуии ҳамаи гурӯҳҳои ҳуқуқу озодиҳо имконпазир мебошад [3].

Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, ки дар назарияи муосири ҳуқуқ ҳамчун ҳуқуқҳои «насли дуюм» маънидод мешаванд, бо тавсеаи нақши танзимкунанда ва кафолатдиҳандаи давлат дар соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ пайванди зич доранд. Мазмуни онҳо фаъолияти фаъоли давлатро дар самти фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ инъикос намуда, то ҳадде хусусияти патерналистии муносибатҳои давлат ва шахсро таҷассум менамояд. Ҳадафи асосии ин гурӯҳи ҳуқуқҳо таъмини баробарии воқеӣ, коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ ва фароҳам сохтани имкониятҳои баробар барои рушди ҳамаҷонибаи инсон мебошад. Ҳамзамон, дар адабиёти илмӣ мавқеъҳое низ иброз мегарданд, ки аз эҳтимоли маҳдуд шудани мухторияти шахсӣ ва озодии иқтисодӣ дар натиҷаи густариши дахолати давлатӣ ҳушдор медиҳанд; чунин андешаҳо, аз ҷумла, дар осори Касс Санстейн ва Б. П. Елисеев инъикос ёфтаанд [95, с. 7; 131, с. 19].

Гуногунандешии илмӣ ба ташаккули равишҳои мухталиф дар муайян намудани доираи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Дар санадҳои ҳуқуқии миллӣ, аз ҷумла дар Конститутсияи ҶТ, ба ин гурӯҳ одатан ҳуқуқ ба меҳнат, истироҳат, таъминоти иҷтимоӣ, ёрии тиббӣ, ҳифзи модар ва кӯдак, манзил ва дигар кафолатҳои иҷтимоӣ мансуб дониста мешаванд. Дар ин замина, мавқеи асоснок он аст, ки нишонаи фарққунандаи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ имкони дарёфти дастгирӣ ва кумаки иҷтимоӣ аз ҷониби давлат ҳамчун субъекти асосии уҳдадоркунанда мебошад [142, с. 75].

Бояд инчунин ба назар гирифт, ки ҳуқуқҳои иҷтимоӣ танҳо бо ченаки инфиродии худ маҳдуд намешаванд, балки дорои ҷанбаи равшани ҷамъиятӣ низ мебошанд. Онҳо ҳамчун роҳҳалҳои ҳуқуқии ворид намудани шахс ба низоми муносибатҳои иҷтимоӣ баромад намуда, иштироки фаъолонаи ӯро дар ҳаёти ҷамъиятӣ таъмин ва хавфи канорагирии иҷтимоиро коҳиш

медиҳанд. Аз ин лиҳоз, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ на танҳо падидаи ҳуқуқӣ, балки воситаи муҳимми ҳамгироии иҷтимоӣ ва омили таъминкунандаи рушди устувори ҷомеа ба шумор мераванд.

Бо ин асос, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, аз як тараф, ҳамчун зернизоми мустақили ҳуқуқи инсон эътироф мешаванд, аз ҷониби дигар, бо тамоми сохтори он робитаи ҷудонопазир доранд. Эътироф, мушаххассозӣ ва татбиқи амалии онҳо на танҳо аз танзими меъёрии ҳуқуқӣ, балки аз шароити воқеии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсие, ки давлат дар доираи он фаъолият менамояд, вобаста аст. Дар шароити ташаккули давлати иҷтимоӣ, ки ҶТ низ ҳамин самти рушдро интихоб намудааст, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ба унсури калидии сиёсати ҳуқуқӣ табдил ёфта, ба ҳифзи шаъну шарафи инсон, таъмини адолати иҷтимоӣ ва таҳкими ҳамбастагии ҷомеа равона мегарданд.

Конститутсияи ҶТ ва қонунгузории амалкунандаи миллӣ маҷмуи васеи ҳуқуқу озодиҳои инсонро муқаррар менамоянд. Дар миёни онҳо ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад, зеро он мазмуни амиқи вазифаи иҷтимоии давлатро таҷассум месозад. Маҳз тавассути ин ҳуқуқ давлат ухдадор мегардад, ки сатҳи арзандаи зиндагиро таъмин намуда, табақаҳои осебпазири аҳолиро дастгирӣ кунад, камбизоатӣ, нобаробарӣ ва ҷудошавии иҷтимоиро коҳиш диҳад.

Ҳангоми таҳқиқи ин ҳуқуқ П.Н. Байматов дуруст таъкид менамояд, ки «ҳуқуқи конститутсионӣ ба таъминоти иҷтимоӣ ба зумраи ҳуқуқҳои асосӣ ва ҷудонопазири инсон шомил гардида, аз лаҳзаи таваллуд ба ҳар як шахс тааллуқ дорад. Бар хилофи баъзе гурӯҳҳои дигари ҳуқуқ, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ бар зиммаи давлат ухдадории фаъолро вогузор менамояд, ки мутобиқи муқаррароти Конститутсия сиёсати иҷтимоии ба арзишҳои иҷтимоӣ нигаронидашударо таҳия ва амалӣ созад. Аз ҷиҳати аҳаммият ва вазифаҳои функсионалӣ, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии инсон ва шаҳрванд мавқеи марказӣ ишғол менамояд. Хусусияти он дар омезиши заминаи иқтисодӣ бо самти равшан ифодаёфтаи иҷтимоӣ зоҳир гардида, ба қонеъсозии ниёзҳои шахсият, таъмини ҳимояи

иҷтимоӣ ва таҳкими устувории ӯ дар шароити хавфҳои ҳаётӣ равона шудааст» [83, с. 129-138].

Олими ватанӣ А.М. Диноршоев ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро ҳамчун яке аз унсурҳои бунёдии ифодаи моҳияти давлати иҷтимоӣ маънидод менамояд. Ба назари ӯ, «хусусияти иҷтимоии давлат, пеш аз ҳама, дар масъулияти он нисбат ба инсон ҳамчун арзиши олӣ ва меҳвари низоми ҳуқуқию иҷтимоӣ таҷассум меёбад. Ин масъулият дар шакли ғамхории ниҳоднок ва ҳуқуқӣ зоҳир гардида, на танҳо дар қонунгузории миллӣ, балки дар низоми санадҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, ки меъёрҳои универсалиро муқаррар месозанд, инъикоси худро пайдо кардааст. Махсусан, ЭУҲБ ҳар шахсро ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҳолатҳои бекорӣ, беморӣ, маъюбӣ, бесаробон мондан, пиронсолӣ ва дигар ҳолатҳои маҳрумият аз воситаҳои зиндагӣ, ки аз омилҳои аз иродаи ӯ берун вобастаанд, эътироф менамояд. Ин меъёр дар м. 9 ПБҲИИФ мушаххас гардида, уҳдадории давлатҳоро ҷиҳати эътирофи ҳуқуқи ҳар шахс ба таъминоти иҷтимоӣ, аз ҷумла суғуртаи иҷтимоӣ, ба таври равшан муқаррар менамояд. Дар сатҳи ҳуқуқи миллӣ низ Конститутсияи ҶТ ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро ба ҳайси яке аз ҳуқуқҳои конститутсионии бунёдӣ таҳким бахшида, бар зиммаи давлат уҳдадории ташкили шароити ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ барои татбиқи воқеии онро вогузоштааст. Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ва ҳам дар сатҳи миллӣ на танҳо ҳамчун меъёри эътирофшудаи ҳуқуқӣ муқаррар гардидааст, балки бо низоми уҳдадориҳои давлатӣ ва зарурати таъсиси роҳҳалҳои муассири ҳуқуқӣ ва ниҳоднок барои амалисозии он таъмин мегардад [158, с. 372].

Бо ин тартиб, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, бешубҳа, яке аз мавқеъҳои калидиро дар низоми ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон ишғол менамояд. Сатҳи татбиқи он нишондиҳандаи муҳимми самаранокии сиёсати иҷтимоии давлати амалкунанда ба шумор меравад. Аз сифат ва дастрасии хизматрасониҳои низоми таъминоти иҷтимоӣ шароити зиндагии аҳолӣ, давомнокии миёнаи умр, сатҳи шуғл ва дигар нишондиҳандаҳои некӯаҳволии иҷтимоӣ бевосита

вобаста мебошанд. Аз ин лиҳоз, метавон хулоса кард, ки дараҷаи рушди таъминоти иҷтимоӣ на танҳо имкониятҳои иқтисодии давлатро инъикос менамояд, балки ҳамзамон иродаи онро ҷиҳати амалисозии принсипҳои адолати иҷтимоӣ ва ҳамбастагии ҷамъиятӣ нишон медиҳад.

Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун ҳуқуқи субъективии инсон ва шаҳрванд мавриди таҳқиқи фарогир дар илми ҳуқуқи ватанӣ ва хориҷӣ қарор гирифтааст. Олимон ин мафҳумро аз дидгоҳҳои гуногуни назариявӣ таҳлил намуда, ба моҳият, ҳадаф ва роҳҳалҳои татбиқи он таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд [155, с. 169]. Таҳлили адабиёти илмии мавҷуда нишон медиҳад, ки мавқеъ ва равишҳои олимонро метавон ба панҷ гурӯҳи асосӣ ҷудо намуд.

Якум, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун ҳуқуқи конститутсионӣ арзёбӣ мешавад. А.Ю. Гусев таъкид мекунад: «Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҷойгоҳи калидиро дар низоми ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон ишғол менамояд. Он дар аксари конститутсияҳои давлатҳои муосир муқаррар гардида, яке аз унсурҳои муҳимми давлати иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад» [28, с. 75]. Аз ҷумлаи олимони ватанӣ А.М. Диноршоев низ ин мавқеъро ҷонибдорӣ намуда, қайд мекунад: «Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ба гурӯҳи ҳуқуқҳои иҷтимоии дорои хусусияти конститутсионӣ мансуб аст. Он ӯҳдадории давлатро дар самти таъмини шароити муносиби зиндагӣ барои шаҳрвандоне, ки қобилияти меҳнатӣ надоранд, дар бар мегирад. Муҳим он аст, ки ин ҳуқуқ дорои табиати субъективӣ буда, ба шахс имконияти талаб намудани татбиқи онро аз ҷониби давлат фароҳам месозад» [158, с. 372].

Дуюм, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун воситаи таъмини адолати иҷтимоӣ. Дар ин замина, Е.Г. Азарова таъминоти иҷтимоиро на танҳо ҳамчун воситаи ҳифзи шаҳрвандон дар вазъиятҳои душвори зиндагӣ, балки ҳамчун роҳҳали баробарсозии нобаробариҳои иҷтимоӣ арзёбӣ менамояд. Ӯ таъкид мекунад, ки «танзими ҳуқуқӣ бояд ба бартарафсозии табъиз дар дастрасӣ ба неъматҳои иҷтимоӣ равона гардад» [76, с. 77-92].

Дар илми ҳуқуқии ватанӣ ин мавқеъро А.Х. Маликова ва Г.Д. Солеҳзода ҷонибдорӣ намуда, қайд мекунанд: «Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ

иштироки ҳатмии давлатро дар дастгирии шахсоне, ки бинобар маъюбӣ ё дигар ҳолатҳои ғайриқобили идоракунии шахсӣ аз воситаҳои кофии рӯзгор маҳрум мебошанд, пешбинӣ мекунад. Чунин вазъиятҳо, ки ҳамчун хатарҳои иҷтимоӣ шинохта мешаванд, бо аз даст додани даромад ё нокифоягии он барои қонеъ сохтани ниёзҳои худ ва аъзои оила алоқаманданд. Ҳар як шахс дер ё зуд метавонад ба кумаки давлатӣ ё ҷамъиятӣ ниёз пайдо кунад. Аз ин лиҳоз, таъминоти иҷтимоӣ яке аз шаклҳои асосии ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ дар сатҳи конститутсионӣ маҳсуб мешавад» [162; 170].

Сеюм, таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун унсури ҳамкории давлат ва ҷомеа. С.А. Хмелевская таъминоти иҷтимоиро яке аз воситаҳои муҳимми ҳамкории мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ арзёбӣ мекунад. Ба ақидаи ӯ, танзими ҳуқуқӣ бояд манфиатҳои ҳамаи иштирокчиён – давлат, корфармоён ва шаҳрвандонро дар бар гирад [147, с. 16-24]. Дар китоби дарсии «Асосҳои давлати иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ» низ таъкид мегардад, ки «ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ вазифаи суботбахшии иҷтимоиро иҷро карда, шиддати иҷтимоиро коҳиш медиҳад ва эътимоди шаҳрвандонро ба сохторҳои давлатӣ таҳким мебахшад» [54]. Дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон чунин мавқеъро А.И. Имомов низ ҷонибдорӣ менамояд. Ӯ зикр мекунад: «Давлат уҳдадор аст, ки барои ҳар як инсон шароити зиндагии шоиста ва рушди озодонаро фароҳам оварад. Ин меъёр ба ҳамаи мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятӣ дахл дошта, онҳо барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати таъминоти иҷтимоӣ масъул мебошанд» [41, с. 350].

Чорум, танзими ҳуқуқии хатарҳои иҷтимоӣ ҳамчун самти муҳимми таҳқиқот. Ба ин масъала мутахассисони соҳаи ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва ҳуқуқи меҳнат таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунанд. Е.А. Истомина таъкид мекунад: «Таъминоти иҷтимоӣ ба ҷуброни хатарҳои иҷтимоӣ (пирӣ, маъюбӣ, аз даст додани қобилияти меҳнатӣ ва ғайра) равона гардидааст. Танзими самарабахши ҳуқуқӣ бояд роҳҳали мушаххаси муайян ва ҷуброни чунин хатарҳоро дар бар гирад» [101, с. 329-344].

Мавқеи монандро Д.Ш. Сангинзод ва Э.Д. Давлатмандзода низ

ҷонибдорӣ мекунанд: «Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ маҷмуи мураккаби муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳам ҷанбаҳои моддӣ ва ҳам ҷанбаҳои тартиботии ҳуқуқиро дар бар мегирад. Ин маҷмуъ муносибатҳои марбут ба таъминоти молиявии шаҳрвандон, пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва расмиёти ҳуқуқии татбиқи ин ҳуқукро фаро мегирад, аз ҷумла тартиби муроҷиат, баррасии аризаҳо ва ҳаллу фасли баҳсҳо» [58, с. 11].

Панҷум, ҷанбаҳои байналмилалии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ. Ин дидгоҳ, аз ҷумла аз ҷониби Д.Н. Садриева пешниҳод шудааст, ки таъкид мекунад: «Танзими ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ бояд ба стандартҳои байналмилалӣ, ки дар санадҳои СММ, ТБМ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ муқаррар шудаанд, такя кунад» [129, с. 203-205]. Дар навбати худ, М.В. Шитов зикр мекунад, ки: «Эътирофи меъёрҳои байналмилалӣ ва дохил намудани онҳо ба қонунгузории миллӣ ба баланд шудани сатҳи ҳимояи иҷтимоӣ ва ҳамгироӣ ба низоми ҷаҳонии ҳуқуқи инсон мусоидат мекунад» [174, с. 110]. Дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик ин мавқеъро Б.А. Сафарзода ҷонибдорӣ кардааст [60, с. 47].

Ақидаҳои овардашуда гувоҳӣ медиҳад, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дорои моҳияти комплексӣ ва бисёрсатҳӣ буда, унсурҳои конститутсионӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро муттаҳид менамояд. Ин ҳуқуқ на танҳо ҳамчун кафолати адолати иҷтимоӣ ва воситаи коҳиши нобаробариҳо баромад мекунад, балки ҳамзамон роҳҳали ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат ва ҷомеа ва абзори ҷуброни хатарҳои иҷтимоӣ низ маҳсуб меёбад. Дар ин асос ҳуқуқи шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми муносибатҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ бояд на танҳо ҳамчун кафолати ҳуқуқӣ арзёбӣ гардад, ки имконияти амалисозии ҳуқуқи ӯро ба сатҳи шоистаи зиндагӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ таъмин менамояд, балки ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои бунёдии конститутсионӣ низ баррасӣ шавад, зеро мазмун ва аҳаммияти он дар фароҳам овардани шароити қонеъ сохтани манфиатҳо ва ниёзҳои ҳаётан муҳимми иҷтимоии шахс ифода меёбад. Аз ин рӯ, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ на танҳо унсури низоми кафолатҳои ҳуқуқӣ, балки воситаи

мустақили ҳуқуқии татбиқ ва ҳифзи манфиатҳо ва ниёзҳои иҷтимоии шаҳрванд маҳсуб ёфта, дорои хусусияти комплексӣ мебошад ва ҳамзамон ҳамчун шакли таҷассумёфтаи сиёсати иҷтимоии давлат ва абзори таъмини амнияти иҷтимоии шахс дар доираи тартиботи конститутсионӣ амал менамояд.

Дар доираи таҳлили ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ, баррасии моҳияти ҳуқуқии он аз дидгоҳи низомнок ва функсионалӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Мазмуни ин моҳият, пеш аз ҳама, дар муқаррар ва танзим намудани маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие ифода меёбад, ки доираи ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳоро муайян намуда, дастрасии кафолатҳои иҷтимоиро таъмин мекунанд ва роҳҳалҳои татбиқи амалии онҳоро пешбинӣ менамоянд. Ба ин тартиб, сухан дар бораи танзими муносибатҳои ҷамъиятие меравад, ки бо амалӣ гардидани ҳуқуқи субъективӣ ба таъминоти иҷтимоӣ алоқаманд буда, ҷанбаҳои моддӣ ва расмиёти (тартиботии) ҳуқуқиро дар бар мегиранд.

Яке аз самтҳои асосии ин танзим муайян намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои низоми таъминоти иҷтимоӣ мебошад. Танзими ҳуқуқӣ заминаи ниҳоднок ва меъёрии фаъолияти низоми мазкурро фароҳам меорад, ки онро метавон ба се унсури асосӣ ҷудо намуд. Аввалан, қонунгузорӣ доираи шахсонеро, ки ба дастгирии иҷтимоӣ ҳуқуқ доранд, мушаххас менамояд. Дар ин замина, гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ – аз ҷумла нафақахӯрон, шахсони дорои маъюбият, бекорон, оилаҳои серфарзанд, шаҳрвандони камбизоат ва дигар табақаҳои иҷтимоан осебпазир ҳамчун субъектҳои дорои ҳуқуқ ба кафолатҳои дахлдор эътироф ва муқаррар мегарданд. Дуюман, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ намудҳо ва шаклҳои кафолатҳои иҷтимоиро муайян месозанд, аз қабили нафақаҳо, кумакпулиҳо, пардохтҳои ҷубронӣ, хизматрасониҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ, имтиёзҳо ва барномаҳои махсуси дастгирӣ, ки ба таъмини сатҳи муносиби зиндагӣ равона шудаанд. Сеюман, уҳдадориҳои иштирокчиёни низом – давлат, корфармоён ва шаҳрвандон ба таври возеҳ муқаррар карда мешаванд: давлат уҳдадор аст

заминаи молиявӣ ва меъёриро барои амалисозии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ таъмин намояд; корфармоён дар ташаккули фондҳои иҷтимоӣ ва иҷрои пардохтҳои ҳатмӣ саҳм мегузоранд; шаҳрвандон бошанд, шартҳои қонунан муқарраршуда, аз ҷумла пардохти саҳмияҳои суғуртавӣ ва иҷрои дигар уҳдадориҳои дахлдорро риоя намоянд.

Ҷанбаи дигари муҳимми моҳияти танзими ҳуқуқӣ таъмини дастрасии воқеӣ ва амалӣ ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ мебошад. Дар ин замина, меъёрҳои ҳуқуқӣ тартиб, шартҳо ва расмиёти таъйин, ҳисоб ва пардохти нафақаҳо, кумакпулиҳо ва пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ ва иҷтимоиро муайян менамоянд. Қонунҳо ва санадҳои зериқонунӣ мӯҳлатҳои баррасии муроҷиатҳо, ҳаҷми пардохтҳо, рӯйхати ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва дигар ҷанбаҳои расмиётиро танзим мекунанд. Ҳамзамон, дар доираи сиёсати иҷтимоии давлатӣ стандартҳои ҳадди ақалли ҳимояи иҷтимоӣ муқаррар карда мешаванд, аз ҷумла мутобиқати андозаи нафақа ва кумакпулиҳо ба сатҳи ҳадди ақалли зиндагӣ. Илова бар ин, барномаҳои мақсадноки иҷтимоӣ барои дастгирии гурӯҳҳои осебпазир таҳия ва амалӣ карда мешаванд, ки ба коҳиши таъсири хатарҳои иҷтимоӣ ва таъмини баробарии имкониятҳо равона гардидаанд.

Самти сеюм ба ташкили роҳҳалҳои ниҳодманд ва татбиқи амалии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дахл дорад. Дар ин замина, сохторҳои махсус, аз қабили фондҳои нафақавӣ ва суғуртавӣ, таъсис дода мешаванд, ки вазифаи онҳо ҷамъоварӣ, идора ва тақсимоти захираҳои молиявӣ барои пардохти кафолатҳои иҷтимоӣ мебошад. Ҳамзамон, роҳҳалҳои маъмурӣ ва судии ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ пешбинӣ мегарданд, ки ба шаҳрвандон имкони ҳимояи ҳуқуқҳои худро дар ҳолати нақз фароҳам месозанд.

Ба сифати ҷанбаҳои иловагии моҳияти танзими ҳуқуқӣ метавон роҳҳали назоратро зикр намуд, ки арзёбии самаранокии фаъолияти мақомоти марбут ва муассисаҳои таъминоти иҷтимоиро дар бар мегирад. Чунин назорат аз ҷониби мақомоти давлатӣ амалӣ гардида, дар санадҳои барномавӣ ва ҳуҷҷатҳои сиёсати давлатӣ инъикос меёбад. Илова бар ин, ҳамкории

байналмилалӣ низ ҷузъи муҳимми танзими мазкур мебошад, зеро меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ стандартҳои умумэътирофшудаи таъминоти иҷтимоиро муайян намуда, мутобиқсозии онҳоро ба низоми ҳуқуқии миллӣ тақозо мекунанд.

Ҳамин тариқ, моҳияти ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ маҷмуи унсурҳои ташкилию функсионалиро фаро гирифта, аз муайянсозии доираи субъектҳо ва ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо оғоз ёфта, то ташкили роҳҳалҳои муассири татбиқ ва ҳимояи ин ҳуқуқ идома меёбад. Чунин танзим на танҳо кафолати ҳимояи ҳуқуқии табақаҳои иҷтимоан осебпазирро таъмин менамояд, балки ҳамчун омили муҳимми таҳкими устуворӣ, ҳамбастагӣ ва адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа низ баромад мекунад.

Тавре ки дар боло зикр гардид, ин ҳуқуқ бевосита дар м. 39 Конститутсияи ҶТ муқаррар шудааст. Ҳамзамон, дар матни Конститутсия мафҳумҳо ва истилоҳоте истифода шудаанд, ки моҳияти давлати иҷтимоиро ифода менамоянд. Аз ҷумла, дар м. 35 Конститутсияи ҶТ чунин муқаррарот пешбинӣ гардидааст: «Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад» (курсив аз мо) [1].

Дар ин замина, дар муҳити илмӣ нисбат ба фаҳмиш ва таносуби мафҳумҳои мазкур равишҳо ва дидгоҳҳои гуногун шакл гирифтаанд. Тавре ки М.Ю. Фёдорова таъкид менамояд, «масъалаи таносуби мафҳумҳои «ҳимояи иҷтимоӣ» ва «таъминоти иҷтимоӣ» дар илми ҳуқуқшиносӣ тақрибан ҳамзамон бо оғози истифодаи фаъоли истилоҳи «ҳимояи иҷтимоӣ» дар қонунгузорӣ матраҳ гардид. Бо вуҷуди таваҷҷуҳи доимии ҷомеаи илмӣ ва шумори зиёди таҳқиқотҳои ба ин мавзуъ бахшидашуда, масъалаи муайян намудани ҳудуди ҳуқуқӣ ва муҳтавои ин ду падида то имрӯз ҳамоно баҳсталаб боқӣ монда, ҳалли ниҳоии назариявию ҳуқуқии худро пайдо накардааст» [143, с. 122-129].

Дар навбати худ, М.С. Сагандиков ва А.М. Шафиков ҳангоми таҳлили муҳтавои Конститутсияи Федератсияи Россия қайд менамоянд, ки «бо вуҷуди мустаҳкам гардидани муқарраротоид ба ҳимоя ва таъминоти

иҷтимоӣ дар Конститутсияи Федератсияи Россия, матни он шарҳи возеҳ ва дақиқи мафҳумҳои ҳуқуқии зикршударо дар бар намегирад. Масъалаи фарқгузорӣ миёни мафҳумҳои «ҳимояи иҷтимоӣ» ва «таъминоти иҷтимоӣ», инчунин муайян намудани муҳтаво ва вазифаҳои ҳуқуқии онҳо, яке аз мавзуъҳои баҳсталаб дар илми ҳуқуқ ва амалияи ҳуқуқии муосир боқӣ мемонад. Сарчашмаи ин мушкилот то андозае ба сохтори худи Конститутсия вобаста аст: муқаррароти конститутсионӣ оид ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳимоя ва таъминоти иҷтимоӣ, дар моддаҳои гуногуни бобҳои 1 ва 2 Конститутсия ба таври пароканда ҷойгир шудаанд. Онҳо низоми воҳид ва тартибёфтаи иерархиро ташкил намедиҳанд, ки ин ҳолат ба муайян намудани таносуби дақиқи байни онҳо ва таъмини фаҳмиши возеҳу татбиқи самараноки онҳо монеа эҷод мекунад» [128, с. 36-42].

Масъалаи номуайянии истилоҳот дар соҳаи қонунгузории иҷтимоӣ дар осори илмии муҳаққиқони ватанӣ низ ба таври густурда баррасӣ гардидааст. Ба андешаи М.А. Ғоибзода, «танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иҷтимоӣ хусусияти мураккаб ва пароканда дошта, маҷмуи меъёрҳои ҳампӯш ва баъзан такроршавандаро дар бар мегирад. Ин ҳолат дар ҷанбаҳои гуногун зуҳур мекунад: аз лиҳози доираи субъектҳои ниёзманд ба дастгирии иҷтимоӣ, гуногуншаклии намудҳои таъминоти иҷтимоӣ ва тартиби амалисозии кафолатҳои давлатӣ. Дар натиҷа, заминаи меъёрии соҳа сохтори бисёрқабата ва аз нигоҳи дохилӣ номутаносиб пайдо намуда, ташаккули низоми ягона ва муттасили танзими ҳуқуқии ҳимояи иҷтимоиро душвор месозад» [156, с. 30].

Дар ҳамин замина, П.З. Мирзозода бо истинод ба м.39 Конститутсияи ҶТ таъкид менамояд, ки «қонунгузор ба таври мустақим «ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ»-ро дар ҳолатҳои пиронсолӣ, беморӣ, маъюбӣ, аз даст додани қобилияти меҳнат, талафи нонрасон ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун кафолат додааст. Аз ин рӯ, ба назари ӯ, истилоҳи «ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ» нисбат ба мафҳуми «ҳуқуқ ба ҳимояи иҷтимоӣ» дақиқтар буда, моҳияти конститутсионию ҳуқуқии ин падидаро

пурратар ва мушаххастар инъикос менамояд» [117, с. 83-87].

Таҳлили масъалаи таносуби мафҳумҳои «таъминоти иҷтимоӣ» ва «ҳимояи иҷтимоӣ» бояд аз омӯзиши равишҳои мавҷудаи илмӣ нисбат ба моҳият ва муҳтавои ин падидаҳо оғоз гардад. Дар назарияи ҳуқуқӣ масъалаи мазкур хусусияти баҳснок дошта, бо гуногунандешии методологӣ ва консептуалӣ тавсиф мешавад. Ихтилофи назарҳо, пеш аз ҳама, ба дараҷаи умумият ва фарогирии мафҳумҳо, муносибати «умумӣ–хос», инчунин ба масъалаи дақиқияти танзими конститутсионӣ вобаста мебошад.

Яке аз равишҳои паҳншуда дар адабиёти илмӣ мавқеъест, ки мустақилияти ин ду мафҳумро эътироф менамояд. Аз ҷумла, В.П. Галаганов ҳимояи иҷтимоӣ ва таъминоти иҷтимоиро ҳамчун зуҳуроти ниҳодманди калидии давлати иҷтимоӣ ва унсурҳои ҷудонопазири муҳтавои он баррасӣ мекунад. Ба андешаи ӯ, «маҳз тавассути роҳҳалҳои ҳимояи иҷтимоӣ ва низоми таъминоти иҷтимоӣ принсипи конститутсионии давлати иҷтимоӣ амалӣ мегардад, ки дар фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ ва дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ифода меёбад. Дар ҳамин замина ҳар ду мафҳум на танҳо воситаҳои амаликунии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, балки нишондиҳандаи самти иҷтимоии сиёсати давлатӣ низ маҳсуб меёбанд» [26, с. 14]. Мавқеи наздикро В.А. Иваненко ҷонибдорӣ намуда, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва ҳимояи иҷтимоиро ҳамчун маҷмуи кафолатҳои ҳуқуқӣ арзёбӣ мекунад, ки ба таҳкими мавқеи иҷтимоии шахсият ва амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон мусоидат менамоянд [39, с. 146]. Ин равиш, ки онро метавон «равиши мустақил» номид, ба ҳамзистии ду падидаи мустақил, вале ҳамоҳанг такя мекунад.

Дар муқобили ин мавқеъ, дар адабиёти илмӣ равиши дигаре низ мавҷуд аст, ки афзалияти мафҳуми «таъминоти иҷтимоӣ»-ро ҷонибдорӣ менамояд. Намояндаи чунин дидгоҳ А.В. Кончугов мебошад [109, с. 114-122]. Ба андешаи ӯ, истифодаи мафҳуми «ҳимояи иҷтимоӣ» дар матни конститутсионӣ аз дақиқияти ҳуқуқии кофӣ бархӯрдор нест ва боиси

номуайянии маъноӣ мегардад. Ӯ таъкид мекунад, ки «ворид намудани ин истилоҳ ба муомилоти конститутсионӣ ба дуборагӯӣ ва норавшанӣ дар низоми танзими иҷтимоӣ оварда мерасонад. Баръакс, мафҳуми «таъминоти иҷтимоӣ» дорои заминаи устувори меъёрӣ ва илмӣ буда, дар анъанаи ҳуқуқии миллӣ реша давонда, ҳам ниёзҳои ҷомеаи муосир ва ҳам уҳдадориҳои иҷтимоии давлатро инъикос менамояд» [109, с. 114-122]. Аз ин рӯ, ҷонибдорони ин равиш бар зарурати яксонсозӣ ва мушаххассозии истилоҳоти истифодашаванда дар Конститутсия таъкид мекунанд. Мазмуни методологии ин мавқеъ ба принсипи муайяннокии ҳуқуқӣ ва сарфакории қонунгузорӣ такя менамояд.

Дар баробари ин, дар доктрина равиши алтернативӣ низ мавҷуд аст, ки бар афзалияти мафҳуми «ҳимояи иҷтимоӣ» таъкид мекунад. Аз ҷумла, В.И. Шарин бар он назар аст, ки «маҳфуми «таъминоти иҷтимоӣ» набояд ҳамчун падидаи универсалӣ баррасӣ гардад, балки он шакли таърихан муайяншудаи ҳимояи иҷтимоӣ мебошад, ки ба марҳилаи муайяни инкишофи давлат ва ҷомеа хос аст» [150, с. 36-39]. Ба ҳамин монанд, А.А. Смирнова таъкид мекунад, ки «мафҳуми «ҳимояи иҷтимоӣ» дорои муҳтавои мустақили маъноӣ буда, доираи васеътари тадбирҳоро дар бар мегирад. Он на танҳо таъминоти моддӣ, балки хизматрасониҳои иҷтимоӣ, дастгирии ҳуқуқӣ, чораҳои реабилитатсионӣ ва дигар шаклҳои кумакро низ фаро мегирад» [105, с. 12-18]. Аз ин нуқтаи назар, маҳдуд намудани низоми иҷтимоӣ танҳо бо падидаи «таъминоти иҷтимоӣ» метавонад ба тангшавии муҳтавои танзими иҷтимоӣ оварда расонад.

Илова бар ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ равиши сохторӣ низ дучор мешавад. Тибқи ин мавқеъ, ки онро В.В. Зима ҷонибдорӣ менамояд, «ҳимояи иҷтимоӣ» мафҳуми умумӣ буда, «таъминоти иҷтимоӣ» унсури сохтории он ба ҳисоб меравад [98, с. 35-39]. Яъне, таъминоти иҷтимоӣ асосан ба расонидани пардохтҳои кафолатноки пулӣ ва кумакҳои натуралӣ вобаста ба рух додани хавфҳои иҷтимоии пешбининамудаи қонун равона шудааст, дар ҳоле ки ҳимояи иҷтимоӣ маҷмуи васеътари чораҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва

ҳуқуқиро дар бар мегирад. Ин равиш ба муносибати «умумӣ–хос» такя намуда, ихтилофи байни ду мафҳумро на ҳамчун рақобат, балки ҳамчун фарқгузории сохторӣ шарҳ медиҳад.

Дар асоси таҳлили мавқеъҳои назариявӣ оид ба таносуби мафҳумҳои «таъминоти иҷтимоӣ» ва «ҳимояи иҷтимоӣ» мумкин аст як қатор равишҳои асосии назариявӣ ҷудо карда шаванд. Аввалан, равиши мустақилият ҷой дорад, ки ба эътирофи мустақилияти ин ду мафҳум такя намуда, онҳоро ҳамчун падидаҳои ҳуқуқии дорои муҳтавои мустақил, вале ба ҳам вобаста баррасӣ менамояд. Дуюм, равиши афзалияти таъминот мавҷуд аст, ки мутобиқи он мафҳуми «таъминоти иҷтимоӣ» нисбат ба «ҳимояи иҷтимоӣ» дорои дақиқияти бештари ҳуқуқӣ ва устувории меъёрӣ దониста шуда, истифодаи он дар танзими конститутсионӣ афзалтар шуморида мешавад. Сеюм, равиши афзалияти ҳимоя пешниҳод мегардад, ки ба фарогирӣ ва муҳтавои васеътари мафҳуми «ҳимояи иҷтимоӣ» такя намуда, «таъминоти иҷтимоӣ»-ро танҳо яке аз шаклҳои зуҳуроти он арзёбӣ мекунад. Чорум, равиши сохторӣ мавқеи хосро ишғол менамояд, ки тибқи он «ҳимояи иҷтимоӣ» ҳамчун мафҳуми умумӣ баррасӣ гардида, «таъминоти иҷтимоӣ» ҷузъи таркибӣ ва унсури сохтории он ба ҳисоб меравад; муносибати байни онҳо дар доираи модели «умумӣ–хос» шарҳ дода мешавад. Ниҳоят, равиши таърихӣ вуҷуд дорад, ки «таъминоти иҷтимоӣ»-ро ҳамчун шакли таърихан муайяншудаи татбиқи ҳимояи иҷтимоӣ арзёбӣ намуда, хусусияти универсалии онро маҳдуд мешуморад ва вобастагии онро аз марҳилаи муайяни рушди давлат ва ҷомеа таъкид менамояд.

Муаллиф мавқеи аввал, яъне равиши мустақилиятро ҷонибдорӣ менамояд. Таҳлили муқоисавии равишҳои баррасишуда нишон медиҳад, ки новобаста аз мавҷудияти робитаи зичи функсионалӣ ва ҳамбастагии сохтории мафҳумҳои «таъминоти иҷтимоӣ» ва «ҳимояи иҷтимоӣ», онҳоро наметавон ҳамчун истилоҳҳои ҳаммаъно ё комилан ҳампӯш арзёбӣ намуд. Баръакс, омӯзиши муҳтавои маъноӣ ва доираи татбиқи ҳар яке аз ин падидаҳо далолат бар он мекунад, ки онҳо дорои заминаи мустақили

назариявӣ ва меъёрӣ мебошанд.

Ба андешаи мо, фаҳмиши васеи назариявии мафҳуми «ҳимояи иҷтимоӣ» ҳамчун уҳдадории конститутсионӣ ва қонунгузории давлат арзёбӣ мегардад, ки ба таъмини шароити арзандаи зиндагӣ ва сатҳи муносиби некӯаҳволии ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ равона шудааст. Муҳтавои ин уҳдадорӣ танҳо бо нигоҳ доштани сатҳи ҳадди ақалли иҷтимоии зиндагӣ маҳдуд намешавад, балки фарогири тадбирҳои муназзаму низоммандест, ки ба коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ ва таҳкими принсипҳои адолати иҷтимоӣ ва ҳамбастагии ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд. Заминаи конститутсионии чунин уҳдадориҳо дар м.1 Конститутсияи ҶТ таҷассум ёфтааст, ки давлатро ҳамчун давлати иҷтимоӣ эълон мекунад. Мазмуни ин принсип дар моддаҳои боби дуюми Конститутсия, ки ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро муқаррар менамоянд, ба таври муфассал инкишоф меёбад.

Аз ин дидгоҳ, ҳимояи иҷтимоӣ ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти ҳуқуқии давлати ҳуқуқбунёд баромад намуда, ба таъмини амалисозии воқеии ҳуқуқҳои иҷтимоии шахс тавассути ташаккули низоми кафолатҳои ҳуқуқӣ, ташкиливу ниҳодноки дахлдор равона мегардад. Он дорои хусусияти фарогир буда, маҷмуи васеи тадбирҳоро – аз дастгирии моддӣ ва ҷуброни иҷтимоӣ то хизматрасониҳои иҷтимоиро дар бар мегирад. Дар ин замина, ҳимояи иҷтимоӣ на танҳо шакли татбиқи сиёсати иҷтимоӣ, балки воситаи мустақими амалисозии ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд маҳсуб меёбад. Он тавассути маҷмуи кафолатҳои иҷтимоие, ки дар Конститутсия ҳамчун самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муқаррар шудаанд, амалӣ карда мешавад.

Ба сохтори роҳҳали конститутсионии ҳимояи иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, чунин унсурҳои калидӣ дохил мешаванд: ҳифзи меҳнат ва саломатии шаҳрвандон; муқаррар намудани ҳадди ақалли музди меҳнат, ки сатҳи зиндагии арзандаро таъмин намояд; дастгирии давлатии оила, модар ва кӯдак; чораҳои махсуси ҳимоя нисбат ба маъюбон ва пиронсолон; инчунин кафолати ҳуқуқ ба нафақа ва дигар намудҳои кумакҳои иҷтимоӣ. Аз ин

лиҳоз, дар чаҳорчӯби андозаи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ҳимояи иҷтимоӣ ҳамчун падидаи низомӣ баромад намуда, масъулияти давлатро дар назди ҷомеа барои таъмини некӯаҳволии иҷтимоии аҳолӣ таҷассум мекунад ва тавассути низоми кафолатҳои ҳуқуқӣ ва роҳҳалҳои ниҳоднок амалӣ мегардад. Самти асосии он ҳифзи шаъну шарафи инсон, таъмини баробарии иҷтимоӣ ва коҳиши сатҳи осебпазирии гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ мебошад.

Дар муқоиса бо ин, мафҳуми «таъминоти иҷтимоӣ» бештар дар қолаби муносибатҳои тақсимотии ҷамъиятӣ ва низоми азнавтақсимкунии захираҳои моддӣ баррасӣ мегардад. Он ба дастгирии гурӯҳҳои иҷтимоии осебпазир равона шуда, яке аз абзорҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлатро ташкил медиҳад. Татбиқи он тавассути маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ, ташкиливу иқтисодӣ ва молиявӣ амалӣ карда мешавад. Ҳадафи таъминоти иҷтимоӣ дастгирии шахсоне мебошад, ки бо сабабҳои объективӣ қобилияти мустақилона таъмин намудани сатҳи муносибии зиндагиро маҳдуд кардаанд ё аз даст додаанд. Аз ин ҷиҳат, таъминоти иҷтимоӣ на танҳо роҳҳали иҷтимоию иқтисодӣ, балки вазифаи муҳимми давлатӣ низ ба шумор меравад.

Муҳтавои он самтҳои гуногунро дар бар мегирад: таъминоти нафақавӣ, пардохти кумакпулиҳо вобаста ба муваққатан ғайриқобили меҳнат будан, бекорӣ, маъюбӣ, инчунин дастгирии оилаҳои серфарзанд, камбизоат ва дигар гурӯҳҳои ниёзманди аҳолӣ. Низоми давлатии таъминоти иҷтимоӣ ба амалисозии ҳуқуқи конститутсионии шахс ба зиндагии арзанда равона шуда, тавассути расонидани кафолатноки неъматҳо ва хизматрасониҳое, ки ҳадди ақалли иҷтимоии муқарраргардидаро таъмин менамоянд, татбиқ мегардад. Ҳадафи асосии он ташкили роҳҳалҳои муассири ҳимоя аз хавфҳои иҷтимоии маъмултарин, аз ҷумла беморӣ, маъюбӣ, пирӣ, талафи нонрасон, садамаҳои истеҳсолӣ, бекорӣ ва камбизоатӣ мебошад.

Аз ҷумлаи нишонаҳои муҳимми таъминоти иҷтимоӣ вобастагии он ба рух додани ҳолатҳои мушаххаси ҳаётӣ – ба истилоҳ «хавфҳои иҷтимоӣ» ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, маблағгузории он асосан аз ҳисоби манбаъҳои марказонидашудаи ҷамъиятӣ, аз қабили буҷети давлатӣ ё фондҳои

ғайрибуҷетӣ, амалӣ карда мешавад. Ин хусусият имкон медиҳад, ки таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун шакли ниҳодмандӣ ва меъёрии дастгирии иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандон арзёбӣ гардад, ки ба ҷуброни паёмадҳои вазъиятҳои номусоиди ҳаётӣ, аз ҷумла аз даст рафтани даромад ё зарурати дарёфти кумаки беруна, равона шудааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун низоми сохторёфта ва ниҳодноки дастгирии иҷтимоӣ баромад намуда, ба таъмини субот ва устувории иҷтимоии ҷомеа мусоидат мекунад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва афзоиши тақсимоти табақавии иҷтимоӣ, он на танҳо вазифаи ҷубронӣ, балки функсияи пешгирикунандаро низ иҷро намуда, ба коҳиши хавфҳои иҷтимоӣ ва таҳкими ҳамоҳангии ҷамъиятӣ мусоидат менамояд.

Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳлили назариявӣ ва меъёрии анҷомдодашуда метавон хулосаҳои зеринро ба таври низомманд баён намуд.

Якум, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҷузъи ҷудонопазири низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар ҶТ ба ҳисоб рафта, мазмуни принсипи давлати иҷтимоиро, ки дар м.1 Конститутсия муқаррар гардидааст, таҷассум менамояд. Ин ҳуқуқ ба дастгирӣ ва ҳимояи шахсоне равона шудааст, ки бинобар сабабҳои объективӣ қобилияти меҳнатро аз даст додаанд ё дар вазъияти душвори иҷтимоию иқтисодӣ қарор доранд. Мақсади он танҳо таъмини сатҳи ҳадди ақалли иҷтимоӣ набуда, балки фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва пешгирии ҳошиягардонии иҷтимоиро низ дар бар мегирад. Аз лиҳози табиати ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ хусусияти фаъол ва барномавӣ дошта, давлатро муваззаф месозад, ки на танҳо онро эътироф намояд, балки тавассути сиёсати мақсадноки иҷтимоӣ, роҳҳалҳҳои азнавтақсимкунии захираҳо ва кафолатҳои ниҳодноки татбиқи воқеии онро таъмин намояд. Танзими конститутсионӣ ва соҳавии ин ҳуқуқ дар ҶТ бо дарназардошти меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалӣ, аз ҷумла ПБҲИИФ сурат гирифта, мутобиқати низоми миллӣ ба стандартҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоиро инъикос менамояд.

Дуюм, таҳлили маҷмуии назариявӣ ва ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дорои табиати комплексӣ ва бисёрсатҳӣ буда, дар худ унсурҳои конститутсионӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ниҳодмандро муттаҳид менамояд. Ин ҳуқуқ ҳамчун яке аз рукнҳои бунёдии давлати иҷтимоӣ баромад карда, ҳамзамон хусусияти субъективӣ дошта, ба шахс имкони талаб намудани татбиқи кафолатҳои муқарраршударо аз ҷониби давлат фароҳам меорад. Аз ин лиҳоз, он на танҳо меъёри эълоншудаи конститутсионӣ, балки роҳҳали воқеии таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ ва ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон мебошад.

Сеюм, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ, аз ҷумла дар м.39 Конститутсия, мустаҳкам гардида, мазмуни он тавассути қонунгузории соҳавӣ мушаххас карда мешавад. Қонунгузории мазкур низоми таъминоти нафақавӣ, пардохти кумакҳои иҷтимоӣ, дастгирии маъюбон, пиронсолон, оилаҳои серфарзанд ва дигар гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро танзим менамояд. Сатҳи татбиқи самараноки ин ҳуқуқ нишондиҳандаи рушди сиёсати иҷтимоии давлат, дараҷаи масъулияти иҷтимоии он ва имкониятҳои иқтисодии ҷомеа мебошад. Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ на танҳо вазифаи ҷуброни паёмадҳои хавфҳои иҷтимоиро иҷро менамояд, балки ба таҳкими эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва устувории иҷтимоӣ низ мусоидат мекунад. Гарчанде ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, бар хилофи ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ, вобаста ба имкониятҳои иқтисодӣ ва сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии давлат тадриҷан амалӣ мегарданд, ин ҳолат аҳаммияти онҳоро коҳиш намедиҳад. Онҳо унсурҳои баробарқимати мақоми ҳуқуқии шахсият буда, ба таъмини кафолатҳои устувори ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ ниёз доранд.

Чорум, дар назарияи ҳуқуқӣ ва амалияи қонунгузорӣ масъалаи дақиқияти истилоҳотӣ нисбат ба мафҳумҳои «ҳимояи иҷтимоӣ» ва «таъминоти иҷтимоӣ» то ҳол пурра ҳалли худро наёфтааст. Таҳлили анҷомдодашуда асос медиҳад, ки мафҳуми «ҳимояи иҷтимоӣ» дар фаҳмиши васеи назариявӣ ҳамчун уҳдадории конститутсионии давлат арзёбӣ гардад, ки ба таъмини зиндагии арзанда, коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ ва таҳкими

адолати иҷтимоӣ равона шудааст. Он самти стратегии сиёсати иҷтимоии давлатро таҷассум намуда, тавассути низоми кафолатҳои ҳуқуқӣ ва роҳҳалҳои ниҳодӣ амалӣ мегардад. Дар навбати худ, «таъминоти иҷтимоӣ» шакли мушаххаси ниҳодманд ва ҳуқуқии татбиқи ин уҳдадории умумӣ буда, дар доираи муносибатҳои азнавтақсимкунии захираҳои моддӣ ва дастгирии суроғавии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ амалӣ мешавад. Он ба ҷуброни паёмади хавфҳои иҷтимоӣ ва таъмини ҳадди ақалли иҷтимоии муқarrarгардида равона гардида, яке аз абзорҳои калидии сиёсати иҷтимоии давлат маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ҳимояи иҷтимоӣ ва таъминоти иҷтимоӣ, сарфи назар аз робитаи зичи функсионалии онҳо, дорои сатҳ ва доираи гуногуни танзим мебошанд: аввалан падидаи фарогири стратегӣ ва конститутсионӣ буда, дуюман роҳҳали мушаххаси амалисозии он ба ҳисоб меравад.

## 2.2. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ

Дар шароити кунунии рушди ҷомеа, ки бо таъсири густурдаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва дигаргуниҳои амиқ дар бахшҳои сиёсӣ, геополитикӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ тавсиф мегардад, масъалаи арзёбӣ ва таҳлили вазъи ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоии инсон, махсусан ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ба яке аз самтҳои муҳимми тадқиқоти илмӣ табдил ёфтааст. Таҳаввулоти мазкур боиси ба миён омадани масъалаҳои нав гардида, зарурати такмили асосҳои назариявӣ ва таҷдиди роҳҳалҳои амалисозӣ, кафолат ва ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоиро мутобиқ ба шароити муосири иҷтимоию иқтисодӣ тақозо менамояд. Бо ин асос, таҳқиқи фарогири масъалаҳои марбут ба татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ аҳаммияти дугона – назариявӣ ва амалӣ касб менамояд. Аз як ҷониб, он ба рушди минбаъдаи афкори илмӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад; аз ҷониби дигар, заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои таҳкими адолати иҷтимоӣ, таъмини устувории ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолиро фароҳам меорад.

Тавре ки дар ин замина Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ 28 декабри соли 2024 зикр намуданд: «Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сиёсати давлати Тоҷикистон мақоми хос дошта, барои дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҳамасола зиёд карда мешавад» [177].

Масъалаи танзими ҳуқуқҳои субъективии инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, дар марҳилаҳои таъмин, татбиқ ва ҳимояи онҳо аҳамияти хосса дорад. Ҳуқуқи мазкур ҳамчун унсури муҳимми низоми ҳуқуқҳои конститутсионӣ баромад намуда, кафолати ҳуқуқии таъмини сатҳи шоистаи зиндагии инсонро ифода мекунад. Дар конститутсияҳои аксари давлатҳо ин ҳуқуқ тавассути меъёрҳои мустақим ё ғайримустақим муқаррар гардида, мазмун ва доираи он бо санадҳои қонунгузории соҳавӣ мушаххас

карда мешаванд. Чи тавре ки А.Ю. Гусев зимни таҳқиқи ин гурӯҳи ҳуқуқҳо таъкид менамояд, «татбиқи меъёрҳои конститутсионӣ оид ба таъминоти иҷтимоӣ тавассути қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои зерқонунӣ, амалӣ мегардад. Иҷрои чунин муқаррарот уҳдадории конститутсионии давлат маҳсуб мешавад. Мақомоти давлатӣ вазифадоранд қонунҳоеро қабул намоянд, ки ҳимояи иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолиро таъмин намоянд. Ҳамзамон бояд роҳҳалҳои самараноки татбиқи онҳо таъсис дода шаванд ва ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ вобаста ба асосҳои иҷтимоии асоснок фарқгузорӣ карда шавад. Давлат уҳдадор аст, ки на танҳо қонунҳоеро қабул намояд, ки ҳуқуқҳои моддии шаҳрвандонро ба таъминоти иҷтимоӣ бо назардошти эҳтиёҷоти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа ва худи давлат мустаҳкам месозанд, балки инчунин татбиқи ин ҳуқуқҳоро тавассути меъёрҳои расмиётӣ ва мурофиавӣ таъмин намояд. Чунин меъёрҳо бояд ҳифзи самаранок ва барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншуда дар соҳаи таъминоти иҷтимоиро кафолат диҳанд» [28, с. 75-76].

Муҳаққиқи ватанӣ С.М. Салоҳидинова, дар навбати худ, дар мисоли ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ таъкид менамояд, ки: «фаъолияти соҳибкорӣ дар меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ муайян гардида, мазмуни он дар меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ ошкор мегардад. Яъне, ин фаъолият ҳам объекти танзими конститутсионӣ ва ҳам танзими соҳавӣ мебошад. Дар ин замина, танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун асоси танзими минбаъдаи ин намуди фаъолият дар меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ баромад мекунад, ки ин ҳолат ҳам ба ҷойгоҳи ҳуқуқи конститутсионӣ дар низоми умумии ҳуқуқ ва ҳам ба мавқеи Конститутсия дар низоми қонунгузорӣ вобаста мебошад» [57, с. 33].

Дар таҳқиқоти ҳуқуқшиносони ватанӣ танзими ҳуқуқӣ дар ду маънӣ – васеъ ва маҳдуд тафсир карда мешавад. Дар маънои васеъ он ҳамчун роҳҳали мураккаби унсурҳои ба ҳам вобаста арзёбӣ мегардад, ки ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини фаъолияти самараноки низоми ҳуқуқӣ равона шудааст. Сохтори ин роҳҳал, пеш аз ҳама, аз меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат

мебошад, ки қоидаҳои ҳатмии рафторро муқаррар намуда, заминаи ташаккули ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқиро фароҳам месозанд [41, с. 760; 74, с. 224; 78, с. 4-6; 158, с. 535; 161, с. 180 ]. Ҳолатҳои ҳуқуқӣ (ҳодиса ва ҳаракат) ҳамчун асоси пайдоиш, тағйир ё қатъи муносибатҳои ҳуқуқӣ баромад менамоянд. Амалисозии ҳуқуқу уҳдадориҳо тавассути шаклҳои асосии татбиқи ҳуқуқ – риоя, иҷро, истифода ва татбиқ амалӣ мегардад [43, с. 157; 64, с. 720; 167, с. 331].

Ҳамзамон, санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ, яъне қарорҳои инфиродии мақомоти давлатӣ ё шахсони мансабдор, меъёрҳои ҳуқуқиро мушаххас намуда, иҷрои онҳоро дар ҳолатҳои муайян таъмин мекунанд [124, с. 225-230; 137, с. 79-84; 159, с. 459; 163, с. 170; 168, с. 459]. Фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ низ ҳамчун омилҳои муҳимми маънавию иҷтимоӣ ба самаранокии роҳҳали танзими ҳуқуқӣ таъсири бевосита мерасонанд [121, с. 18-24; 134, с. 63–67].

Дар маънои маҳдуд танзими ҳуқуқӣ, аз ҷониби А.М. Диноршоев ва С.М. Салоҳидинова, дар заминаи танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ чунин тавсиф мегардад: «Ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ ҳамчун ҷузъи таркибии мақоми конститутсионии шахс дорои аҳаммияти мустақили давлатӣ-ҳуқуқӣ дар роҳҳали танзими ҳуқуқии мақоми шахсият мебошанд. Ин гурӯҳи ҳуқуқҳо на танҳо падидаҳои ҳуқуқии алоҳида ба шумор мераванд, ки дорои аҳаммияти нисбатан ҷудогонаанд, балки ҳамчун маҷмуи ягонаи имкониятҳои ҳуқуқӣ, ки мақоми шахсро дар давлат муайян мекунанд, аҳаммияти махсус касб менамоянд. Маҳз ҳамин ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба ташаккул ва амалишавии мақоми конститутсионии шахс таъсири ҳалкунанда расонида, мазмуни иҷтимоиву иқтисодии онро муайян менамоянд ва тавассути он табиати ҳуқуқии худро ифода мекунанд» [35, с. 28-30].

Бо дарназардошти нуктаҳои зикршуда метавон хулоса кард, ки танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ, принсипҳои соҳавӣ ва воситаҳои ташкилӣ-ниҳодӣ арзёбӣ мегардад,

ки ба кафолат ва амалисозии ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҳимоя ва дастгирии иҷтимоӣ дар шароити ба вуҷуд омадани хавфҳои иҷтимоӣ равона шудааст. Яъне, танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ яке аз воситаҳои муҳимми татбиқи принсипҳои давлати иҷтимоӣ мебошад. Он кафолатҳои ҳуқуқии шаҳрвандонро таъмин намуда, ба таҳкими адолати иҷтимоӣ мусоидат мекунад, устувории ҷомеаро нигоҳ медорад ва шароити дастрасии баробар ба неъматҳо ва хизматрасониҳои иҷтимоиро фароҳам месозад.

Танзими ҳуқуқӣ мазкур аз маҷмуи васеи меъёрҳо ва роҳҳалҳо иборат мебошад, ки вобаста ба асосҳои гуногун гурӯҳбандӣ мешаванд. Ин таснифот ба ташкили равишҳо барои ҳуқуқтатбиқнамоии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва таҳлили хусусиятҳои он кумак мекунад.

Аз ҷумла, М.А. Ғоибзода таснифоти қонунгузории иҷтимоиро бар асоси якчанд меъёри асосӣ пешниҳод менамояд. Якум, таснифот вобаста ба намудҳои фаъолиятҳое сурат мегирад, ки тавассути қонунгузории иҷтимоӣ танзим мегарданд. Ба ин гурӯҳ соҳаҳое, аз ҷумла таъмини шуғли самарабахши аҳолӣ, таъминот ва ҳимояи иҷтимоӣ, тандурустӣ, маориф, ҳифзи муҳити зист, фарҳанг ва санъат дохил мешаванд. Дуюм, таснифот вобаста ба доираи ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон, ки дар Конститутсияи ҶТ муқаррар гардидаанд, амалӣ карда мешавад. Дар ин замина ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ, инчунин ҳуқуқҳои махсуси кӯдакон ва маъюбон ҷудо карда мешаванд. Сеюм, гурӯҳбандӣ вобаста ба соҳаҳои мушаххаси танзими ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад, аз ҷумла соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ, суғурта ва ҳимояи иҷтимоӣ, қонунгузории манзил, тандурустӣ, варзиш ва фарҳанги ҷисмонӣ, маориф ва илм [156, с.36-37].

Таҳлили адабиёти илмии ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ метавонад аз рӯйи як қатор меъёрҳои назариявию амалӣ гурӯҳбандӣ карда шавад, аз ҷумла аз рӯйи манбаъҳои ҳуқуқӣ, объект ва субъектҳои танзим, намудҳои таъминоти иҷтимоӣ, роҳҳалҳои ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва усулҳои маблағгузорӣ. Аз нигоҳи объекти

танзим, мазмуни ин ҳуқуқ пардохтҳои иҷтимоӣ (нафақаҳо ва кумакпулиҳо), хизматрасониҳои иҷтимоӣ (тиббӣ, таҳсилотӣ ва нигоҳубинӣ), инчунин имтиёзҳо ва кумакҳои иҷтимоиро фаро мегирад. Аз рӯйи субъектҳои танзим, дар раванди амалисозии он мақомоти давлатӣ, корфармоён ва шаҳрвандон ҳамчун иштирокчиёни асосӣ баромад мекунанд. Аз лиҳози намудҳои таъминоти иҷтимоӣ, он ба суғуртаи иҷтимоии ҳатмӣ, кумаки иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир, таъминоти давлатии бо маблағгузории буҷетӣ ва шаклҳои хусусии таъминоти иҷтимоӣ ҷудо карда мешавад. Вобаста ба усули маблағгузорӣ, таъминоти иҷтимоӣ метавонад хусусияти буҷетӣ, суғуртавӣ ё омехта дошта бошад [156, с.36-37].

Дар доираи таҳқиқоти мазкур, таваҷҷуҳи бештар ба ду намуди таснифбандӣ равона мешавад: – манбаъҳои танзими ҳуқуқӣ ва роҳҳалҳои ҳуқуқтатбиқнамоӣ.

Масъалаи танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, аз нигоҳи манбаъҳои танзим дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифта, дорои ҳам хусусиятҳои умумӣ ва ҳам ҷанбаҳои фарқкунанда мебошад. Аксари муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои инсон вобаста ба манбаъҳо бояд ба ду сатҳ – миллӣ ва байналмилалӣ ҷудо карда шавад. Бо вуҷуди ин, мазмуни дохилии чунин гурӯҳбандӣ аз ҷониби муаллифон ба таври гуногун шарҳ дода мешавад.

Аз ҷумла, олимони ватанӣ Д.Ш. Сангинзод ва Э.Д. Давлатмандзода танзими ҳуқуқии миллиро ба се зина тақсим менамоянд: «танзими конститутсионӣ, танзими қонунгузорӣ ва танзими зерқонунӣ» [58, с. 11].

Дар мавриди ҳуқуқ ба меҳнат чунин гурӯҳбандиро Н. Шонасриддинов, Ғ.М. Бобокалонов ва Ш.М. Мирзозода низ пешниҳод намудаанд. Онҳо ба танзими зерқонунӣ аҳаммияти бештар медиҳанд, зеро «аксари муносибатҳои ҳуқуқии соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, аз ҷумла муносибатҳое, ки аз муносибатҳои меҳнатӣ бармеоянд, маҳз тавассути санадҳои зерқонунӣ танзим мегарданд» [73, с. 18-25; 119, с.143-153].

А.М. Диноршоев, Д.Х. Элназаров, С.М. Салоҳидинова, Ш.Х. Камолов ва дигар муаллифон [158, с. 33; 74, с.; 57, с.; 161, с.12-13] назари маҳдудтарро ҷонибдорӣ намуда, танзимро танҳо ба конститутсионӣ ва қонунгузорӣ ҷудо мекунанд, аммо мафҳуми «қонунгузорӣ»-ро дар маънои васеъ шарҳ медиҳанд. Ба андешаи А.М. Диноршоев: «Дар низоми муосири қонунгузории кишвар соҳаи мустақили ҳуқуқи инсон ташаккул ёфтааст. Он бояд дар маънои васеъ фаҳмида шавад, яъне ба он на танҳо қонунҳо, балки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, санадҳои зерқонунӣ ва қарорҳои мақомоти назорати судӣ низ дохил мешаванд» [158, с. 16]. Дар навбати худ, М. А. Ғоибзода ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои мубрами қонунгузории иҷтимоӣ таъкид менамояд, ки он «қисми таркибии низоми қонунгузории ҶТ буда, маҷмуи ниҳодҳо ва соҳаҳои қонунгузориро дар бар мегирад, ки дар сатҳи ҳуқуқӣ муносибатҳои асосии ҷамъиятиро дар соҳаи кафолатҳои иҷтимоӣ дар давлат танзим менамоянд ва дар ҷараёни фароҳам овардани шароит барои рушди муътадили моддӣ ва маънавии инсон ҳамчун шахсият ба вуҷуд меоянд» [88, с. 114].

Ба ибораи дигар, дар тафсири ин муаллифон мафҳуми «қонунгузорӣ» дар маънои васеъ истифода шуда, маҷмуи тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқиро фаро мегирад: аз қонунҳо (конститутсионӣ, кодификатсионӣ ва қонунҳои одӣ) то санадҳои зерқонунӣ, аз ҷумла фармонҳо ва амрҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ ва дигар санадҳои марбута.

Муаллифони мазкур ҳамчунин қонунгузории соҳаи ҳуқуқи инсонро ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд: қонунгузории умумӣ ва қонунгузории махсус. Қонунгузории умумӣ он санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки ба таври ғайримустақим муносибатҳои вобаста ба ҳуқуқи мушаххас (дар мавриди мо – ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ)-ро танзим менамоянд. Қонунгузории махсус бошад, аз санадҳое иборат аст, ки бевосита ба таъмини ҳуқуқи муайян бахшида шудаанд (масалан, Қонунҳои ҶТ «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ», «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ») [158,

с. 33; 60, с.215].

Дар ҳамин замина гурӯҳи дигари муҳаққиқон танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро вобаста ба роҳҳалҳои татбиқи он ба се навъ ҷудо менамоянд: танзими моддӣ, ки ҳуқуқҳои мушаххаси шаҳрвандонро ҷиҳати гирифтани кумакпулиҳо, нафақаҳо ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ муқаррар мекунад; танзими расмиётӣ, ки тартиби муроҷиат барои дарёфти таъминоти иҷтимоӣ ва тартиби барасмиятдарории ҳуҷҷатҳоро муайян менамояд; ва танзими мурофиавӣ, ки роҳҳали ҳимояи ҳуқуқро дар бар гирифта, аз ҷумла тартиби шикоят нисбат ба рад кардани пардохт ё хизматрасонӣ муайян месозад.

Ба назари мо, баррасии масъалаи танзими ҳуқуқӣ дар ҷудоӣ аз раванди татбиқи он пурра арзёбӣ шуда наметавонад, зеро маҳз раванди татбиқ нишондиҳандаи самаранокии меъёри қабулшуда буда, имкон медиҳад камбудиҳои мавҷуда сари вақт ошкор ва бартараф карда шаванд.

Бо дарназардошти ин, пешниҳод менамоем, ки танзими ҳуқуқӣ аз рӯйи тартиби танзим ва татбиқи ҳуқуқи субъективӣ ба ду сатҳ – миллӣ ва байналмилалӣ ҷудо карда шавад. Дар доираи танзими ҳуқуқии миллӣ се зергурӯҳ фарқ карда мешаванд: моддӣ, расмиётӣ ва мурофиавӣ. Танзими ҳуқуқии байналмилалӣ, дар навбати худ, ба ду навъ тақсим мегардад: танзими умумӣ (заминавӣ) ва танзими махсусгардонидашуда (таъминкунанда-муҳофизатӣ).

Бо таври муфассал ба баррасии таснифбандии пешниҳодшуда мегузарем. Таҳлилро аз танзими ҳуқуқии миллӣ, ки мо онро ба се самт – моддӣ, расмиётӣ ва мурофиавӣ ҷудо намудем, оғоз менамоем.

Танзими моддӣ принсипҳои асосӣ ва ҳуқуқҳои мушаххаси шаҳрвандонро дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ муқаррар менамояд. Он муҳтавои меъёрҳои ҳуқуқиро, ки намуд ва ҳаҷми дастгирии иҷтимоӣ, инчунин шартҳои соҳиб шудан ба онро муайян мекунанд, дар бар мегирад. Муҳимтарин манбаи ҳуқуқии танзими моддии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ Конститутсияи ҶТ ба шумор меравад. Б.С. Эбзеев бо ишора ба нақши

Конститутсия зикр менамояд: «Дар Конститутсия барномаи иҷтимоӣ ифода ёфтааст, ки он бояд дар қонунгузории меҳнатӣ, маданӣ, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳо инъикос гардад» [151, с. 23]. Дар навбати худ, А.М. Диноршоев таъкид мекунад: «Конститутсияи ҶТ ҳуқуқи ҳар як шаҳрвандро ба таъминоти иҷтимоӣ эътироф намуда, ба зиммаи давлат уҳдадорӣ мегузорад, ки барои татбиқи ин ҳуқуқ шароити заруриро фароҳам оварад» [158, с. 372].

М.39-и Конститутсияи ҶТ асосҳои ҳуқуқиро муайян менамояд, ки тибқи онҳо шахс ҳамчун ниёзманд ба дастгирии иҷтимоӣ эътироф карда мешавад. Ба чунин пиронсолӣ, беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, дохил мешаванд. Ин ҳолатҳо ҳамчун хатарҳои иҷтимоӣ шинохта шуда, бо аз даст рафтани даромад ё нокифоя будани он барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти ҳаётии шахс ва аъзои оилаи қобили меҳнат набудаи ӯ тавсиф мегарданд. Ҳар як шахс дер ё зуд метавонад ба чунин шароит дучор гардад, ки гирифтани ёрии давлатӣ ё ҷамъиятиро тақозо намояд.

Аз ин рӯ, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ яке аз ҳуқуқҳои асосии иҷтимоии конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Дар конститутсияҳои кишварҳое, ки дорои таҷрибаи сотсиалистӣ мебошанд, аз ҷумла давлатҳои пасошуравӣ, ин ҳуқуқ одатан ҳамчун уҳдадории давлат ҷиҳати расонидани кумак ба шаҳрвандон дар шакли нафақа ва кумакпулӣ муқаррар мегардад. Чунин кумак дар ҳолатҳое пешниҳод мешавад, ки шахс қодир ба таъмини мустақилонаи зиндагии худ нест, масалан, дар ҳолати пирӣ, маъюбӣ, бекорӣ ё камбизоатӣ. Шартҳо ва ҳаҷми чунин кумак тибқи қонунҳои дахлдор муайян ва танзим карда мешаванд [174, с. 49-50].

Ҳамзамон, дар кишварҳое, ки ба низоми ҳуқуқии англо-саксонӣ тааллуқ доранд, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар конститутсияҳо камтар инъикос ёфта, дар баъзе ҳолатҳо умуман зикр нашудааст. Аммо ин маънои набудани низоми ҳимояи иҷтимоиро надорад. Баръакс, чунин ҳимоя дар асоси қонунҳо ва барномаҳои соҳавӣ амалӣ гардида, расонидани кафолатҳо

ва кумаки иҷтимоиро ба шаҳрвандон танзим менамояд [174, с. 49-50].

Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ба гурӯҳи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон ва шаҳрванд мансуб буда, дар боби 2 Конститутсияи ҶТ муқаррар гардидааст, ки ин ҳолат аҳаммияти онро дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ таъкид мекунад. Мустаҳкам намудани ин ҳуқуқ дар сатҳи конститутсионӣ гувоҳи он аст, ки таъминоти иҷтимоӣ унсури ҷудонопазири давлати иҷтимоӣ маҳсуб ёфта, давлат уҳдадор аст сатҳи муносиби зиндагии шаҳрвандонро кафолат дода, шароити рушди озоди онҳоро таъмин намояд.

Ҳамзамон, як қатор муҳаққиқон [118, с. 140-143] ба мавҷудияти танзими мустақим ва ғайримустақими конститутсионии ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ишора мекунанд. Тавре қаблан зикр гардид, ин ҳуқуқ бевосита дар м.39 Конститутсия мустаҳкам шудааст. Бо вуҷуди ин, татбиқи самараноки он бидуни такя ба дигар меъёрҳои бунёдии Конститутсия ғайриимкон аст. Аз ҷумла, м.1. Тоҷикистонро давлати иҷтимоӣ эълон менамояд; м.5. Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф мекунад; м.10. Конститутсияро ҳамчун санади дорои нерӯи олии ҳуқуқӣ муқаррар намуда, авлавияти меъёрҳои байналмилалиро, махсусан дар соҳаи ҳуқуқи инсон, эътироф менамояд; м.14. бошад, заминаҳои умумии ҳифз ва таъмини ҳуқуқу озодиҳоро муайян мекунад. Ҳамин тавр, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ на танҳо меъёри мустақили конститутсионӣ, балки натиҷаи ҳамбастагии як қатор муқаррароти бунёдии Конститутсия мебошад, ки дар маҷмуъ сиёсати иҷтимоӣ ва самти рушди давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоиро муайян месозанд. Ин меъёрҳои конститутсионӣ самтгирии фаъолияти давлатро ҳам дар соҳаи иҷтимоӣ ва ҳам дар соҳаи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон муайян намуда, заминаи ташаккул ва такмили қонунгузории соҳавиро фароҳам меоранд.

Тавре ки А.М. Диноршоев таъкид менамояд: «Барои он ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ аз сатҳи эъломия ба воқеият табдил ёбад, зарур аст шароите фароҳам оварда шавад, ки ҳар шахсе, ки ин ҳуқуқ ба ӯ дахл дорад,

битавонад онро дар амал татбиқ намояд. Барои ин муҳити мусоиди иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, фазои муносиб ва роҳҳалҳои ҳуқуқии махсус бояд таҳия ва амалӣ гарданд» [158, с. 373].

Мавқеи монандро А.И. Имомов низ иброз намудааст: «Дар ҶТ ҳар шахс ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дорад. Ин ҳуқуқ аз моҳияти давлат ҳамчун давлати иҷтимоӣ бармеояд, ки ҳамчун яке аз асосҳои сохтори конститутсионӣ муайян шудааст. Давлат уҳдадор аст барои ҳар як шахс шароити зиндагии арзанда ва рушди озодро фароҳам созад. Ин талабот ба ҳамаи мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятӣ дахл дорад. Онҳо масъуланд, ки шароити мувофиқро барои таъминоти иҷтимоӣ муҳайё намоянд» [41, с. 350].

Бо дарназардошти ин мавқеъҳо метавон хулоса кард, ки татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ на танҳо масъалаи мавҷудияти меъёри конститутсионӣ, балки масъалаи таъсиси роҳҳали муассири ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ мебошад, ки ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва дигар субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқиро тақозо мекунад.

Танзими минбаъдаи моддии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар қонунгузории амалкунандаи кишвар, хусусан дар санадҳои соҳавии меъёрии ҳуқуқӣ, амалӣ мешавад. Дар ин санадҳо ҳуқуқҳои муштақ ва унсурҳои мушаххасе муайян карда мешаванд, ки дар маҷмуъ муҳтавои ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, м.1 Қонуни ҶТ «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони ҶТ» муқаррар мекунад: «Шаҳрвандони ҶТ аз рӯйи синну сол, аз рӯйи маъюбӣ, ба сабаби маҳрум шудан аз саробон ва сабабҳои дигари дар Қонуни мазкур пешбинишуда ба таъмини нафақа ҳуқуқ доранд» [13]. Ба ибораи дигар, ин муқаррароти қонун ҳуқуқи шаҳрвандони кишварро ба гирифтани нафақа ҳамчун ҳуқуқи муштақи субъективӣ, ки аз муҳтавои умумии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ маншаъ мегирад, таҳким мебахшад.

Гурӯҳи дуюми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқ ба таъминоти

иҷтимоиро танзим менамоянд, санадҳое мебошанд, ки ҷанбаҳои расмиётии татбиқи ин ҳуқукро фаро мегиранд. Ба ибораи дигар, танзими расмиётӣ маҷмуи меъёрҳоро дар бар мегирад, ки тартиби амалигардонии ҳуқуқи шаҳрвандонро ба таъминоти иҷтимоӣ муайян менамоянд.

Ин меъёрҳо қадамҳоеро муайян мекунанд, ки шаҳрвандон барои гирифтани кумакҳои иҷтимоӣ бояд анҷом диҳанд, инчунин тартиби муошират ва ҳамкории онҳоро бо мақомоти давлатӣ ва дигар субъектҳои низоми таъминоти иҷтимоӣ танзим менамоянд.

Ҷанбаҳои асосии танзими расмиётӣ аз инҳо иборатанд:

– расмиёти муроҷиат барои гирифтани таъминоти иҷтимоӣ, яъне пешниҳоди ариза барои таъини пардохт ё хизматрасонӣ ва муайян намудани рӯйхати ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи шахсро ба таъминоти иҷтимоӣ тасдиқ мекунанд (масалан, маълумотномаи тиббӣ, шаҳодатнома дар бораи даромад);

– мухлатҳои баррасии аризаҳо, яъне муқаррар намудани мухлати ниҳоӣ барои қабули қарор ва тартиби огоҳ намудани аризадиҳандагон;

– ба қайд гирифтани гирандагон, яъне ташкили пойгоҳҳои иттилоотӣ дар бораи шахсоне, ки пардохтҳо ё хизматрасониҳои иҷтимоӣ мегиранд, инчунин навсозии маълумот дар бораи мақоми иҷтимоии онҳо;

– муайян намудани мақомоти ваколатдор, ки хизматрасониҳои иҷтимоиро пешниҳод менамоянд, яъне мушаххас намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва хадамоти иҷтимоӣ.

Ҳамин тариқ, танзими расмиётӣ ба содда ва шаффоф гардидани дастрасии шаҳрвандон ба кафолатҳои иҷтимоӣ равона шудааст. Аз ҷумла, ба гурӯҳи чунин санадҳои меъёрӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», [8] Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», [6] Қонуни ҶТ «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» [13] ва дигар санадҳои марбут дохил мешаванд.

Дар ин санадҳо асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии таъмини ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар самтҳои гуногун муқаррар гардидаанд. Масалан, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» тартиби гузаронидани

ташхиси тиббию иҷтимоӣ, масъалаҳои марбут ба барқарорсозӣ (реабилитатсия) ва фароҳамсозии шароити мусоиди зиндагӣ барои шахсони маъюбро муайян менамояд. Дар навбати худ, Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» намудҳо ва андозаи таъминотро аз рӯйи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, тартиби таъйин ва пардохти маблағҳои суғуртавӣ, пардохтҳои мақсаднок, инчунин масъалаҳои маблағгузории онҳоро танзим менамояд.

Ҳангоми баррасии татбиқи муқаррароти расмиётии қонунгузории танзимкунандаи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, бояд қайд кард, ки дар он як қатор мушкилот боқӣ мондаанд. Аз ҷумла, аксари қонунҳо дар ин соҳа беш аз 15–20 сол қабл қабул шудаанд ва расмиёти гирифтани кумакҳои иҷтимоиро дар баъзе ҳолатҳо бо шеваҳои бюрократӣ муқаррар менамоянд. Дар шароити муосир ва асри рақамисозӣ, гузариш ба технологияҳои инноватсионӣ дар хизматрасониҳои иҷтимоӣ зарур ва саривақтӣ мебошад. Ба ин масъала махсусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 28 декабри соли 2024 ишора карда, таъкид карданд: «Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст. Дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад: Якум, такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ.

Сеюм, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ» [177].

Дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва рушди босуръати технологияҳои рақамӣ масъалаи рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ, аз ҷумла дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, аҳаммияти калидӣ касб менамояд. Нуктаҳои дар Паёми Пешвои миллат аз 28 декабри соли 2024 зикршуда, ки ба такмили заминаҳои ҳуқуқӣ ва рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои

давлатӣ равона гардидаанд, барои усулҳои амалисозии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ аҳаммияти мустақим доранд.

Дар шароити рушди ҷомеаи рақамӣ мутобиқ намудани меъёрҳои расмиётии соҳаи таъминоти иҷтимоӣ ба талаботи замони муосир амри зарурӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, қонунгузорӣ бояд ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва автоматикунонии равандҳои маъмуриро пешбинӣ намояд, зеро чунин тадбирҳо ба коҳиш додани омили инсонӣ ва паст намудани хавфҳои эҳтимолии коррупсионӣ мусоидат мекунанд. Инчунин, аз нигоҳи ҳуқуқӣ, такмили заминаҳои меъёрӣ дар самти иқтисоди рақамӣ метавонад барои таҷдиди муқаррароти расмиётии соҳаи таъминоти иҷтимоӣ заминаи мусоид фароҳам оварад. Қабули санадҳои нави меъёрӣ ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда имкон медиҳад, ки расмиёти мурожиат, таъйин ва пардохти кумакҳои иҷтимоӣ ба шакли электронӣ гузаронида шуда, муҳлатҳо ва хароҷоти маъмурӣ коҳиш дода шаванд.

Рақамикунонии расмиёти таъминоти иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, гузариш ба шакли электронии пешниҳоди хизматрасониҳоро дар назар дорад. Ин раванд таъсиси порталҳои ягонаи электронӣ барои пешниҳоди ариза ва пайгирии марҳилаҳои баррасии он, ташкили пойгоҳҳои мутамаркази иттилоотӣ бо имкони табодули байниидоравии маълумот, инчунин истифодаи воситаҳои электронии муайянсозии шахсиятро фаро мегирад. Дар натиҷа гардиши ҳуҷҷатҳо содда гардида, зарурати пешниҳоди такрории маълумот коҳиш меёбад.

Ҳамзамон, татбиқи чунинислоҳот бе таъмини сатҳи муносиби амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи маълумоти шахсӣ имконнопазир аст. Самаранокии рақамикунонӣ инчунин ба рушди инфрасохтори техникӣ, омодасозии кадрҳои тахассусӣ ва ба инобат гирифтани имкониятҳои воқеии дастрасии ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ ба хизматрасониҳои электронӣ вобаста мебошад.

Рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳо метавонад ба баланд гардидани сатҳи шаффофият,

дастрасӣ ва самаранокии татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ мусоидат намояд. Аз ҷумла, таъсиси пойгоҳҳои ягонаи иттилоотӣ имкон фароҳам меорад, ки маълумот дар бораи гирандагони кумакҳои иҷтимоӣ дақиқ ва сари вақт навсозӣ гардида, ҳолатҳои такроршавӣ ё истифодаи ғайримақсадноки маблағҳо пешгирӣ карда шаванд. Самтгирии сиёсати давлатӣ ба рақамикунонии хизматрасониҳо ҳамчун омили муҳимми такмили роҳҳали расмиётии таъмини ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ баромад намуда, метавонад сатҳи кафолатнокии ин ҳуқуқи конститутсиониро дар шароити муосир таҳким бахшад.

Ҳамин тариқ, танзими расмиётӣ дар татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ нақши калидӣ мебозад, зеро маҳз он тартиб ва роҳҳалҳои дастрасии шаҳрвандонро ба кафолатҳои иҷтимоӣ муайян менамояд. Аксари муҳаққиқон зарурати ҷорӣ намудани расмиёти шаффоф, барои омма дастрас ва одилонаро таъкид мекунанд, ки баробарии имкониятҳоро барои ҳамаи шаҳрвандон таъмин созанд [135, с. 732-741].

Гурӯҳи сеюми санадҳои меъёриро санадҳои дорои хусусияти мурофиавӣ ташкил медиҳанд. Танзими мурофиавӣ маҷмуи меъёрҳоро дар бар мегирад, ки ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандонро ба таъминоти иҷтимоӣ дар сурати ба вуҷуд омадани баҳсҳо ё ҳолатҳои қонуншиканӣ таъмин менамоянд. Ҳадафи асосии чунин танзим фароҳам овардани роҳҳалҳои муассири барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда мебошад. Бархе аз олимон бар он назаранд, ки мурофиа тартиби қонунии фаъолияти мақомоти махсусгардонидашуда буда, ба ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ, ҳимояи манфиатҳо ва таъмини иҷрои маҷбурии ҳуқуқ равона гардидааст [68, с. 8].

Танзими мурофиавӣ маҷмуи роҳҳалҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки ба таъмини ҳимояи самараноки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ равона гардидаанд. Ба сохтори он, пеш аз ҳама, ниҳодҳои шикоятбарӣ дохил мешаванд, ки имкони бозбинии қарорҳои мақомоти ваколатдорро дар зинаи болоӣ ё дар тартиби судӣ таъмин менамоянд. Ҳамзамон, ҳимояи судӣ ҳамчун кафолати асосии барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда баромад намуда,

имкони баҳс намудани амал ё беамалии мақомоти давлатӣ ва қабули қарорҳои ҳатмиро оид ба таъини пардохтҳо ё пешниҳоди хизматрасониҳо пешбинӣ мекунад. Ҷузъи муҳимми дигар назорати давлатӣ аз болои иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоӣ ва татбиқи чораҳои таъсиррасон нисбат ба шахсони мансабдоре мебошад, ки бо амал ё беамалии худ ба амалисозии ҳуқуқи мазкур халал мерасонанд. Аз ин рӯ, танзими мурофиавӣ ҳамчун унсури ҷудонашавандаи роҳҳали ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ баромад намуда, шаффофият, адолат ва воқеияти кафолати ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандонро таъмин менамояд.

Бо вуҷуди ин, дар байни олимон мавқеи ягона оид ба масъалаи танзими мурофиавии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ вуҷуд надорад. Масалан, Р.Р. Сафаралиев таъкид менамояд, ки «меъёрҳои ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ инчунин шакли мурофиавии фаъолиятро дар бар мегиранд (яъне тартиби фаъолияти мақомот оид ба баррасии баҳсҳо)» [133, с. 89-94].

Дар навбати худ, мухолифони ин мавқеъ чунин изҳор медоранд, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун ҳуқуқи субъективии инсон танҳо расмиёти танзимии худро дорад, яъне тартиби таъини нафақа, муайян намудани собиқа ва ғайра. Ба андешаи онҳо, қонунгузории амалкунанда танҳо ҳуқуқ ба ҳимояро тавассути муроҷиат ба суд ё мақоми болоӣ муқаррар мекунад, аммо меъёрҳои дахлдор бештар хусусияти моддӣ дошта, танҳо тавассути мурофиаи гражданӣ ё маъмурӣ татбиқ мегарданд (яъне онҳо ба меъёрҳои мурофиавии дигар соҳаҳои ҳуқуқ вобаста мебошанд) [97, с. 126-129].

Бо чунин мавқеъ мо мувофиқ нестем. Зеро, мисли ҳар як ҳуқуқи субъективии инсон, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ низ дорои маҷмуи роҳҳалҳои татбиқ ва ҳимоя мебошад, ки тадбирҳои кафолатӣ, усулҳои барқарорсозии ҳуқуқ ва ҷавобгариро нисбат ба субъектҳои вайронкунандаи ҳуқуқ дар бар мегирад. Дар қонунгузории амалкунанда, ки танзими татбиқи ин ҳуқуқро ба зимма дорад, меъёрҳои мурофиавӣ дар шакли меъёрҳои истинодӣ ифода ёфтаанд. Яъне вобаста ба ҳолатҳои мушаххас тартиби

ҳимояи судӣ ё ғайрисудӣ муқаррар карда мешавад. Ин навъи танзим, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ, дар кодексҳои дахлдор (Кодекси мурофиавии граждании, Кодекси ҷиноятӣ ва ғайра) инъикос гардидааст.

Дар доираи таснифбандии танзими ҳуқуқӣ аз рӯйи манбаъҳо, ки қаблан мавриди таҳлил қарор гирифта буд, муаллифон танзими расмиётиро танзими махсус ва танзими мурофиавиро танзими умумӣ арзёбӣ менамоянд.

Ҳамин тариқ, роҳҳалҳои ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ тамоми ҷанбаҳои ҳамкории шаҳрванд бо низоми ҳимояи иҷтимоиро фаро мегиранд: танзими моддӣ муҳтавои ҳуқуқҳоро муайян менамояд; танзими расмиётӣ тартиби татбиқи онҳоро муқаррар мекунад; ва танзими мурофиавӣ роҳҳалҳои ҳимоя ва барқарорсозии онҳоро дар ҳолати вайроншавӣ муайян месозад. Фаъолияти ҳамоҳанги ин се навъи танзим шаффофият, самаранокӣ ва адолатро дар низоми таъминоти иҷтимоӣ таъмин менамояд.

Дар интиҳои баррасии масъалаи танзими ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ мо зарур мешуморем ба масъалаи кодификатсияи қонунгузории соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, ки дар илми ҳуқуқӣ хусусияти баҳсбарангез дорад, таваҷҷуҳ намоем. Масалан, Е.Е. Мачулская зарурати қабули як санади кодификатсиониро чунин асоснок менамояд: – «он ба низоммандсозӣ ва мутобиқсозии қонунгузории соҳа мусоидат намуда, муноқишаҳои дохилии меъёриро бартараф месозад ва сатҳи сифати меъёрҳои ҳуқуқиро баланд мебардорад» [115, с. 3-5].

Дар ҳамин замина, О.С. Мозалева таъкид менамояд, ки «ҳамгироии санадҳои меъёрии танзимкунандаи ҳимояи иҷтимоӣ метавонад камбудиҳои ҳуқуқии мавҷудбударо бартараф намуда, истифодаи қонунгузориро барои амалкунандагон ва шаҳрвандон осон гардонад» [165, с. 94-95].

Аз ҷумла, ба сифати афзалиятҳои қабули чунин санад инҳо пешниҳод мегарданд: ягонагии дастгоҳи мафҳумӣ, баланд бардоштани сифати танзими ҳуқуқӣ, такмили усулҳои ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, ҳаллу фасли возеҳи муноқишаҳои байнисоҳавӣ (бо ҳуқуқи молиявӣ, меҳнатӣ, андоз ва маъмурӣ),

инчунин муайян намудани ҷойгоҳи қонунгузории таъминоти иҷтимоӣ дар низоми қонунгузории миллӣ ва мушаххас сохтани муносибати он бо ҳуқуқи байналмилалӣ». [165, с. 94-95].

Дар илми ҳуқуқи тоҷик ин мавқеъро М.А. Ғоибзода низ ҷонибдорӣ намуда, чунин менависад: «рушди қонунгузории иҷтимоӣ, тағйирпазирии шакл ва намудҳои неъматҳои иҷтимоӣ, инчунин мавҷудияти чандин мақомоти масъули қонунгузории соҳавӣ ба танзими сифатноки муносибатҳои иҷтимоӣ монеа эҷод менамоянд. Чунин вазъ тақозо мекунад, ки таъсири ҳуқуқӣ дар шакли як санади ягонаи кодификатсионӣ амалӣ карда шавад» [156, с. 41].

Бо назардошти нуқтаҳои зикршуда, мо хулоса карда метавонем, ки қонунгузории соҳаи таъминоти иҷтимоӣ воқеан ба ислоҳ ва такмил ниёз дорад. Тавре ки дар боло таъкид гардид, амалия нишон медиҳад, ки мавҷудияти унсурҳои бюрократӣ, омилҳои фасодӣ ва норасоиҳои расмиёти амалкунанда татбиқи пурраи ҳуқуқҳоро мушкил мегардонанд. Бо вуҷуди ин, ба назари мо, қабули як Кодекси ягона наметавонад мушкилоти мавҷудаи соҳаро комилан ҳал намояд. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки қабули як қатор кодексҳои соҳавӣ (Кодекси меҳнат, Кодекси тандурустӣ) на танҳо ҳамаи мушкилотро бартараф накард, балки дар баъзе ҳолатҳо, бинобар мавҷудияти холигиҳо дар танзими ҳуқуқӣ, татбиқи амалии меъёрҳоро боз ҳам мураккаб гардонд.

Аз ин рӯ, ба андешаи мо, қонунгузории танзимкунандаи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоии шаҳрвандон бояд дар партави супоришҳои Пешвои миллат ки дар Паём ба парлумони мамлакат аз 28.12.2024 ироа шуд, ба таври амиқ, низомманд ва мақсаднок ислоҳ ва навсозӣ карда шавад. Чунин раванд, ба назари мо, бештар тавассути қабули қонунҳои нави соҳавӣ ва такмили санадҳои амалкунанда амалӣ мегардад, на дар шакли таҳияи Кодекси ягона, зеро маҳз ҳамин тарзи ислоҳот метавонад самаранокии танзими ҳуқуқиро таъмин намояд.

Дувумин унсури танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ

танзими ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, ки онро метавон ба ду зершакл ҷудо кард: танзими умумӣ (заминавӣ) ва танзими махсусгардонидашуда (таъминкунанда-муҳофизатӣ).

Асоси ҳуқуқии ворид намудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми қонунгузории ҶТ дар Конститутсияи ҶТ ифода ёфтааст. Тибқи м.10 Конститутсия, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд.

Дар доираи таҳқиқи масъалаи ҳамоҳангсозии ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар адабиёти илмии ҳуқуқӣ як қатор равияҳои назариявӣ шакл гирифтаанд, ки онҳоро метавон ба чанд гурӯҳи мантиқӣ муттаҳид намуд.

Аввалан, қисми муҳаққиқон масъалаи мазкурро дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ ва байналмилаликунонии ҳуқуқи конститутсионӣ баррасӣ менамоянд. Аз ҷумла, А.М. Диноршоев таъкид мекунад, ки муқаррароти Конститутсияи ҶТ тамоюлҳои хоси конститутсияҳои муосирро таҷассум менамоянд. Ба андешаи ӯ, рушди конститутсионализм дар шароити кунунӣ бо ду раванд тавсиф меёбад: аз як тараф, густариши таъсири ҷаҳонишавӣ ба танзими конститутсионӣ ва аз ҷониби дигар, таҳкими нақши принсипҳо ва меъёрҳои умумэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ. Ҳуқуқи байналмилалӣ, ба назари ӯ, ба ташаккули низомҳои ҳуқуқии миллӣ таъсири амиқ мерасонад ва принсипи афзалияти он давлатҳоро муваззаф месозад, ки ухдадориҳои байналмилалиро ҳамчун меъёрҳои ҳатмии ҳуқуқӣ эътироф ва иҷро намоянд. Дар айни замон, чунин ҳамгироӣ набояд ба маҳдудшавии истиқлолияти давлатӣ оварда расонад, балки бояд ба тавозуни манфиатҳои миллӣ ва ухдадориҳои байналмилалӣ асос ёбад [158, с. 15].

Дуюм, гурӯҳи дигари олимон ба моҳият ва муҳтавои меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Б.С. Сафарзода

меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсонро ҳамчун ҷузъи таркибии ҳуқуқи муосири байналмилалӣ арзёбӣ намуда, онҳоро инъикоскунандаи принсипҳои умумидемократӣ ва уҳдадориҳои давлатҳо дар самти эҳтиром, риоя ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон медонад. Ба таъкиди ӯ, татбиқи чунин стандартҳо дар низоми ҳуқуқии миллӣ бояд бо дарназардошти хусусиятҳои сохтори конститутсионӣ ва имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии ҳар як давлат амалӣ гардад. Ин меъёрҳо на танҳо ҳуқуқу озодиҳоро ба расмият медароранд, балки роҳҳалҳои таъмини онҳо, пешгирии табъиз, муқаррар намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои нақзи ҳуқуқҳо ва эътирофи тартиботи байналмилалии ҳимояро низ дар бар мегиранд [60, с. 19-20].

Сеюм, масъалаи таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба мақоми ҳуқуқии шахсият низ дар меҳвари таҳқиқоти илмӣ қарор дорад. Г.В. Игнатенко бар он назар аст, ки «мақоми ҳуқуқии шахс на танҳо аз маҷмуи ҳуқуқу озодиҳои дар қонунгузории миллӣ муқарраршуда иборат аст, балки ҳуқуқу озодиҳое, ки дар шартномаҳои байналмилалӣ пешбинӣ ва эътироф шудаанд, низ ҷузъи таркибии он ба ҳисоб меравандр. Ба ин маъно, стандартҳои байналмилалии эътирофшуда доираи кафолатҳои ҳуқуқии шахсро васеъ намуда, ба мазмун ва сохтори мақоми ҳуқуқии ӯ таъсири мустақим мерасонанд» [99, с. 101].

Чаҳорум, бархе муҳаққиқон ташаккул ва таҳкими низоми байналмилалии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиро ҳамчун яке аз дастовардҳои муҳимми асри XX арзёбӣ менамоянд. Д.Н. Садриева бар он аст, ки «қабули санадҳои универсалии байналмилалӣ давлатҳоро ба сифати субъектҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ уҳдадор сохт, то масъулияти мушаххасро дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ ба зимма гиранд ва роҳҳалҳои дахлдори татбиқ ва назоратро таъсис диҳанд» [129, с. 203-205].

Дар маҷмуъ, таҳлили мавқеъҳои зикршуда нишон медиҳад, ки дар шароити муосир рушди низоми ҳуқуқии миллӣ, бахусус дар самти таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, дар иртиботи зич бо стандартҳо ва принсипҳои байналмилалӣ сурат мегирад. Ҳамгироии мутавозин ва асосноки ин ду сатҳи танзими ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими мақоми ҳуқуқии шахс ва баланд

бардоштани самаранокии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба шумор меравад.

Санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, тавре ки мо дар боло зикр намудем, метавонанд ба ду гурӯҳ ҷудо карда шаванд: санадҳои танзими умумӣ (заминавӣ) ва санадҳои танзими махсусгардонидашуда (таъминкунанда-муҳофизатӣ).

Шакли якуми ҳамкории байналмилалӣ тавассути бастани шартномаҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама дар доираи Созмони Милали Муттаҳид (СММ), амалӣ мегардад. Маҳз дар чунин ҳуҷҷатҳо стандартҳои муайяни байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон муқаррар карда мешаванд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ин гуна санадҳо ҳамчун санадҳои универсалии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон маъруфанд.

Шакли дуюми ҳамкорӣ ҳамкориро дар доираи созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат (ТБМ) ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), дар бар мегирад.

Ба таври мухтасар ҳар яке аз шаклҳои зикршудаи ҳамкории байналмилалиро дар соҳаи татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ баррасӣ менамоем. Ҳангоми таҳлили шаклҳои универсалии ҳамкории байналмилалӣ дар ин соҳа, пеш аз ҳама бояд ба ЭУҲБ, ки 10 декабри соли 1948 аз ҷониби Маҷмааи умумии СММ қабул гардидааст, таваҷҷуҳ зоҳир кард. Гарчанде ки ин санад хусусияти ҳатмии ҳуқуқӣ надорад, он дар ташаккули низоми байналмилалии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши калидӣ бозидааст. Ба таъкиди О.И. Тиунов, «муқаррароти ЭУҲБ, ба шарофати амалияи давлатҳо, мақоми анъанавӣ касб намуда, ҳамчун стандартҳо барои ташаккули қонунгузории миллӣ хизмат менамоянд» [70, с. 5]. Ин мавқеъро як қатор муҳаққиқони ватанӣ низ дастгирӣ менамоянд [61, с. 55].

М.22-и ЭУҲБ ҳуқуқи ҳар шахсро ҳамчун узви ҷомеа ба таъминоти иҷтимоӣ эътироф намуда, амалисозии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро, ки барои ҳифзи шаъну шараф ва рушди озоди шахсият заруранд, пешбинӣ менамояд. Амалисозии ин ҳуқуқҳо бояд тавассути тадбирҳои миллӣ ва ҳамкории байналмилалӣ бо дарназардошти имконияту захираҳои ҳар як

давлат таъмин гардад. [2]. М.25-и ЭУҲБ ҳуқуқ ба сатҳи шоистаи зиндагиро, ки ғизо, либос, манзил, нигоҳубини тиббӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоиро дар бар мегирад, муқаррар намуда, инчунин ҳуқуқ ба таъминотро дар ҳолатҳои хавфҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла бекорӣ, беморӣ, маъюбӣ, пиронсолӣ ва дигар ҳолатҳои аз даст додани воситаҳои зиндагӣ, эътироф мекунад [2].

Бо ин асос, ЭУҲБ чунин нуктаҳоро муайян менамояд: – якум, ҳолатҳое, аз қабили пиронсолӣ ва маъюбӣ, ҳамчун хавфҳои иҷтимоӣ эътироф мегарданд; дуюм, барои ҳар як узви ҷомеа ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ кафолат дода мешавад; сеюм, ҳуқуқ ба сатҳи шоистаи зиндагӣ, ки ниёзҳои бунёдӣ, аз ҷумла ғизо, манзил ва нигоҳубини тиббиро дар бар мегирад, муқаррар карда мешавад.

Ба андешаи Е.В. Чупрова, «мафҳуми «зиндагии шоиста» хусусияти тағйирёбанда дошта, аз сатҳи рушди иқтисодии ҷомеа вобаста мебошад. Бо ин вуҷуд, таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки давлатҳо сатҳи зиндагии шоистаро бо такя ба стандартҳои муайяни иҷтимоӣ, ки мутобиқи марҳилаҳои рушди иқтисодӣ таҳия мегарданд, арзёбӣ менамоянд. Яке аз чунин стандартҳо ҳадди ақалли зиндагӣ ба шумор меравад» [172, с. 75].

Бо ин тартиб, ЭУҲБ таъминоти иҷтимоиро ҳамчун ҳуқуқи субъективии мустақил эътироф намуда, заминаи ҳуқуқии танзими минбаъдаи онро дар сатҳи байналмилалӣ фароҳам овардааст.

Мақоми махсус дар самти танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ба ПБҲИИФ тааллуқ дорад, ки онро Маҷмааи умумии СММ 16 декабри соли 1966 қабул кардааст. Қабули ин санади муҳимми байналмилалӣ дар якҷоягӣ бо Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (минбаъд – ПБҲШС) яке аз марҳилаҳои калидии рушди низоми байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад. Аҳаммияти ин паймонҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо нахустин санадҳои дорои хусусияти умумиҷаҳонии ҳатмии ҳуқуқӣ буданд, ки давлатҳоро ба иҷрои уҳдадориҳои мушаххас дар самти таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон вазифадор намуданд. Тавре ки Б.А. Сафарзода таъкид менамояд «таҳияи

чунин санадҳои шартномавии байналмилалӣ пас аз қабули ЭУҲБ вақти нисбатан тулонӣ талаб намуд, зеро зарур буд, ки на танҳо мазмуну муҳтавои меъёрҳои он дақиқ ва муфассал муайян карда шавад, балки ҳамзамон механизмҳои назоратии татбиқи онҳо низ таҳия гарданд. Ба андешаи ӯ, агар Созмони Милали Муттаҳид аз ибтидо ба таҳияи санади дорои хусусияти ҳатмии ҳуқуқӣ шуруъ намекард, эҳтимол дошт, ки ин раванд даҳсолаҳои зиёд идома ёбад. Дар ин замина, таҳияи паймонҳои соли 1966 тақрибан 18 солро дар бар гирифта, барои ба эътибор даромадани онҳо боз тақрибан 10 соли дигар лозим гардид» [60, с. 101].

Паймон нисбат ба Эъломия рӯйхати васеътар ва дақиқтари ҳуқуқҳои иҷтимоиро пешбинӣ менамояд. Аз ҷумла, м.9 ҳуқуқи ҳар як шахсро ба таъминоти иҷтимоӣ, аз ҷумла суғуртаи иҷтимоӣ, эътироф мекунад; м.11 – ҳуқуқ ба сатҳи муносиб барои худ ва оилааш, ки ғизои кофӣ, манзил, либос ва беҳбудии пайвастаи шароити зиндагиро дар бар мегирад; м.12 – ҳуқуқ ба сатҳи баландтарини саломатии ҷисмонӣ ва равонӣ. Илова бар ин, м.10 ҳифзи оиларо ҳамчун воҳиди иҷтимоӣ муайян менамояд ва м.11 қ.2 ҳуқуқи озод будан аз гуруснагиро пешбинӣ мекунад. Ҳуқуқҳое, ки дар Паймон муқаррар шудаанд, ҳамчун ҳуқуқҳои асосӣ ва бунёдӣ эътироф мегарданд.

Ин ҳуқуқҳо бояд дар ҳама гуна вазъ, новобаста аз иштироки давлат дар шартномаҳои мушаххаси байналмилалӣ, амалӣ гарданд. Тақдими чунин мақом ба саъю талошҳои ИҶШС ва давлатҳои сотсиалистӣ вобаста аст, ки барои эътирофи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва таъмини кафолатҳои ҳуқуқии кофӣ пойфишорӣ менамуданд.

Ҳамин тариқ, муқаррар гардидани ҳуқуқҳои инсон дар Паймон дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ гувоҳи ғамхорӣ нисбат ба пиронсолон, маъюбон, кӯдакон ва шахсоне мебошад, ки манбаи асосии зиндагии худро бинобар ҳолатҳои аз онҳо вобастанабуда аз даст додаанд. Ба ибораи дигар, дар ин санад стандартҳои асосии байналмилалии татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ муайян шудаанд.

Дар баробари ин, дар миёни муаллифон мавқеъҳое низ ба назар

мерасанд, ки ба хусусияти эъломиявии танзими ҳуқуқии муқаррароти пешбинишуда дар ин Паймон ишора мекунанд. Масалан, О.С. Мозолева зикр менамояд, ки «ибораи муътадили мустаҳкамнашуда, ки дар б.1 м.2 ПБҲИИФ мавҷуд аст, чунин садо медиҳад: «ҳар як давлат уҳдадор мешавад, ки ҳам ба таври инфиродӣ ва ҳам дар заминаи кумаки байналмилалӣ ва ҳамкорӣ, дар ҳадди ниҳоии имкониятҳои мавҷудаи захираҳо чораҳо андешад, ҷиҳати таъмини тадриҷии татбиқи пурраи ҳуқуқҳои эътирофшуда бо ҳама василаҳои муносиб, аз ҷумла, қабл аз ҳама, бо қабули тадбирҳои қонунгузорӣ»«. Ин ҳолат замина барои чунин натиҷагирӣ фароҳам меорад, ки меъёрҳои ПБҲИИФ хусусияти тавсиявӣ дошта, барои давлатҳои иштирокчӣ ҳатмии қатъӣ нестанд [165, с. 71].

Дар ин замина мо ин мавқеъро нодуруст меҳисобем. Дар ҳақиқат, қабули ду Паймон натиҷаи созиш ва муомилаи ҷонибҳо мебошад, аммо роҳҳали муқарраршудаи амалисозии онҳо пешбинӣ менамояд, ки давлате, ки ин Паймонҳоро ё яке аз онҳоро имзо намуда, баъдан ба тасвиб мерасонад, уҳдадор мегардад, онҳоро иҷро намояд. Ин уҳдадориҳо бо роҳҳали назорат, аз ҷумла тавассути пешниҳоди гузоришҳои даврӣ оид ба иҷрои онҳо, тақвият меёбанд.

Масалан, ҶТ ПБҲИИФ-ро санаи 13 ноябри соли 1998 имзо намуда, санади тасвибиро санаи 4 январи соли 1999 ба нигоҳдоранда супорид. Барои ҶТ Паймон санаи 4 апрели соли 1999 ба қувваи ҳуқуқӣ даромад. Бо мақсади таъмини саривақтии пешниҳоди гузоришҳо оид ба уҳдадориҳои байналмилалӣ дар ҶТ Комиссияи назди Ҳукумати ҶТ оид ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон таъсис дода шудааст, ки фаъолияти он ба мусоидат дар таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии ҶТ дар ин самт равона гардидааст.

Тавре қаблан зикр гардид, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар қатори ҳуқуқҳои асосии инсон ҷойгоҳи муҳимро ишғол намуда, дар як қатор созишномаҳои муҳимми байналмилалӣ, ки таҳти сарпарастии СММ қабул шудаанд, мустаҳкам гардидааст. Ин санадҳо инчунин пояи танзими ҳуқуқии

байналмилалии ҳимояи иҷтимоиро ташкил дода, уҳдадориҳои давлатҳоро дар ин самт муайян менамоянд. Ба шумори чунин созишномаҳо метавон Конвенсия оид ба бартарафсозии ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбат ба занон (соли 1979), Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (соли 1989) ва Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон (соли 2006)-ро шомил намуд.

Масалан, дар м. 11 Конвенсия оид ба бартарафсозии ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбат ба занон, ҳуқуқи занон ба таъминоти иҷтимоӣ муқаррар шудааст, бахусус дар ҳолатҳои ба нафақа баромадан, беморӣ, маъюбӣ, талафоти саробон, ҳомиладорӣ ва дигар ҳолатҳое, ки ҳифзи иҷтимоиро тақозо менамоянд. Дар ин модда ба таъмини баробарии имкониятҳо миёни занон ва мардон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Мутобиқи м.26 Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, давлатҳои иштирокчӣ уҳдадоранд, ки ҳуқуқи ҳар як кӯдакро ба таъминоти иҷтимоӣ эътироф намуда, чораҳо ҷиҳати амалӣ гардидани он андешанд. Ин ҳуқуқ дастрасии кӯдакон ба хизматрасонӣ ва кумакҳои муносибро дар бар мегирад. Дар м. 28 Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон ҳуқуқи маъюбон ба сатҳи шоистаи зиндагӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ таъкид гардида, давлатҳо вазифадоранд, ки дастрасии маъюбонро ба хадамоти ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла барномаҳои кумаки манзилӣ, кумакпулӣ ва тадбирҳои дастгирии гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат таъмин намоянд.

Ин санадҳои СММ на танҳо ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро муқаррар менамоянд, балки инчунин меъёрҳои байналмилалие ба вуҷуд меоранд, ки давлатҳо бояд ҳангоми таҳия ва такмили низоми ҳуқуқии миллии худ онҳоро ба инобат гиранд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба пешгирии табъиз, таъмини дастрасии баробар ба хадамоти иҷтимоӣ ва фароҳамсозии шароити зиндагии шоиста барои тамоми гурӯҳҳои аҳолӣ равона карда шудааст.

Гурӯҳи дуюми санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқиро санадҳое ташкил медиҳанд, ки ба сифати махсусгардонидашуда муайян шудаанд. Чунин санадҳо дар доираи ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавии махсусгардонидашуда қабул мешаванд. Барои ҲТ дар ин падида аҳаммияти

хосро он санадҳое доранд, ки дар доираи ИДМ қабул шудаанд.

И.А. Хорошев дар ин замина зикр менамояд, ки «санадҳои байналмилӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, ки дар доираи ИДМ қабул шудаанд, метавон шартан ба чанд гурӯҳ тақсим кард:

1. Санадҳои консептуалӣ – онҳо асосҳо ва самтҳои сиёсати иҷтимоии давлатҳои аъзои ИДМ-ро муқаррар менамоянд;

2. Санадҳое, ки стандартҳои ягонаи таъминоти иҷтимоӣ ва шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии татбиқи онро муқаррар менамоянд – ҳадафи ин санадҳо мутобиқсозии қонунгузории миллӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ мебошад;

3. Созишномаҳо оид ба танзими таъминоти иҷтимоии гурӯҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон.

Дар муқаддимаи Созишномаи таъсиси ИДМ соли 1991 зикр шудааст, ки давлатҳои иштирокчӣ уҳдадоранд, ки меъёрҳои байналмилалиро дар соҳаи ҳуқуқи инсон риоя намоянд. Дар м.2-и ин созишнома муқаррар гардидааст, ки тарафҳо ба ҳамаи шахсоне, ки дар қаламрави онҳо қарор доранд, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро новобаста аз мансубияти миллӣ ё дигар хусусиятҳо, мутобиқ ба меъёрҳои умумии эътирофшудаи байналмилалӣ кафолат медиҳанд.

Конвенсияи ИДМ оид ба ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон аз соли 1995 пешбинӣ мекунад, ки ҳар як шахс ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, аз ҷумла суғуртаи иҷтимоӣ вобаста ба синну сол, беморӣ, маъюбӣ, талафи саробон, нигоҳубини кӯдак ва дигар ҳолатҳоеро, ки дар қонунгузории миллӣ пешбинӣ шудаанд, дорад.

Соли 1994 Маҷлиси байнипарлумонии ИДМ Хартияи ҳуқуқҳо ва кафолатҳои иҷтимоии шаҳрвандони давлатҳои аъзоро тасдиқ намуд. Дар м.40-и Хартия зикр шудааст, ки давлатҳо уҳдадоранд ба шахсоне, ки дар қаламрави онҳо зиндагӣ мекунанд, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро таъмин намоянд. Таваҷҷуҳи махсус ба таъминоти пурраи нафақа дар синни пирӣ, ҳангоми беморӣ, аз даст додани қобилияти меҳнатӣ, талафи саробон ва дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории миллӣ пешбинӣ кардааст, равона шудааст. Ин

ҳуқуқ новобаста аз он кафолат дода мешавад, ки шахс ҳуқуқ ба нафақаро дар қаламрави кадом давлат ба даст овардааст. Инчунин, пардохти кумакпулиҳои давлатӣ ба оилаҳои дорои кӯдакон пешбинӣ шудааст [149, с. 61].

Дар соҳаи таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон, давлатҳои аъзои ИДМ инчунин як қатор созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро ба имзо расонидаанд.

Дар баробари ин, миёни мутахассисон андеша ҳукмфармост, ки роҳҳалҳои татбиқи меъёрҳои зикршуда дар доираи ИДМ, мутаассифона, бо сабаби омилҳои гуногуни объективӣ ва субъективӣ, самаранокии паст доранд. Масалан, Н.В. Лутовинова зикр мекунад, ки «монеаҳои объективии мавҷудбуда дар татбиқи санадҳои байналмилӣ оид ба таъминоти иҷтимоӣ ба қонунгузории миллӣ, ба татбиқи пурраи ин меъёрҳо халал расонданд» [111, с. 85].

Дар ин робита, Г.М. Веляминов дуруст қайд мекунад, ки «дар шароити ташаккули давлатдории кишварҳои ИДМ, равонагардии онҳо ба манфиатҳои миллӣ, тағйири самти ҳамкорӣ ба сӯйи кишварҳои сеюм ва набудани заминаҳои мушаххас барои ташкили мақомоти фавқи миллӣ дар доираи ИДМ, масъалаи ҳамоҳангсозии ислоҳот, аз ҷумла мутобиқсозии қонунгузории миллӣ, ҳалли худро наёфт. Ба ин раванд фарқиятҳои потенсиали иқтисодӣ, шароити ибтидоии тағйирот, суръат ва самтгирии ислоҳот, инчунин хусусиятҳои ҷуғрофии кишварҳо таъсир расониданд» [24, с. 340].

Бо ин андешаҳо метавон розӣ шуд, агар ба равандҳои воқеии рушди ИДМ ҳамчун як ташкилоти минтақавӣ назар афканем. Аммо бо вуҷуди ин, набояд нақши ин ташкилотро дар пешбурди эътироф ва танзими ҳуқуқии ҳуқуқи мавриди таҳқиқ коста намуд. Дар марҳилаи аввалини ташаккул ва рушди давлатҳои мустақили пасошуравӣ маҳз санадҳое, ки дар доираи ИДМ таҳия шуда буданд, ба ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ, аз ҷумла ҶТ, таъсири назаррас расониданд (аз ҷумла таҳия ва қабули қонунҳои намунавӣ дар доираи Асамблеяи байнипарлумонии ИДМ).

Дар танзими ҳуқуқи шаҳрвандон ба таъминоти иҷтимоӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ, Конвенсияҳо ва Тавсияҳои ТБМ мавқеи муҳимми худро доранд. Конвенсияҳои ТБМ – санадҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқан ҳатмие мебошанд, ки аз ҷониби ТБМ таҳия ва қабул шуда, ба тасвиб расонидани онҳо аз ҷониби давлатҳои аъзо талаб карда мешавад. Давлате, ки Конвенсияро тасвиб мекунад, уҳдадор мешавад, ки муқаррароти онро татбиқ намояд. Конвенсияҳо стандартҳои иҷтимоиро дар бар мегиранд, ки дар асл бояд қонунгузории ҳар як давлат ба онҳо мутобиқат кунад. Ғайр аз он, конвенсияҳо ва тавсияҳо ба мутобиқсозии қонунгузории соҳаи таъминоти иҷтимоӣ мусоидат менамоянд.

Д.К. Назаров накши санадҳои қабулшудаи ТБМ-ро таҳлил намуда, як қатор хусусиятҳои онҳоро муайян менамояд. Аз ҷумла, ӯ таъкид мекунад, ки «конвенсияҳои ТБМ танҳо ба давлат ва мақомоти ваколатдор, балки ба корфармоён низ уҳдадориҳо бор мекунанд. Аз ин рӯ, дар доираи танзими ҳуқуқӣ, шахс ҳуқуқ дорад: – гирифтани кумакпулӣ барои бекорӣ ва ёрии тиббӣ (м.15 ва 23 Конвенсияи №168 «Дар бораи мусоидат ба шуғл ва ҳимоя аз бекорӣ»); – гирифтани рухсатии меҳнатии пулакӣ (Конвенсияи №132 «Дар бораи рухсатиҳои пулакӣ»); – баробарии музди меҳнат барои кори баробарқимат (Конвенсияи №131 «Дар бораи муқаррар кардани музди меҳнати ҳадди ақал»); – таъмини либоси муҳофизатӣ ва воситаҳои ҳифзи шахсӣ (м.16 Конвенсияи №155 «Дар бораи бехатарӣ ва гигиенаи меҳнат»).

Ин уҳдадориҳо ба мақомоти давлатӣ ва корфармоён паҳн мешаванд, ки фарогирии васеъ ва аҳаммияти амалии меъёрҳои ТБМ-ро дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон таъкид мекунанд. [166, с. 65].

Дар ҳақиқат, ТБМ на танҳо дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ, балки дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ низ конвенсияҳо, тавсияҳо ва эъломияҳо қабул мекунад. Онҳо стандартҳои иҷтимоиро муқаррар намуда, ба мутобиқсозии қонунгузории соҳа ва муайянсозии самтҳои рушди минбаъдаи он мусоидат менамоянд.

Н.В. Лутовинова конвенсияҳо ва тавсияҳои ТБМ-ро дар масъалаҳои

таъминоти иҷтимоӣ шартан ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мекунад:

Гурӯҳи аввал: Санадҳои аҳаммияти умумибашаридошта. Ин ҳуҷҷатҳо стандартҳои умумиро муқаррар мекунанд, ки намуна барои низоми таъминоти иҷтимоӣ мебошанд: – Конвенсияи №102 «Дар бораи меъёрҳои ҳадди ақалли таъминоти иҷтимоӣ» – меъёрҳои ҳадди ақалро дар бораи шахсони фарогирифташуда, муҳлати пардохт ва ҳаҷми ҳадди ақалли кумакпулиҳо муқаррар менамояд; – Конвенсияи №117 «Дар бораи ҳадафҳо ва меъёрҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ» – таъкид мекунад, ки баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳадафи асосии рушди иқтисодӣ бояд бошад; – Конвенсияи №118 «Дар бораи баробарии ҳуқуқҳои шаҳрвандони дохилӣ, хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ» – баробарии ҳуқуқҳоро таъмин менамояд; – Конвенсияи №157 «Дар бораи ташкили низоми байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳо дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ» – принсипи баробариро ба ҳамаи намудҳои таъминоти иҷтимоӣ тавсеа медиҳад; – Тавсияи №167 «Дар бораи ташкили низоми байналмилалии ҳуқуқҳо дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ» – бо ҳадафи мусоидат ба бастани созишномаҳо байни кишварҳо қабул шудааст; – Яке аз муҳимтарин санадҳои охир Тавсияи №202 «Дар бораи сатҳҳои ҳадди ақалли ҳифзи иҷтимоӣ» мебошад, ки уҳдадориҳои умумии фарогирии аҳолиро бо ҳифзи иҷтимоӣ таъкид менамояд ва давлатҳоро ба тасвиби Конвенсияи №202 ташвиқ мекунад.

Гурӯҳи дуюм: Санадҳое, ки масъалаҳои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ва намудҳои муайяни таъминоти иҷтимоиро танзим мекунанд. Ин ҳуҷҷатҳо паҳлуҳои махсуси ҳимояи иҷтимоиро дар бар мегиранд: – Конвенсияи №130 «Дар бораи ёрии тиббӣ ва кумакпулӣ дар ҳолати беморӣ» ва Тавсияи ҳамрадифи №134 – сатҳи ҳадди ақалли хизматрасонии тиббиро муқаррар мекунанд; – Ба масъалаи ҳифзи шахсони зарардида дар натиҷаи садамаҳои истеҳсолӣ, бемориҳои касбӣ, инчунин модарону кӯдакон диққати махсус дода мешавад [111, с. 85].

Ҳамин тавр, меъёрҳои муқарраршуда дар конвенсияҳо ва тавсияҳои

ТБМ тадриҷан дар низоми ҳуқуқии ҶТ мавқеи худро пайдо мекунанд. Ояндаи татбиқи васеи онҳо ба тасвиби минбаъдаи конвенсияҳои ТБМ вобаста аст, ки ба ҳамгироии стандартҳои байналмилалии ҳифзи иҷтимоӣ ба низоми ҳуқуқии миллӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар асоси таҳлили муфассали зикршуда метавон ба хулосаҳои зерин расид: Аввалан, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҷузъи бунёдии сохтори конститутсионии ҶТ буда, мустақиман дар м.39 Конститутсия муқаррар гардида, дар доираи тарҳи эълоншудаи давлати иҷтимоӣ амалӣ мегардад. Ин ҳуқуқ ҳамчун ҳуқуқи субъективии кафолатдодаи давлат ба дастгирии иҷтимоии шаҳрванд дар ҳолатҳои муҳимми иҷтимоӣ, ки монеаи фаъолияти меҳнатӣ мегарданд, ба шумор меравад. Аз ин рӯ, танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ маҷмуи васеи меъёрҳо ва роҳҳалҳоро дар бар мегирад, ки татбиқи онро дар сатҳи қонунгузорӣ, ниҳоднокӣ ва расмиятдиҳӣ таъмин менамоянд. Он на танҳо муқаррарсозии ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳоро фаро мегирад, балки ташкили роҳҳалҳои самараноки ҳимояи ҳуқуқ, аз ҷумла воситаҳои маъмурӣ ва судиро.

Дувум, танзими ҳуқуқии миллӣ дар ин самт шартан ба се зергурӯҳ ҷудо мешавад: танзими моддӣ, расмиётӣ ва мурофиавӣ. Танзими моддӣ мазмуни ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва шартҳои амалисозии онро муайян мекунад. Танзими расмиётӣ тарзи татбиқи ин ҳуқуқро дар бар мегирад, аз ҷумла тартиби пешниҳод, таъин ва пардохти кумакпулиҳо ва хизматрасониҳои иҷтимоиро. Танзими мурофиавӣ ба ҳифзи ҳуқуқи вайроншуда, аз ҷумла тавассути шикоятбарии маъмурӣ ва судӣ мусоидат мекунад.

Сеюм, танзими байналмиллалӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳам тавассути стандартҳои умумӣ (монанди ЭУҲБ, ПБҲИИФ) ва ҳам воситаи роҳҳалҳои махсусгардонидашуда (конвенсияҳои ТБМ, санадҳои ИДМ ва ғайра) амалӣ карда мешавад. Ин санадҳо дар ташаккули қонунгузории миллӣ нақши муҳим дошта, мутобиқати онро ба стандартҳои байналмилалӣ таъмин менамоянд.

Чорум, танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дорои вазифаҳои гуногун мебошад: он ҳам чун воситаи татбиқи адолати иҷтимоӣ, ҳам роҳҳали суботбахшии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳам ҳамчун василаи ҷуброни хатарҳои иҷтимоӣ ва ҳам платформаи ҳамкорӣ миёни давлат, ҷомеа ва бахши хусусӣ баромад мекунад.

Панҷум, таҳқиқот нишон медиҳад, ки дурнамои муҳимми рушди қонунгузорӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ на ба кодификатсия ҳамчун шакли муттаҳидсозии меъёрҳо, балки ба баланд бардоштани сифати танзими ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Ин раванди бозбинӣ ва ислоҳи низоми меъёрии амалкунанда бо назардошти таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ, кам кардани хавфҳои фасод ва монанди инҳоро талаб менамояд. Ниҳоднокии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ мутобиқати доимии санадҳои меъёрӣ ба шароити тағйирёбандаи иҷтимоию иқтисодиро талаб мекунад. Қонунгузории ҶТ дар ин самт ниёз ба ислоҳоти амиқ, аз ҷумла рақамисозии расмиёти марбут, коҳиши монеаҳои бюрократӣ ва ҷорӣ намудани низоми пешниҳоди электронӣ барои дархости кумаки иҷтимоӣ дорад.

Ҳамин тариқ, танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ як низоми мураккаб ва бисёрсатҳаро ташкил медиҳад, ки дар он меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, роҳҳалҳои ниҳодӣ ва расмиёти татбиқ ба ҳам омехта, дастрасии баробари шаҳрвандонро ба неъматҳои иҷтимоӣ таъмин намуда, рушди устувори давлатро дар асоси принсипҳои давлати иҷтимоӣ фароҳам месозанд.

# БОБИ 3. КАФОЛАТҲО ВА РОҲҲАЛҲОИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ БА ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ

## 3.1. Кафолатҳои таъмини ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавре ки дар қисматҳои қаблии таҳқиқот зикр гардид, ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон ва шаҳрванд ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқҳои конститутсионӣ буда, ҳадафи ниҳоии худро дар таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ барои ҳар як шахс мебинанд – сатҳе, ки ба талаботи шаъну шарафи инсон, адолати иҷтимоӣ ва рушди устувори ҷомеа ҷавобгӯ мебошад. О.Ю. Рибаков қайд мекунад, ки «яке аз самтҳои асосӣ ва бунёдии муҳимтарини сиёсати муосири ҳуқуқӣ-конститутсионӣ таъмини афзалияти ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳамчун арзиши олӣ мебошад. Дар ин маврид сухан танҳо аз эътирофи расмии мақоми ҳуқуқии инсон намеравад, балки аз ташаккули роҳҳалҳои воқеии риоя, ҳимоя ва татбиқи пурраи онҳо меравад. Мавқеи марказӣ дар ин сиёсати давлатӣ ба таъмини зиндагии шоистаи инсон ва фароҳам овардани шароит барои рушди озод ва ҳамаҷонибаи ӯ тааллуқ дорад, ки ин дар як қатор меъёрҳои конститутсионӣ ва принсипҳои фаъолияти давлатӣ инъикос ёфтааст» [56, с. 147].

Дар навбати худ, муҳаққиқи ватанӣ С.М. Салоҳидинова зикр мекунад, ки «Конститутсия, ки дорои мақоми қонуни асосии давлат ва қувваи олии ҳуқуқӣ мебошад, на танҳо барои мустаҳкам намудани арзишҳо ва афзалиятҳои асосии сиёсати давлатӣ хизмат мекунад, балки таъсири низомофаринро ба тамоми сохтори танзими ҳуқуқӣ ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ низ амалӣ менамояд. Меъёрҳои он дорои амали мустақим буда, барои иҷро аз ҷониби ҳамаи мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ҳатмӣ мебошанд, ки ин аҳаммияти марказии онро дар роҳҳалҳои татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон пешакӣ муайян менамояд. Яке аз принсипҳои бунёдӣ, ки дар заминаи таҳкими конститутсионии ҳуқуқу

озодиҳои инсон ва шаҳрванд қарор дорад, принсипи кафолатнокии онҳо мебошад. Ин принсип хусусияти эъломиявӣ надошта, фармони қатъии ҳуқуқиро ифода мекунад, ки давлатро вазифадор месозад роҳҳалҳои муассири таъмин, татбиқ ва ҳимояи ҳуқуқҳои субъективиро ташкил намояд. Кафолатнокӣ маънои онро дорад, ки барои ҳар як ҳуқуқи муқарраршуда маҷмуи муайяни воситаҳои ниҳодӣ, меъёрӣ ва расмиятӣ мавҷуд аст, ки татбиқи онро дар амал таъмин менамоянд» [57, с. 91–92].

Ҳамин тавр, кафолатнокии ҳуқуқу озодиҳо дар паҳлуи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ маънои на танҳо эътирофи расмии онҳо, балки таъмини воқеии амалишавии онҳоро тавассути фаъолияти роҳҳалҳои самарабахши ҳимояи ҳуқуқӣ дорад. Ба чунин роҳҳалҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалияи судӣ ва маъмурӣ, фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ, инчунин падидаҳои барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда дохил мешаванд. Аз ин рӯ, муқаррароти конститутсионӣ на танҳо арзиши ҳуқуқӣ, балки аҳаммияти амалӣ низ пайдо намуда, ба воситаи воқеии ҳифзи ҳуқуқии шахс дар шароити давлати ҳуқуқбунёд табдил меёбанд.

Ин мавқеъ дар м.17 Конститутсияи ҶТ сабт ёфтааст, ки тибқи он давлат уҳдадор аст ҳуқуқу озодиҳои ҳар як шахсро новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, дин, андешаи сиёсӣ, сатҳи маърифат, мавқеи иҷтимоӣ ва амволӣ кафолат диҳад [1]. Ҳамин тавр, принсипи баробарии ҳуқуқӣ ва ғайритабъиз эълон мегардад, ки асоси низоми ҳуқуқиро ташкил медиҳад ва ба эътироф ва ҳифзи шаъну шарафи инсон равона шудааст. Ҳамин тариқ, муқаррароти ин меъёри конститутсионӣ афзалияти бунёдиро дар низоми сиёсати давлатӣ собит месозад: таъмини ҳифз ва амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд. Ин афзалият ҳамчун самтнамо барои тамоми низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ хизмат мекунад ва самтҳои асосии фаъолияти онҳоро муайян менамояд. Амалӣ шудани ҳуқуқҳои дар Конститутсия муқарраршуда на танҳо нишондиҳандаи самаранокии сиёсати давлатӣ, балки меъёри баҳогузории дараҷаи демократии низоми сиёсӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Маҳз сатҳи воқеии татбиқи ҳуқуқҳои инсон имкон медиҳад,

ки мо табиати ҳақиқии ҳуқуқӣ ва иҷтимоии давлатро, инчунин андозаи садоқати онро ба принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд ва пешрафти иҷтимоӣ муайян намоем [170, с. 104].

Дар навбати худ, моҳияти принсипи конститутсионии давлати иҷтимоӣ тавассути таҳлили меъёрҳое ошкор мегардад, ки ба ҳуқуқҳои насли дуюм – ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ марбутанд. Ин ҳуқуқҳо ба ноил гардидан ба адолати иҷтимоӣ ва фароҳам овардани беҳбудии моддии шаҳрвандон равона шудаанд. Принсипи мазкур тавассути муқаррар намудани низоми ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва роҳҳали кафолатҳои ҳуқуқии амалӣ намудани онҳо татбиқ мегардад. Илова бар ин, он дар талаботи мушаххаси Конститутсия нисбат ба салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, тартиби расмии қабули қарорҳо ва интишори санадҳо, ки ба соҳаи иҷтимоӣ дахл доранд, таҷассум меёбад [140, с. 63].

Бояд қайд кард, ки дар илми ҳуқуқии ватанӣ дарки муосири моҳияти ҳуқуқҳои иҷтимоӣ аз доираи фаҳмиши анъанавии онҳо ҳамчун уҳдадориҳои якҷонибаи давлат берун меравад. Муаллифони ватанӣ беш аз пеш ба табиати дуҷонибаи ин ҳуқуқҳо ишора менамоянд: аз як тараф, онҳо давлатро вазифадор месозанд, ки шароити зарурирo барои амалӣ гардидани онҳо фароҳам оварад; аз ҷониби дигар, онҳо иштироки фаъоли худи шаҳрвандонро дар расидан ба ҳадафҳое, ки ба таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ вобастаанд, дар назар доранд [93, с. 90–101; 138, с. 83–90]. Ҳамин тариқ, сухан дар бораи тарҳи ҳамкоронаи татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ меравад, ки дар доираи он амалӣ гардидани ин ҳуқуқҳо натиҷаи талошҳои муштараки давлат ва ҷомеа мегардад.

Фароҳам овардани неъматҳо ва хизматрасониҳои моддӣ барои шаҳрвандон дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, бешубҳа, яке аз вазифаҳои муҳимми давлат ба шумор меравад. Бо вуҷуди ин, моҳияти ҳуқуқҳои иҷтимоӣ танҳо ба гирифтани кумакҳои иҷтимоии давлатӣ маҳдуд намешавад. Шаҳрвандон, ки дорои мақоми ҳуқуқии субъектони ҳуқуқҳои иҷтимоӣ мебошанд, ҳамзамон ҳамчун иштирокчиёни фаъол дар раванди татбиқи онҳо

баромад мекунанд, аз ҷумла тавассути фаъолияти меҳнатӣ, ғамхорӣ нисбат ба саломатии худ, гирифтани маълумот, ҷамъоварии сармояи нафақавӣ ва дигар амалҳо. Ҳамин тавр, шаъну шарафи шахс дар шароити давлати иҷтимоӣ тавассути иштироки огоҳона ва фаъолонаи шаҳрвандон дар раванди ташаккули сифати зиндагии худ амалӣ мегардад [102, с. 78]. Аз ин нуқтаи назар, яке аз вазифаҳои калидии давлати иҷтимоӣ таъин ва таъмин намудани меъёрҳои ҳадди ақалли зиндагии шоиста мебошад, ки нисбат ба ҳамаи қишрҳои аҳолӣ татбиқшавандаанд. Ин меъёрҳо ҳам дар меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва ҳам дар санадҳои қонунгузории амалкунанда, ки сатҳи ҳадди ақалли даромад, кумакҳои иҷтимоӣ, таъминоти тиббӣ ва таълимиро муайян мекунанд, муқаррар мегарданд. Бо вуҷуди ин, мазмуни воқеии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, ки аз ин меъёрҳои ҳадди ақал фаротар меравад, дар бисёр мавридҳо аз фаъолият, қобилият ва омодагии худи шаҳрвандон вобаста аст, яъне аз он, ки то чӣ андоза онҳо имкониятҳои аз ҷониби давлат фароҳамовардашударо самаранок истифода мебаранд.

Дар доктринаи илмии ҳуқуқии ватанӣ зери мафҳуми «кафолатҳои ҳуқуқҳои иҷтимоӣ» маҷмуи шартҳо, воситаҳо ва роҳҳалҳое фаҳмида мешаванд, ки на танҳо муқаррар гардидани ҳуқуқҳои иҷтимоиро дар заминаи ҳуқуқӣ таъмин менамоянд, балки дастрасӣ ва ҳифзи воқеии онҳоро низ кафолат медиҳанд. Ин кафолатҳо ҳам омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ-ҳуқуқии объективиро дар бар мегиранд, ҳам воситаҳои махсуси ҳуқуқиро ба монанди меъёрҳои ҳуқуқӣ, тартиботи татбиқи қонун, фаъолияти мақомоти ваколатдор, инчунин шаклҳои ҳимояи судӣ ва маъмурии ҳуқуқҳои поймолшудаи иҷтимоӣ. [158, с. 203-220; 57, с. 91-92].

Тавре муҳаққиқ Е.Н. Хазов таъкид мекунад, «самаранокии татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ҳамчун як раванди ҳуқуқии танзимшуда, то ҳадди зиёд аз мавҷудият ва ҳамкории омилҳои гуногун вобаста аст: суботи иқтисодӣ, иродаи сиёсӣ, ҳамкории иҷтимоӣ, сатҳи фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ва самаранокии роҳҳалҳои ҳуқуқии ҳимоя. Маҳз маҷмуи ҳамин омилҳо имкони воқеии ҳар як шахсро барои истифодаи неъматҳое, ки муҳтавои ҳуқуқҳои

иҷтимоии ӯро ташкил медиҳанд, муайян месозад». [171, с. 32].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми кафолатҳои ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифтааст. Дар доираи шарҳи илмии он муҳаққиқон чанд сатҳи муҳтавои ин мафҳумро ҷудо мекунанд. Аввалан, он ҳамчун ҳуқуқи умумии инсон ба зиндагии шоиста ва рушди озоди шахсият шарҳ дода мешавад ва ҳамчун ҳуқуқи иҷтимоии асосӣ ва ҳамгиро амал мекунад, ки маҷмуи дигар ҳуқуқҳои мушаххастарро дар бар мегирад. Дувум, ҳуқуқҳои иҷтимоии ҳосила ё мушаххастар мавҷуданд, ба мисли ҳуқуқ ба музди адолатноки меҳнат, ҳуқуқ ба баҳсҳои инфиродӣ ва коллективии меҳнатӣ, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва шароити бехатари меҳнат, ҳуқуқ ба манзил ва ҳуқуқ ба таъминоти нафақавӣ ва дигар шаклҳои дастгирии иҷтимоии давлатӣ. Ин ҳуқуқҳоро метавон ҳамчун унсурҳои сохтории ҳуқуқи умумии иҷтимоӣ баррасӣ кард, яъне ҳамчун роҳҳалҳои амалӣ намудани он. Онҳо дар бобҳо ва моддаҳои дахлдори Конститутсияи мамлакат муқаррар гардидаанд ва на танҳо ба эътирофи расмӣ, балки ба низоми самарабахши кафолатҳое ниёз доранд, ки муҳтавои воқеӣ ва татбиқи амалии онҳоро таъмин намоянд [71, с. 170].

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки сиёсати ҳуқуқӣ-конститутсионии давлати иҷтимоӣ бояд ба ташаккули низоми мутавозин ва воқеӣ равона карда шавад, ки на танҳо эълони расмии ҳуқуқҳои иҷтимоиро таъмин менамояд, балки амалӣ гардидани воқеии онҳоро дар шароити суботи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ кафолат медиҳад. Ин вазифа ҳам танзими самараноки меъёрӣ ва ҳам мавҷудияти падидаҳои устувори татбиқ ва назорати иҷрои ӯҳдадориҳои иҷтимоиро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, татбиқи пурраи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ бе ҳамгироии кӯшишҳои давлат ва ҷомеа ғайриимкон аст. Танҳо дар шароити муҳити ҳуқуқӣ ва иҷтимоие, ки фаъолият ва масъулияти шаҳрвандонро ташвиқ мекунад, эҳсоси ҳамбастагӣ ва ӯҳдадории мутақобиларо ташаккул медиҳад, метавон дар бораи роҳҳали устувори татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ҳамчун унсури муҳимми низоми ҳуқуқӣ ва иҷтимоии муосир сухан гуфт.

Ба ин ҷанба хоссатан таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷалб карда мешавад. Чунон ки дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 21 декабри соли 2021 таъкид намуданд: «Ҳалли саривақтии масъалаҳои иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста барои мардум, аз ҷумла тавассути эҷоди мунтазами ҷойҳои нави корӣ, зиёд намудани ҳаҷми даромади аҳолӣ, боло бурдани музди меҳнат, нафақа ва стипендияҳо, яке аз вазифаҳои муҳимтарин дар ин давра ба шумор меравад» [175].

Дар миёни гурӯҳи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, ки дар Конститутсияи давлатҳо муқаррар гардидаанд, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ аз нуқтаи назари таъмин намудани кафолатҳо мақоми муҳимтаринро ишғол мекунад. Тавре ки Б.Н. Алейников зикр мекунад, «таъминоти иҷтимоӣ низоми тадбирҳои иҷтимоию иқтисодиест, ки таъмини моддии шаҳрвандонро дар пирӣ, дар давраи нотавонии муваққатӣ, ҳангоми аз даст додани саробони оила, инчунин таъмин кардани онҳо бо кумакпулиҳо ва имтиёзҳо барои занон-модарон, оилаҳое, ки даромади миёнаи аҳли хонаводаашон паст аст ва дигар гурӯҳҳои осебпазир кафолат медиҳад.» [77, с. 6].

Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ мафҳуми «кафолатҳои ҳуқуқи инсон» бо таърифҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Таҳлили мавқеъҳои мавҷуда имкон медиҳад, ки онҳоро ба якчанд гурӯҳ тақсим намоем:

– кафолатҳо ҳамчун шароит ва воситаҳои таъмини ҳуқуқи инсон;

– кафолатҳо ҳамчун воситаҳои амалигардонии ҳуқуқ;

– кафолатҳо ҳамчун пайванди байни ҳуқуқ ва имконияти воқеии татбиқи он;

– кафолатҳо ҳамчун шароити рафъи монеаҳо дар роҳи амалӣ гардидани ҳуқуқҳо.

Ин гурӯҳбандӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми кафолатҳо хусусияти бисёрсамтӣ дошта, на танҳо воситаҳои ҳуқуқӣ, балки заминаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро низ дар бар мегирад, ки барои ҳифз ва татбиқи

самараноки ҳуқуқҳои иҷтимоӣ заруранд.

Мавқеи бештар паҳншуда дар илм фаҳмидани мафҳуми кафолатҳо ҳамчун шароит ва воситаҳои таъмин намудани ҳуқуқҳои инсон мебошад. Тавре ки Л.Д. Воеводин қайд мекунад, «кафолатҳо аз ибтидо ҳамчун кафилшавӣ ва маҷмуи шароитҳое фаҳмида мешаванд, ки амалӣ гардидани ҳуқуқ ва озодиҳоро таъмин менамоянд» [25, с. 221]. Ба андешаи ӯ, «бештар аз ҳама ҳуқуқҳо ва озодиҳо ба кафолат ниёз доранд, зеро онҳо унсури фаъолтарини мақоми ҳуқуқии шахсият ба шумор мераванд. Амалӣ намудани онҳо на танҳо муҳити мусоид, балки фаъолияти фаъоли давлат, мақомоти он, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва худи шаҳрвандонро тавассути воситаҳои самараноки ҳуқуқӣ тақозо мекунад» [25, с. 221]. Дар илми ҳуқуқии ватанӣ ин мавқеъ аз ҷониби А.И. Имомов низ ҷонибдорӣ шудааст, ки таъкид менамояд: кафолатҳо ҳамчун як низоми мукаммали ҳуқуқӣ амал мекунанд, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятиро ба самти таъмини шароит барои татбиқи воқеии ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд равона месозанд [41, с. 387].

Дар доираи равиши сеюм, муаллифон ба нақши пайвандкунандаи кафолатҳо дар раванди танзим ва татбиқи ҳуқуқҳои инсон таваҷҷуҳ медиҳанд [34, с. 141]. Дар ин замина, кафолатнокии ҳуқуқ ва озодии инсон маънои таъмин намудани соҳибӣ ва истифодаи воқеии онҳоро дорад. Ин равиш нақши функсионалии кафолатҳоро дар аз байн бурдани тафовут байни муқаррароти меъёрӣ ва амалӣ гардидани воқеии ҳуқуқҳо муайян менамояд.

Равиши охирин ҷанбаи пешгирикунанда ва таъминкунандаи кафолатҳои ҳуқуқи инсонро ифшо менамояд. Н.И. Матузов ва А.В. Малко кафолатҳои ҳуқуқи инсонро «чун шароите, ки амалӣ гардидани ҳар як ҳуқукро таъмин намуда, монеаҳо ва ғавғоҳои эҳтимолиро аз миён мебарад ё аз ба вуҷуд омадани онҳо ҷилавгирӣ мекунад», муайян намудаанд. Ба андешаи онҳо, моҳияти кафолатнокии ҳуқуқӣ «дар мусоидати васеъ ба субъект, дар озодии амал ва дар бартараф намудани ҳар он чизе, ки амалӣ гардидани қоидаҳои ҳуқуқиро маҳдуд месозад», зоҳир мегардад [51].

Дар асоси ҳамаи гуфтаҳои боло, метавон ба чунин хулоса омад, ки зери мафҳуми кафолатҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд маҷмуи шароитҳои объективӣ ва субъективӣ, омилҳо ва воситаҳое фаҳмида мешаванд, ки ба татбиқи пурраи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс мусоидат мекунанд. Ба чунин кафолатҳо заминаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва ташкилии таъмини ҳуқуқҳо, инчунин усулҳо ва шаклҳои ҳифзи ҳуқуқӣ дохил мешаванд, ки бартарафсозии монеаҳо дар роҳи амалӣ гардидани ҳуқуқҳо ва вокуниши самаранок ба эҳтимоли поймолшавии онҳоро таъмин менамоянд. Ба ибораи дигар, кафолатҳо ҳамчун пояи низомӣ баромад мекунанд, ки на танҳо муқаррароти ҳуқуқии ҳуқуқҳоро таъмин менамоянд, балки дастрасии воқеии онҳоро дар шароити мушаххаси зиндагӣ таъмин мекунанд.

Аҳаммияти калон дар таҳқиқи кафолатҳои ҳуқуқи инсон ба масъалаи гурӯҳбандии онҳо дода мешавад, ки дар доираи ҳуқуқи инсон дорои чанд асоси назариявӣ мебошад. Гурӯҳи муҳаққиқон кафолатҳоро вобаста ба тарзи муқаррар ва таъмин гардидан ба навъҳои зерин ҷудо мекунанд: меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ташкилӣ-ҳуқуқӣ, мурофиавӣ ва судӣ [145, с. 120-123]. Дар навбати худ, О.В. Белянская мувофиқи сатҳи танзими ҳуқуқӣ кафолатҳоро ба байналмилалӣ ва миллӣ тақсим мекунад. Ба андешаи ӯ, «кафолатҳои миллӣ низоми воситаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки ҳифзи бевоситаи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро таъмин менамоянд. Онҳо, пеш аз ҳама, дар Конститутсияи кишвар ва дар санадҳое, ки дорои аҳаммияти конститутсионӣ доранд, муқаррар карда мешаванд. Кафолатҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ин тадбирҳои ҳамгироии ҷомеаи ҷаҳонӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва идеологӣ мебошанд, ки ба ҳифз ва муҳофизати ҳуқуқи шахс равона гардидаанд. Ба низоми сиёсӣ-ҳуқуқии кафолатҳои байналмилалӣ аз ҷумла ЭУҲБ, ПБҲИИФ, ПБҲШС ва дигар санадҳои байналмилалӣ дохил мешаванд» [84, с. 42-44]. Ҳамчунин, як қатор муаллифон кафолатҳоро вобаста ба аломати субъектӣ ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд: кафолатҳои давлатӣ, кафолатҳои аз ҷониби ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва кафолатҳои инфиродӣ [92, с. 171-181].

Ҳамзамон, маъмултарин гурӯҳбандии кафолатҳои ҳуқуқҳои субъективии инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, тақсимоти онҳо вобаста ба хусусият ва соҳаи амал мебошад: ба умумӣ (сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва идеологӣ) ва махсус (ҳуқуқӣ). Тавре ки И.Н. Кирякова қайд мекунад, «зери мафҳуми кафолатҳои ҳуқуқ ва озодиҳо метавон низоми шароитҳои сиёсӣ, иқтисодӣ (моддӣ), идеологӣ (ғоявӣ), воситаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ фаҳмид, ки ба сатҳи рушди ҷомеа ва давлат мутобиқ буда, ҳуқуқ ва озодиҳои дар қонун муқарраргардидаҳоро ба воқеият табдил медиҳанд» [106, с. 145].

О.С. Мозолева ба таври дуруст зикр менамояд, ки «дар сохтори кафолатҳои умумии ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, зарур аст кафолатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва идеологӣ ҷудо карда шаванд. Ин кафолатҳо маҷмуи омилҳои гуногунтабиатро дар бар мегиранд, ки шароит ва заминаҳои имконпазирро барои татбиқи ин ҳуқуқҳо дар марҳалаи муайяни рушди ҷомеа ва давлат фароҳам меоранд» [120, с. 54-59]. Ба хусусияти хос ва аҳаммияти кафолатнокии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ муҳаққиқи ватанӣ А.М. Диноршоев низ ишора мекунад. Ӯ зикр менамояд, ки «ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, чун ҳуқуқҳои барномавӣ, низоми махсуси таъминот ва ҳифзро талаб менамоянд» [158, с. 171].

Ҳамин тавр, кафолатҳои умумӣ низоми шароитҳои асосиро ташкил медиҳанд, ки воқеияти ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон ва шаҳрвандро таъмин менамоянд. Зиёда аз ин, онҳо шарти муҳимме барои ташаккули ангеза ва ҳавасмандии шахсият дар самти татбиқи ин ҳуқуқҳо мебошанд. Тавре ки қаблан зикр гардид, ин падида одатан ба кафолатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва идеологӣ тақсим карда мешавад.

Кафолатҳои сиёсӣ унсури ҷудонашаванда ва муҳимтарини роҳҳали татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб мераванд. Моҳият ва мазмуни онҳо бо вазъи низоми сиёсии ҷомеа, сатҳи камолоти ниҳодӣ ва самти рушди сиёсии давлат ҳамчун ниҳоди

марказии ҳокимияти ҷамъиятӣ муайян мегардад. Аз ин лиҳоз, дуруст аст, ки гуфта шавад: кафолатҳои сиёсӣ наметавонанд ҳамчун падидаи ҷудогона баррасӣ шаванд онҳо дар робитаи табиӣ бо самти сиёсати давлатии кишвар, хусусияти фаъолияти низоми ҳокимияти давлатӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, бахусус дар соҳаҳои меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ташаккул ва амал мекунанд.

Ба самти мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 28 декабри соли 2024 таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд. Хусусан, қайд карда шуд, ки «ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сиёсати давлатии Тоҷикистон мавқеи махсус дорад. Бо мақсади дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҳар сол афзоиш меёбад. Дар ин замина, Ҳукумати кишвар мунтазам тадбирҳои заруриро барои ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани музди меҳнат, нафақа ва стипендияҳо, инчунин зиёд намудани даромадҳои пулии аҳолӣ амалӣ месозад» [177].

Дар ҳамин ҳол, аҳаммияти махсус он аст, ки кафолатҳои сиёсӣ дар Конститутсия ҷойи муқаррарии худро пайдо менамоянд. Маҳз Конститутсия самтҳои стратегии рушди ҷомеа ва давлатро муайян намуда, уфуқҳои ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва иҷтимоиро муайян месозад, инчунин ҳудуд ва мазмуни уҳдадориҳои давлатро дар назди шаҳрвандон муқаррар мекунад. Бо ин васила, кафолатҳои сиёсӣ на танҳо ҳамчун идеали сиёсӣ-ҳуқуқӣ, балки ҳамчун уҳдадории давлат барои таъмини адолати иҷтимоӣ, баробарӣ ва ҳифзи қишрҳои осебпазири аҳолӣ баромад мекунанд.

Ҳамчун кафолатҳои сиёсии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ меъёрҳои асосии конститутсионӣ баромад менамоянд, ки дар онҳо зикр гардидааст:

• принсипи сохтмони давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва иҷтимоӣ (м.1 Конститутсия), ки волоияти қонун, авлавияти ҳуқуқ ва озодиҳои шахсият, инчунин уҳдадории давлатро дар самти таъмини онҳо пешбинӣ менамояд;

• озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ (м.12 Конститутсия), ки

барои татбиқи қобилиятҳо ва малакаҳои шаҳрвандон дар соҳаи меҳнат ва фаъолияти хоҷагидорӣ замина фароҳам меорад;

• эътироф ва ҳифзи шаклҳои гуногуни моликият (м.12 Конститутсия), ки пояи рушди устувори иқтисодии ҷомеаро таъмин намуда, заминаҳои моддии таъминоти иҷтимоии шаҳрвандонро ташкил медиҳад.

Меъёрҳои зикршуда, ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар маҷмуъ амал намуда, заминаи низомиро барои расидан ба сатҳи шоистаи зиндагӣ аз ҷониби ҳар як инсон фароҳам меоранд, ки ба дониш, малакаҳои касбӣ ва имкониятҳои инфиродии ӯ мувофиқат дорад. Зиёда аз ин, онҳо ба ташаккули муҳити суботи сиёсӣ ва ҳимояи иҷтимоӣ дар ҷомеа мусоидат менамоянд, ки на танҳо қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аввалиндараҷаи зиндагии шахсро таъмин мекунад, балки инчунин шароити рушди ҳамаҷонибаи оила ва таҳкими мақоми иҷтимоии онро фароҳам месозад.

Аз ин рӯ, кафолатҳои сиёсии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун омили низомсоз амал намуда, ҳамкории устувори давлат ва ҷомеаро дар соҳаи татбиқи сиёсати иҷтимоӣ таъмин менамоянд. Аҳаммияти онҳо на танҳо дар муқаррар намудани уҳдадориҳои конститутсионии давлат нисбат ба шаҳрвандон ифода меёбад, балки инчунин дар ташаккули заминаҳои ниҳодии мустаҳкам барои расидан ба ҳадафҳои давлати иҷтимоӣ, ки дар таъмини адолати иҷтимоӣ, баробарӣ ва сатҳи шоистаи зиндагӣ барои ҳар як узви ҷомеа таҷассум меёбанд.

Кафолатҳои иқтисодӣ ҷузъи муҳимми низоми умумии кафолатҳои ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шахсиятро ташкил медиҳанд. Моҳияти онҳо дар ташаккули пояи моддии ҷомеа ифода меёбад, ки бе он амалӣ ва ҳифзи пурраи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд ғайриимкон мегардад. Ин навъи кафолатҳо бо ҳолат ва динамикаи рушди иҷтимоию иқтисодии давлат, сатҳи камолоти ниҳодҳои бозорӣ, инчунин бо самаранокии роҳҳали ҳуқуқии танзими муносибатҳои молумулкӣ ва хоҷагидорӣ зич алоқаманд мебошад.

Самтҳои конститутсионии кафолатҳои иқтисодӣ дар м.12 Конститутсияи ҶТ муқаррар гардидаанд, ки асосҳои иқтисодии давлатро

муайян мекунад. Хусусан, дар он принсипи рушди муносибатҳои бозорӣ, озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва гуногуншаклии моликият эътироф ва мустаҳкам карда шудаанд. Ин меъёрҳо гувоҳи онанд, ки қонунгузори конститутсионӣ соҳаи иқтисодиро ҳамчун пояи асосии фаъолияти тамоми низоми ҷамъиятӣ ва шарти таъмини воқеии ҳуқуқҳои шахсият арзёбӣ менамояд.

Муҳим он аст, ки кафолатҳои иқтисодӣ вазифаи дугона доранд. Аз як тараф, онҳо шароити объективиро барои татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, бахусус ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ фароҳам меоранд, зеро пояи моддии ҷомеа имкониятҳои давлатро дар самти тақсими захираҳо ва расонидани кумаки иҷтимоӣ муайян мекунад. Аз тарафи дигар, онҳо мақоми ҳуқуқии шахсиятро тақвият дода, ҳимояи манфиатҳои молумулкии ӯ, озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва меҳнатиро кафолат медиҳанд.

Аз ин лиҳоз, кафолатҳои иқтисодии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ маҷмуи мураккаби меъёрҳо ва ниҳодҳо мебошанд, ки тавозуни манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шахсиятро таъмин менамоянд. Рушди онҳо такмили пайвастаи роҳҳалҳои бозорӣ, таъмини озодии иқтисодӣ ва фароҳам овардани шароит барои зиндагии шоистаи ҳар як шаҳрвандро дар назар дорад.

Кафолатҳои иҷтимоӣ унсури асосии низоми ҳифз ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсонро ташкил медиҳанд ва ба мақоми ҳуқуқии шахсият самти инсонгароёна ва муҳтавои арзишманд мебахшанд. Бархилофи кафолатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, онҳо бештар бо таъмини адолати иҷтимоӣ ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти асосии инсон иртиботи мустақим доранд, ки ба онҳо дар сохтори давлати ҳуқуқии муосир аҳаммияти хосса мебахшад.

Дар моҳияти худ кафолатҳои иҷтимоӣ ба принсипҳои адолат, баробарӣ ва ҳамбастагии иҷтимоӣ такя мекунанд, ки ҳамчун меъёрҳои калидӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоии давлатӣ баромад менамоянд. Принсипи адолат тақсими баробари неъматҳои иҷтимоиро мувофиқи шоистагӣ ва эҳтиёҷоти шахсият дар назар дорад; баробарӣ дар таъмини имкониятҳои баробар барои ҳамаи шаҳрвандон, сарфи назар аз мавқеи

иҷтимоии онҳо ифода меёбад; ва ҳамбастагии иҷтимоӣ масъулияти коллективии ҷомеа ва давлатро барои дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ инъикос мекунад.

Вазифаи асосии кафолатҳои иҷтимоӣ дар фароҳам овардани шароити мусоид барои амалӣ гардидани пурраи қобилияти шахсият ва ҷомеа дар маҷмуъ ифода меёбад. Онҳо ба ташаккули чунин ниҳодҳо ва роҳҳалҳои иҷтимоӣ мусоидат менамоянд, ки барои инсон сатҳи шоистаи зиндагӣ, суботи иҷтимоӣ ва итминон ба фардо таъмин менамоянд. Ин ҳолат дар кафолатҳои ҳуқуқ ба меҳнат, таҳсилот, ёрии тиббӣ, таъминоти нафақавӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва дигар намудҳои дастгирии иҷтимоӣ таҷассум меёбад. [49, с. 252]

Кафолатҳои иҷтимоӣ ҳамчун як навъ «пайванди миёна» байни муқаррароти ҳуқуқии Конститутсия ва роҳҳалҳои амалии татбиқи онҳо баромад мекунанд. Онҳо ба меъёрҳои конститутсионӣ мазмуни воқеӣ мебахшанд ва онҳоро ба воситаи самараноки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсият табдил медиҳанд. Зиёда аз ин, кафолатҳои иҷтимоӣ нишондиҳандаи самти инсонгароёнаи сиёсати давлатӣ мебошанд, зеро маҳз тавассути онҳо дараҷаи иҷтимоиятгароии давлат ва сатҳи масъулияти он дар назди шаҳрвандон ифода меёбад.

Бо ин тарз, кафолатҳои иҷтимоӣ на танҳо ҳифзи ҳуқуқии шахсиятро таҳким мебахшанд, балки муҳити иҷтимоии устувореро ташаккул медиҳанд, ки дар он ҳар як инсон имкони амалӣ намудани қобилиятҳо ва захираҳои худро барои расидан ба зиндагии шоиста дорад. Аҳаммияти онҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо тавозуни манфиатҳои шахсият ва ҷомеаро таъмин намуда, эътимоди шаҳрвандонро ба давлат тақвият мебахшанд ва барои рушди мутаносиби соҳаи иҷтимоӣ замина фароҳам меоранд.

Кафолатҳои идеологӣ самти муҳимми таъмини амалӣ гардидани ҳуқуқҳои конститутсиониро ташкил медиҳанд, зеро онҳо бо ташаккули низоми арзишҳо, тамоюлҳои ҷаҳонбинӣ ва мавқеъҳои иҷтимоии шахсият алоқамананд. Моҳияти онҳо дар он аст, ки онҳо пояи маънавию ахлоқии

фаъолияти давлат ва ҷомеаро таъмин намуда, ба ҳамгироии шаҳрвандон дар як ҷомеаи иҷтимоии ягона ва таҳкими ҳамбастагӣ байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мусоидат менамоянд.

Асоси кафолатҳои идеологӣ дар дарки аз ҷониби инсон доштани робитаи ҷудонашавандаи ӯ бо давлат ва ҷомеа, инчунин дар фаҳмиши ҳадафҳо, мушкилот ва душвориҳои умумии рушди таърихӣ ифода меёбад. Ин гуна муносибат ҳувияти шаҳрвандии устувореро ташаккул медиҳад, ки дар он шахс на танҳо ҳамчун соҳиб ва кафили ҳуқуқу озодиҳои инфиродӣ, балки ҳамчун узви ҷомеа, ки дар назди давлат ва ҷамъият уҳдадориҳои муайян дорад, дарк мегардад.

Аҳаммияти махсус кафолатҳои идеологӣ дар шароити тағйироти босуръати иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ пайдо мекунанд. Онҳо нақши устуворсозандаи муносибатҳои ҷамъиятиро иҷро намуда, пояи эътимоди шаҳрвандонро ба ниҳодҳои ҳокимият мустаҳкам мекунанд, фаъолияти иҷтимоӣ ва масъулияти онҳоро ташвиқ менамоянд. Тавассути низоми арзишҳои идеологӣ чунин самтҳо ташаккул меёбанд, мисли эҳтиром ба қонун, эътирофи авлавияти ҳуқуқи инсон, ҳамбастагӣ ва ёрии мутақобила, ки дар натиҷа давлати иҷтимоиро тақвият мебахшанд.

Илова бар ин, кафолатҳои идеологӣ бо рушди шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ робитаи зич доранд. Маҳз онҳо дар шуури шаҳрвандон дарки аҳаммияти падидаҳои ҳуқуқӣ ва роҳҳалҳои ҳифзи онҳоро ташаккул дода, боварӣ ба адолат ва самаранокии сиёсати давлатиро таҳким мебахшанд. Аз ин ҷиҳат, кафолатҳои идеологиро метавон ҳамчун пояи рушди устувори ҷомеаи демократӣ арзёбӣ намуд, зеро онҳо омодагии ботинии шаҳрвандонро барои иштирок дар татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии давлат муайян мекунанд.

Аз рӯйи гуфтаҳои боло, метавон хулоса кард, ки кафолатҳои идеологӣ на танҳо ба таҳкими ҳувияти шаҳрвандӣ, балки ба ташаккули масъулияти иҷтимоии шахсият мусоидат менамоянд. Онҳо ба меъёрҳои конститутсионӣ мазмуни арзишманд мебахшанд ва шароит фароҳам меоранд, то манфиатҳои

шахсӣ ва ҷамъиятӣ дар тавозуни ҳамоҳанг қарор гиранд. Аҳаммияти онҳо дар он аст, ки маҳз тавассути онҳо ҳуқуқу озодиҳои инсон маънои воқеии инсонгароёна пайдо намуда, на танҳо асосҳои ҳуқуқӣ, балки пояҳои ахлоқии зиндагии ҷомеаро инъикос мекунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки аҳаммияти кафолатҳои умумии таъмини ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар он ифода меёбад, ки дараҷаи рушди муносибатҳои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва идеологӣ воқеияти ҳуқуқу озодиҳои эълоншударо таъмин менамояд.

Барои таъмини пурра ва татбиқи амалии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, нақши асосиро кафолатҳои ҳуқуқӣ мебозанд. Маҳз кафолатҳои ҳуқуқӣ бевосита ҷараёни амалӣ гардидани ин ҳуқуқро таъмин менамоянд. Тавре ки О.С. Мозолева қайд мекунад, «кафолатҳои ҳуқуқии махсус бо роҳҳалҳои мушаххаси татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ вобастаанд, аз ҷумла қабулу татбиқи қонунгузории соҳавӣ, фаъолияти низоми суғуртаи иҷтимоӣ, таъминоти нафақавӣ ва дигар шаклҳои дастгирии иҷтимоӣ, инчунин дастрасии шаҳрвандон ба расмиёти маъмурӣ ва судӣ» [120, с. 54-59].

М.П. Капилский қайд менамояд, «кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ маҷмуи муайяни меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегиранд, ки амалӣ гардидани ҳуқуқ ба нафақа, кумакпулӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ, додани имтиёзҳо ва афзалиятҳо, инчунин ҳимояи ҳуқуқҳоро дар ин соҳа таъмин менамоянд» [104, с. 258].

Г.Н. Комкова дуруст таъкид мекунад, ки «кафолатҳои ҳуқуқӣ пеш аз ҳама дар ташаккули муҳити устувори ҳуқуқӣ таҷассум меёбанд, ки дар доираи он татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъмин карда мешавад. Нақши марказии давлат дар он аст, ки тавассути қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қоидаҳои дақиқ ва равшани рафторро муқаррар намояд. Ин қоидаҳо на танҳо барои шаҳрвандон, балки барои шахсони мансабдор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳатмӣ мебошанд. Дар баробари ин, муҳим аст, ки худи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд ба муқаррароти Конститутсия мутобиқат дошта, мантиқан

мувофиқ, дохилан зиддиятнок набошанд ва барои фаҳм осон бошанд» [108, с. 36].

Дар асоси гуфтаҳои мазкур, дар адабиёти илмӣ нишонаҳои калидии кафолатҳои ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд.

Аввалан, онҳо дар муайян намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва шахсони мансабдор дар соҳаи таъмини татбиқи мақоми ҳуқуқии шахсият ифода меёбанд. Ин субъектҳо бояд бо ваколатҳои зарурӣ барои ҳалли масъалаҳое, ки бо амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳимояи онҳо вобастаанд, таъмин гарданд.

Дувум, кафолатҳои ҳуқуқӣ уҳдадории мақомоти дорои салоҳият ва ташкилотҳоро дар истифодаи чораҳо ва роҳҳалҳои аз ҷониби қонун пешбинишуда, ки ба таъмини татбиқи мақоми ҳуқуқии шахсият равона шудаанд, дар назар доранд.

Сеюм, нишонаи муҳимми кафолатҳои ҳуқуқӣ муқаррар намудани ҷавобгарии мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва шахсони мансабдор барои иҷро накардан ё ба таври нодуруст иҷро намудани вазифаҳои бар дӯши онҳо гузошташуда дар соҳаи татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад.

Чорум, ба муҳтавои кафолатҳои ҳуқуқӣ уҳдадории субъектҳои ваколатдор барои андешидани чораҳо ҷиҳати барқарор кардани ҳуқуқу озодиҳои поймолгардидаи шахсият, ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ, инчунин ҷалби шахсони гунаҳгор ба ҷавобгарии ҳуқуқии мувофиқи қонун дохил мегардад [145, с. 121].

Аз ин рӯ, нишонаҳои зикршуда имкон медиҳанд, ки кафолатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун низоми ягонаи воситаҳои ҳуқуқӣ баррасӣ шаванд, ки татбиқи воқеӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин мекунанд. Онҳо на танҳо муқарраროти расмии салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро инъикос менамоянд, балки уҳдадории воқеии онҳоро барои амал кардан дар доираи қонун бо мақсади таъмини мақоми

ҳуқуқии шахсият низ муайян мекунанд.

Аҳаммияти хосса дар он аст, ки кафолатҳои ҳуқуқӣ на танҳо тадбирҳои мусбатро (эҷоди шароит барои татбиқи ҳуқуқҳо), балки роҳҳалҳои ҳифзкунанда (муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳо ва барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда)-ро низ дар бар мегиранд. Дар маҷмуъ, ин нишонаҳо низоми устувори ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои инсон на ҳамчун арзишҳои эълоншуда, балки ҳамчун арзишҳои воқеан таъминшаванда, ки таҳти ҳимояи давлат ва ҷомеа қарор доранд, амал мекунанд.

Бешубҳа, кафолатҳои ҳуқуқӣ дар роҳҳали татбиқ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҷойгоҳи калидӣ доранд. Аҳаммияти онҳо дар он ифода меёбад, ки мавҷудияти қонунгузории рушдёфта ва самаранок имкон медиҳад, ки ниёзҳои гуногуни шахсият ва ҷомеа қонеъ гарданд. Дар ҳамин ҳол, кафолати воқеии ҳуқуқ танҳо дар сурате мумкин аст, ки ҳуқуқҳои поймолгардида фавран ва пурра барқарор карда шаванд.

Аз як ҷониб, кафолатҳои ҳуқуқӣ шароити иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ташкилӣ-техникии татбиқи ҳуқуқҳоро «қонунӣ месозанд», бо ин васила муқаррароти меъёрии онҳоро таъмин менамоянд. Аз ҷониби дигар, онҳо ҳамчун воситаҳои мустақили ҳуқуқӣ амал карда, маҷмуи умумӣ ва махсуси шароитҳои таъмини амалисозӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсро дар бар мегиранд.

Адабиёти илмӣ аз кӯшиши муҳаққиқон барои ба низом даровардани кафолатҳои ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад, ки онҳо вобаста ба вазифа ва таъиноти функсионалии худ гурӯҳбандӣ мешаванд. Дар ин замина, бисёр муаллифон миёни кафолатҳои татбиқи ҳуқуқҳо ва кафолатҳои ҳифзи онҳо фарқ мегузоранд.

Ба андешаи Е.Н. Хазов, кафолатҳои татбиқ ба он равона шудаанд, ки шаҳрвандон имкони истифодаи ҳуқуқҳои худ, иҷрои уҳдадориҳо ва ҷалб шудан ба ҷавобгариро танҳо дар доираи қонун дошта бошанд. Дар ҳоле ки кафолатҳои ҳифз асосан дар ҳолати поймол гардидани мақоми ҳуқуқии шахс

ё ба вуҷуд омадани монеаҳо дар роҳи татбиқи он ба амал медароянд [144, с. 141-142].

Мавқеи монандро Г.Н. Комкова низ баён менамояд. Ба андешаи ӯ, кафолатҳои ҳуқуқӣ, аввалан, пояи қонунгузорие мебошанд, ки ба шаҳрвандон на танҳо имкони амалӣ кардани ҳуқуқҳои худро, балки имкони ҳимояи онҳоро тавассути мақомоти давлатӣ фароҳам меоранд; дуюм, онҳо технологияи махсуси ҳуқуқиро дар бар мегиранд, ки ба ҳимояи ҳуқуқи шахсият нигаронида шудаанд. Ӯ шароите, ки татбиқи қонунии ҳуқуқҳоро таъмин мекунанд (кафолатҳои татбиқ), аз воситаҳои ҳифзи онҳо (кафолатҳои ҳифз) ҷудо менамояд [108, с. 36].

Ба гурӯҳи аввал меъёрҳое дохил мешаванд, ки ҳадди ҳуқуқу озодиҳоро муайян карда, онҳоро дар қонунгузории соҳавӣ мушаххас месозанд; воқеаҳои ҳуқуқие, ки бо ба вуҷуд омадан ва истифодаи ҳуқуқҳо алоқамананданд; шаклҳои мурофиавии татбиқи онҳо, инчунин тадбирҳои ташвиқотӣ ва имтиёзҳое, ки амаликунии ташаббускорона ва қонунии ҳуқуқҳоро ҳавасманд мекунанд.

Гурӯҳи дуюм бошад, роҳҳалҳо ва ниҳодҳои ҳимояро дар бар мегирад: контрол ва назорати конститутсионӣ, тадбирҳои ҷавобгарӣ барои поймол кардани ҳуқуқи шахсият, шаклҳои мурофиавии татбиқи назорат ва баррасӣ, воситаҳои пешгирӣ ва профилактикаи ҳуқуқвайронкунӣ, инчунин дигар роҳҳои аз ҷониби қонун муқарраргардидаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, кафолатҳои ҳуқуқиро метавон ҳамчун низоми дуҷониба тавсиф намуд, ки дар он, аз як тараф, танзими меъёрӣ, ки ҳудуд ва шароити татбиқи қонунии ҳуқуқҳоро муайян мекунад, ва аз тарафи дигар, роҳҳалҳои барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолгардида ва ҷалби шахсони гунаҳкор ба ҷавобгарӣ муттаҳид мегарданд. Ин гуна сохтор якпорчагӣ ва самаранокии роҳҳали ҳуқуқии ҳимояи шахсро дар давлатҳои муосир таъмин менамояд.

Аз ин рӯ, кафолатҳои ҳуқуқӣ на танҳо як унсури низоми умумии воситаҳои ҳуқуқӣ мебошанд, балки инчунин шарти асосии фаъолияти

давлати ҳуқуқбунёдро ташкил медиҳанд. Онҳо тавозуни байни эълони ҳуқуқҳо ва татбиқи воқеии онҳоро таъмин намуда, фаъолияти қонунгузорӣ, амалияи татбиқи ҳуқуқ ва роҳҳалҳои ҳимояро ба ҳам мепайванданд, ки ба онҳо дар низоми арзишҳои конститутсионӣ аҳаммияти махсус мебахшад.

Конститутсияи ҶТ асосҳои бунёдии кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро муқаррар менамояд. Кафолатҳои умумӣ дар муқаррароти боби якуми Конститутсия ифода ёфтаанд, ки низоми роҳҳалҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳанд ва имкони воқеии истифодаи озодонаи ҳуқуқу озодиҳои инсонро бе монеа таъмин мекунанд.

Муҳимтарин кафолатҳои конститутсионӣ дар боби 2-юми Конститутсия «Ҳуқуқҳо, озодиҳо ва уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд» муфассал баён ёфтаанд. Ба онҳо аз ҷумла инҳо дохил мешаванд: уҳдадории давлат барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ҳар як шахс; ҳуқуқ ба ҳимояи судии ҳуқуқҳои поймолшуда; таъмини ҳуқуқҳои шахсони аз ҷиноят ё аз суиистифодаи ҳокимият зарардида, аз ҷумла дастрасӣ ба адолати судӣ ва ҷуброни зарари расида; уҳдадории давлат барои ҷуброни зиён, ки аз амал (ё беамалии) ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ва мансабдорони онҳо ба вуҷуд омадааст; инчунин кафолатҳои мурофиавӣ дар соҳаи адолати судӣ.

Мавқеи махсусро дар низоми конститутсионӣ муқаррар намудани ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ишғол менамояд. Мутобиқи м.39 Конститутсияи ҶТ, ба ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҳолатҳои расидан ба синни нафақа, беморӣ, маъюбӣ, аз даст додани қобилияти меҳнатӣ, аз даст додани шахси таъминкунанда ва дигар ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст, кафолат дода мешавад. Давлат чораҳои дастгирии иҷтимоии ветеранҳои ҷанг ва меҳнат, инчунин шахсоне, ки ҳангоми ҳимояи манфиатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ саломатии худро аз даст додаанд, меандешад.

Ҳамин тавр, низоми кафолатҳои ҳуқуқӣ дар ҶТ хусусияти маҷмуӣ дорад: он ҳам принсипҳои умумии сохтори конститутсиониро ва ҳам роҳҳалҳои махсуси ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаро, аз ҷумла ҳуқуқҳои

иҷтимоиро дар бар мегирад. Ин низом ба таъмини воқеият ва самаранокии ҳуқуқҳои конститутсионӣ нигаронида шудааст, ки табиати ҳуқуқии Тоҷикистонро ҳамчун давлати иҷтимоӣ ва ҳуқуқбунёд инъикос менамояд.

Кафолатҳо дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ низоми мураккаби воситаҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ки ба таъмини амалӣ шудани воқеии ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ, ки дар м.39 Конститутсияи ҶТ муқаррар шудааст ва ба ҳимояи самараноки он равона гардидаанд.

Танзими конститутсионии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ хусусияти таъсисдиҳанда дорад, аммо самаранокии он аз мавҷудияти низоми мукаммали татбиқи ҳуқуқ вобаста аст. Танҳо муқаррар кардани меъёрҳо бидуни роҳҳали иҷро қувваи амалии мустақим надорад ва худ аз худ паёмадҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд намеорад. Тибқи таълимоти умумии ҳуқуқ, ҳуқуқи субъективӣ танҳо дар ҳолате ташаккул меёбад, ки барои он уҳдадории мувофиқи давлат вуҷуд дошта бошад. Ин робита ҷудонашаванда аст: дар сурати қатъ гардидани он, ҳуқуқ ба сатҳи рамзи ҳуқуқӣ, ки аз мазмуни воқеӣ маҳрум аст, коҳиш меёбад.

Муқаррароти конститутсионӣ, ки давлатро уҳдадор месозад барои ҳифзи ҳуқуқи инсон, дар сохтори низоми бисёрсатҳии кафолатҳо амалӣ мегардад, ки он дар бар мегирад:

Ҷузъи моддӣ-ҳуқуқӣ – таъмини кофии маблағгузории буҷетӣ, муайян намудани ҳаҷми кумакпулиҳо ва меъёрҳои ҳадди ақалли иҷтимоӣ.

Ҷузъи ниҳодӣ – таъсиси мақомоти салоҳиятдор, ки бо ваколатҳо ва захираҳои зарурӣ муҷаҳҳазанд.

Ҷузъи мурофиавӣ-тартиботӣ – муқаррар намудани қоидаҳои возеҳ оид ба тартиби муроҷиат барои таъминот, муҳлати баррасӣ ва тартиби шикояти қарорҳо.

Ҷузъи судӣ-ҳуқуқӣ – мавҷудияти роҳҳали самараноки ҳимояи судӣ ва иҷрои кафолатноки қарорҳои судӣ.

Маҳз татбиқи ҳамаи ин ҷузъҳои зикршуда ба амалӣ гардидани ҳуқуқи

субъективӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳо унсури бунёдии мақоми ҳуқуқии шахсро ташкил медиҳанд, ки бо худи ҳуқуқҳо дар робитаи низомӣ қарор доранд. Ин робита хусусияти пуркунандаи функсионалӣ дорад: ҳуқуқҳо имкониятҳои шахсро муқаррар менамоянд, дар ҳоле ки кафолатҳо амалӣ ва ҳимоя шудани онҳоро таъмин месозанд. Вазифаи функсионалии кафолатҳо дар ташаккули шароити ниҳоднокӣ, моддӣ ва мурофиавие ифода меёбад, ки барои табдил додани муқаррароти конститутсионӣ ва қонунгузорӣ ба имкониятҳои воқеии ҳуқуқӣ заруранд. Дар набудани роҳҳали самараноки кафолатдиҳӣ маҷмуи ҳуқуқу озодиҳое, ки дар Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сабт шудаанд, мазмуни воқеӣ ва аҳаммияти иҷтимоии худро аз даст дода, ба сатҳи изҳорот коҳиш меёбанд.

Бо дарназардошти мазмун ва роҳҳали амал, чунин кафолатҳоро мувофиқи мақсад аст ба кафолатҳои моддӣ-ҳуқуқӣ, мурофиавӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ ҷудо намуда, онҳоро бо бахши кафолатҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои субъективӣ пурра кард, ки имкон медиҳад низом дар яклухтӣ ва хусусияти бисёрсатҳии худ баррасӣ гардад.

Кафолатҳои моддӣ-ҳуқуқӣ асоси танзимро дар ин соҳа ташкил медиҳанд, зеро маҳз онҳо мазмун ва шароити мушаххаси амалисозии ҳуқуқҳои иҷтимоию таъминотӣ муайян менамоянд. Ба онҳо, аз ҷумла, муқаррар кардани доираи субъектон ва асосҳои пайдоиши ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дохил мешавад, ки ҳолатҳои расидан ба синни нафақа, маъюбият, аз даст додани қобилияти меҳнатӣ (муваққатӣ ё доимӣ), аз даст додани шахси таъминкунанда ва дигар ҳолатҳои ҳаётиро фаро мегирад. Нақши муҳимро инчунин муайян намудани рӯйхати намудҳои таъминоти иҷтимоӣ бозӣ мекунад, ки ба он нафақаҳои меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, кумакпулиҳои давлатӣ, ёрии иҷтимоии ҳадафнок, инчунин дигар намуди пардохтҳо ва имтиёзҳо шомиланд.

Ин масъалаҳо дар қонунгузории амалкунандаи кишвар ба таври возеҳ муқаррар гардидаанд. Масалан, мувофиқи қарори Ҳукумати ҶТ аз 13 декабри

соли 2012, № 724 «Дар бораи Тартиб ва ҳаҷми пешниҳод намудани хизматрасониҳои ройгони иҷтимоӣ» рӯйхати гурӯҳҳои иҷтимоии шаҳрвандоне, ки дар вазъияти душвори ҳаётӣ қарор доранд ва ҳуқуқ ба дарёфти хизматрасониҳои иҷтимоиро доранд, тасдиқ шудааст. Ба ин гурӯҳҳо маъюбон, шаҳрвандони синни пирӣ, кӯдакони ятим ва дигар гурӯҳҳои ниёзманд ба дастгирӣ дохил мешаванд [15]. Дар ҳамин қарор ҳамчунин намудҳои хизматрасониҳои иҷтимоие, ки ба шаҳрвандони дар ҳолати душвори ҳаётӣ қарордошта пешниҳод мегарданд, зикр шудаанд. Ба онҳо хизматрасониҳои иҷтимоӣ-маишӣ, иҷтимоӣ-тиббӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, иҷтимоӣ-педагогӣ ва иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дохил мешаванд.

Унсури муҳимми кафолатҳои моддӣ-ҳуқуқӣ муайян будани меъёрҳои таъминот мебошад: тартиби ҳисоб намудани собиқаи меҳнатӣ ва музди меҳнат, қоидаҳои таъйин ва бозҳисобкунии пардохтҳо, роҳҳали индексатсия, шароити ҳифзи ҳуқуқ дар давраи шуғли муваққатӣ ё бекорӣ, инчунин муқаррар намудани меъёрҳои ҳадди ақалли иҷтимоӣ.

Масалан, Қонуни ҶТ «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ» аз 24 феврали соли 2017 роҳҳали расонидани кумаки моддиро ба оилаҳои камбизоат бар асоси меъёри ниёзмандӣ муқаррар мекунад. Дар қ.1 м. 6-и ҳамин қонун зикр мешавад, ки «шаҳрвандони камбизоат (оилаҳо), ки даромади ҳадди ақалли онҳо аз меъёри ниёзмандӣ камтар аст, ҳуқуқ доранд ёрии иҷтимоии ҳадафнок гиранд» [11]. Ба навбаи худ, м.11-и қонун шаклҳои ёрии иҷтимоии ҳадафнокро муайян мекунад – кумакпулии пулӣ ва кумаки моддӣ [11].

Нақши муҳимро кафолатҳои дастрасии баробар ва ғайритабъизӣ ба чорабиниҳои дастгирии иҷтимоӣ бозӣ мекунанд, ки мавҷудияти кафолатҳои махсусро барои гурӯҳҳои осебпазири шаҳрвандон дар назар дорад, аз ҷумла барои оилаҳо бо кӯдакон, маъюбон, собиқадорони ҷанг ва меҳнат, инчунин шаҳрвандоне, ки ҳангоми ҳимояи манфиатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ саломатии худро аз даст додаанд. Масалан, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъюбон» муайян карда шудааст, ки «ҳимояи иҷтимоии

маъюбон низоми чорабиниҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии аз ҷониби давлат кафолатдодашуда мебошад, ки барои маъюбон шароит фароҳам меорад, то маҳдудиятҳои фаъолияти ҳаётии худро бартараф ё иваз (ҷуброн) намоянд ва барои онҳо имкониятҳои баробари иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо дигар шаҳрвандон фароҳам карда шаванд» [8].

Роҳҳалҳои молиявию ҳуқуқие, ки устувории низоми таъминоти иҷтимоиро таъмин мекунанд, дар хусусияти мақсадноки пардохтҳои суғуртавӣ ва маблағгузории буҷетӣ, тақсимоти ваколатҳои мақомоти идоракунанда ва истифодабарандагони воситаҳо, инчунин муқаррар намудани низоми ҳуқуқии истифодаи мақсадноки фондҳо ифода меёбанд. Аз ҷумла, Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз 12 январи соли 2010 [10] намудҳо ва тартиби ҳисобкунии нафақаҳоро муайян мекунад. Дар м.11-и ҳамин қонун асосҳои ташаккул ва таъмини нафақаҳои суғуртавӣ дар ҶТ муқаррар шудаанд. Мазмуни он тарҳи байналмилалӣ эътирофшударо дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ инъикос менамояд, ки бар принсипи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ асос ёфтааст. Мувофиқи ин меъёр, ҳуқуқ ба гирифтани нафақаи суғуртавӣ на танҳо ба шаҳрвандони ҶТ, балки ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд низ паҳн мегардад, ба шарте ки онҳо доимо дар ҳудуди ҷумҳурӣ иқомат дошта, дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ ба қайд гирифта шудаанд. Ҳамин тариқ, қонунгузор принсипи ҳимояи иҷтимоии ҳудудиро муқаррар менамояд, ки баробарии шахсонро дар назди низоми нафақавӣ вобаста ба воқеияти истиқомат, на танҳо шаҳрвандӣ, таъмин месозад.

Таваҷҷуҳи махсусро меъёре сазовор аст, ки дар он зикр мегардад, ки пардохти ҳаққи суғурта ҳатмӣ буда, аз лаҳзаи оғози фаъолияти меҳнатӣ оғоз меёбад. Ин ҳолат ба хусусияти суғуртавии низоми нафақавӣ ишора мекунад, ки дар он иштирок хусусияти умумӣ ва ҳатмӣ дорад, дар ҳоле ки маблағгузорӣ бар асоси принсипи ҳамбастагии наслҳо амалӣ мегардад: кормандони амалкунанда фондеро ташаккул медиҳанд, ки аз он нафақаҳои бознишастагон пардохта мешаванд.

М.12-и Қонун ба тартиби муайян кардани андозаи нафақаи асосӣ бахшида шудааст, ки он кафолати ҳадди ақалли давлатӣ дар низоми таъминоти нафақавӣ мебошад. Бениҳоят муҳим аст, ки ҳуқуқи муайян кардани андозаи он ба салоҳияти Президенти ҶТ мансуб дониста шудааст. Ин далел ба аҳаммияти ҳуқуқӣ-конститутсионии таъминоти нафақавӣ ишора мекунад, зеро танзими параметрҳои калидии низоми нафақавӣ аз ҷониби шахси олии мансабдори давлат амалӣ мегардад, ки афзалияти ин соҳа дар сиёсати иҷтимоиро таъкид менамояд.

Хусусияти махсусро татбиқи коэффитсиентҳои минтақавӣ нисбат ба андозаи нафақаи асосӣ ташкил медиҳад. Истифодаи онҳо ҳисоб намудани фарқиятҳои минтақавӣ дар шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва арзиши зиндагиро инъикос мекунад, ки бо принсипи адолати иҷтимоӣ мувофиқат дорад. Ҳамин тариқ, низоми нафақавӣ хусусияти фарқкунанда мегирад, ва ба шаҳрвандоне, ки дар минтақаҳо бо шароити иқлимии шадид ё хароҷоти иқтисодии баланд зиндагӣ мекунанд, ҳимояи бештар фароҳам меорад.

Таҳлили меъёрҳои зикршуда имкон медиҳад, ки хулоса бароварда шавад: қонунгузории ҶТ дар бораи суғуртаи нафақавӣ бар асоси ҳамбастагии унсурҳои суғуртавӣ ва кафолатҳои давлатӣ сохта шудааст. Аз як тараф, нафақа бо ҳисоби пардохтҳои ҳатмии суғуртавӣ ташаккул меёбад, ки ин вобастагии андозаи пардохтҳоро аз саҳми меҳнатии шаҳрванд дар назар дорад. Аз тарафи дигар, давлат ҳадди ақалли кафолатдодашударо дар шакли нафақаи асосӣ муқаррар менамояд, ки аз ҷониби Президент танзим шуда метавонад бо дарназардошти коэффитсиентҳои минтақавӣ зиёд карда шавад.

Ҳамин тариқ, низоми таъминоти нафақавӣ дар худ ҳам роҳҳали суғуртавиро (масъулияти инфиродӣ барои иштирок дар низом) ва ҳам кафолатҳои иҷтимоиву давлатӣ (таъмини сатҳи ҳадди ақалли нафақа барои ҳамаи шахсони суғурташуда) муттаҳид месозад. Ин ҳолат ба назарияи умумии давлати иҷтимоӣ, ки дар Конститутсияи ҶТ муқаррар шудааст, мутобиқ буда, кӯшиши бarқарор намудани тавозун байни принсипҳои адолат, ҳамбастагӣ ва масъулиятро инъикос менамояд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки кафолатҳои моддӣ-ҳуқуқӣ унсури калидии танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ мебошанд, зеро маҳз онҳо муҳтавои ҳуқуқҳои иҷтимоиро ташаккул дода, шароити татбиқи онҳоро муайян месозанд. Муайян шудани онҳо дар қонунгузории ҶТ гувоҳи он аст, ки давлат барои таъмин намудани сатҳи муносиби ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон бар асоси принсипҳои адолат, баробарӣ ва муайян будани ҳуқуқӣ талош меварзад.

Таҳлили меъёрҳои зикршуда имкон медиҳад, ки чунин хулоса бароварда шавад: қонунгузории ҶТ дар бораи таъминоти иҷтимоӣ асосан бар ду пояи асосӣ унсурҳои суғуртавӣ ва кафолатҳои давлатӣ устувор аст. Аз як тараф, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ бар асоси ҳолатҳое ба вуҷуд меояд, ки онҳоро қонун муқаррар кардааст (ба синни нафақа расидан, маъюбӣ, аз даст додани қобилияти меҳнат, марги нондеҳанда ва дигар ҳолатҳо). Аз тарафи дигар, қонунгузор намудҳои ёрии иҷтимоӣ ва рӯйхати хизматрасониҳои иҷтимоиро муайян менамояд, ки ин ба низоммандӣ ва пешгӯишавандагии фаъолияти соҳа мусоидат мекунад.

Муайян будани ҳуқуқӣ ва равшании меъёрҳои таъминоти иҷтимоӣ аз ҷумла тартиби ҳисоб намудани собиқаи меҳнат, таъйин ва бозҳисобкунии пардохтҳо, индексатсия ва муқаррар намудани стандартҳои ҳадди ақалли иҷтимоӣ заминаи боэътимоди татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандонро фароҳам меорад.

Таъмин намудани дастрасии баробар ва бе табъиз ба чораҳои дастгирии иҷтимоӣ барои гурӯҳҳои осебпазир аҳаммияти махсус дорад. Ин равиш самти ҳуқуқиро ба ҳифзи қишрҳои иҷтимоии бештар ниёзманд ва татбиқи принсипи адолати иҷтимоӣ равона месозад.

Ҳамин тариқ, кафолатҳои моддӣ-ҳуқуқӣ ва молиявию ҳуқуқӣ дар ҶТ як низоми ягонаи ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ки на танҳо татбиқи воқеии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро таъмин менамояд, балки устуворӣ, пешгӯишавандагӣ ва адолати иҷтимоиро низ кафолат медиҳад. Ин ҳолат пурра ба асосҳои конститутсионию ҳуқуқии давлати иҷтимоӣ мувофиқат

менамояд.

Падидаи дуюми кафолатҳои ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ин кафолатҳои тартиботию ҳуқуқӣ мебошанд, ки адолат, дастрасӣ ва шаффофияти раванди маъмуриро ҳангоми таъйин ва додани таъминоти иҷтимоӣ таъмин мекунанд. Ин бахш меъёрҳои тартиби маъмуриро дар бар мегирад, ки муайян намудани муҳлатҳои дақиқи баррасии мурочиат, рӯйхати пурраи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, вазифаи мақомоти ваколатдор оид ба мусоидат ба мурочиаткунанда дар ҷамъоварии онҳо, инчунин уҳдадории қабули амали инфиродии асоснокро тибқи натиҷаҳои баррасии парванда дар назар дорад.

Ин масъалаҳо дар қонунгузории амалкунандаи кишвар, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро танзим мекунад, ба таври муфассал пешбинӣ шудаанд. Мувофиқи Кодекси расмиёти маъмурии ҶТ, [5]. мақомоти ваколатдор пас аз баррасии мурочиат вазифадор аст амали маъмурии инфиродиро қабул намояд, ки дар он бояд асосҳои ҳуқуқӣ ва воқеии қарори қабулшуда ба таври равшан нишон дода шаванд. Ин уҳдадории тартиботӣ дар таъмини шаффофияти идоракунии давлатӣ нақши муҳим мебозад, зеро ба мурочиаткунанда имкон медиҳад, ки сабабҳои қонеъ гардонидани талаботи худ ё рад кардани онро дарк намояд. Чунин роҳҳал ҳамзамон татбиқи ҳуқуқ ба шикоятро осон мекунад, зеро ба мурочиаткунанда асоси ҳуқуқии муҳим барои ҳимояи манфиатҳои худро фароҳам меорад. Масалан, дар ҳолати рад кардани таъини нафақаи маъюбӣ, шаҳрванд қарореро ба таври хаттӣ дарёфт мекунад, ки дар он истинод ба меъёрҳои мушаххаси қонунгузорӣ ва ҳолатҳои муайяншудаи парванда оварда мешаванд. Ин ба ӯ имкон медиҳад, ки ин амалро ба таври асоснок дар мақомоти болоӣ ё дар суд баҳс намояд.

Мавқеи махсусро дар байни кафолатҳои мазкур роҳҳали шикоятбарории дохилиидоравӣ ишғол мекунад. Кодекси расмиёти маъмурии ҶТ ҳуқуқи шаҳрвандро барои шикоят аз радкунии таъини пардохти иҷтимоӣ ё муайян намудани андозаи он ба мақомоти маъмурии болоӣ муқаррар намудааст. Масалан, қарори шуъбаи ноҳиявии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ метавонад ба мақомоти болоӣ шикоят карда шавад. Ин падида на танҳо

хатари худсарии кашолкориро коҳиш медиҳад, балки ба ташаккули эътимоди шаҳрвандон ба низоми ҳифзи иҷтимоӣ ва мақомоти идораи давлатии ҷамъиятӣ мусоидат менамояд.

Унсури муҳимми ин навъи кафолатҳо таъмини дастрасӣ ва огоҳии шаҳрвандон, ҳуқуқи дарёфти маълумоти пурра ва фаҳмо дар бораи намудҳои таъминот, шартҳо ва тартиби муроҷиат, гирифтани маслиҳати ройгон ва қабули шаҳрвандон ва ғайра мебошад. Роҳҳалҳои муосири ташкилӣ ва рақамӣ дастрасиро ба кафолатҳои иҷтимоӣ осон мегардонанд, аз ҷумла тавассути фаъолияти низоми «тирезаи ягона» ва рушди хизматрасониҳои электронӣ.

Ҳамин тавр, м.6 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» [9] ҳуқуқи шаҳрвандонро барои дарёфти иттилоот дар бораи намудҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ, шартҳои пешниҳоди онҳо ва тартиби муроҷиат барои гирифтани чунин хизматрасониҳо муқаррар менамояд. Ин меъёр ба мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ уҳдадорӣ мегузорад, ки машваратҳои ройгон пешниҳод кунанд, қабули мунтазами шаҳрвандонро ташкил намоянд ва барои тамоми қишрҳои аҳолӣ дастрасии баробар ба иттилоотро таъмин созанд.

Дар шароити муосир таваҷҷуҳи хос ба ҷорӣ намудани шаклҳои инноватсионии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ дода мешавад. Ба чунин шаклҳо дохил мешаванд:

– фаъолияти низоми «равзанаи ягона» (махсусан тавассути марказҳои хизматрасонии аҳолӣ дар назди Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа);

– рушди хизматрасониҳои рақамӣ, аз ҷумла портали миллии хизматрасониҳои электронӣ e-gov.tj;

– таъйини проактивии баъзе намудҳои пардохтҳои иҷтимоӣ бар асоси маълумоти феҳристҳои давлатӣ (масалан, тамдиди худкори нафақаҳо ҳангоми тасдиқи маъюбӣ аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ).

Ин тадбирҳо ба содагардонии расмиёт ва коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ равона шудаанд, ки махсусан барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ аҳаммияти калон доранд.

Ҳамин тавр, кафолатҳои тартиботию ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ

дар ҶТ низоми мураккаби роҳҳалҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ки онҳо дар Конститутсия (м.39), инчунин дар қонунгузории соҳавӣ ва маъмурӣ мустаҳкам шудаанд. Амалӣ гардидани онҳо аз гузариш аз сатҳи эълони эъломиявии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ба сатҳи таъминкунии воқеии он тавассути муқаррар намудани муҳлатҳои равшан, расмиётҳои шаффоф, таъмини дастрасии иттилоотӣ, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои рақамӣ ва роҳандозии тартиби муассири шикоятбарорӣ шаҳодат медиҳад.

Кафолатҳои мурофиавӣ ба таъмини ҳимояи судии ҳуқуқҳои вайронгардидаи иҷтимоию таъминотӣ вобастаанд. Онҳо ба пешгирӣ ва бартарафсозии ҳуқуқвайронкуниҳо ҳангоми ҳалли ихтилофоте, ки дар ин соҳа ба миён меоянд, равона шудаанд. Яке аз унсурҳои асосии чунин кафолатҳо ҳуқуқи шаҳрванд барои шикоят бурдан ба суд нисбат ба амалҳо ё беамалии мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ ва фондҳои дахлдор мебошад, ки ба он аз ҷумла санҷиши қонунияти раддия дар таъини таъминот ё ҳисобу пардохти нодурусти маблағҳо дохил мешавад. Самаранокии ҳимояи мурофиавӣ тавассути истифодаи воситаҳои махсуси мурофиавӣ таъмин мегардад. Муҳимтарин ҷузъи кафолатҳои мурофиавӣ барқарорсозии пурраи ҳуқуқи вайроншуда мебошад, ки таъини пардохт аз лаҳзаи пайдо шудани воқеии ҳуқуқ, азнавҳисобкунӣ ва пардохти қарзҳои ҷамъшуда барои давраи гузашта, индексатсия ва дигар роҳҳалҳои ҷуброниро дар бар мегирад. Аҳаммияти махсус ба иҷрои саривақтии қарорҳои судӣ дода мешавад, ки имконпазирии иҷрои маҷбурии онҳо фаро мегирад. Дар қисми минбаъда амалӣ шудани ин навъи кафолатҳо муфассалтар баррасӣ карда хоҳад шуд.

Кафолатҳои ниҳоии татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ин кафолатҳои ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ мебошанд, ки сатҳи охирини низомро ташкил дода, масъулият ва назоратро бар қонунияти амалҳои шахсони мансабдор ва мақомоти татбиқкунандаи сиёсати иҷтимоӣ муқаррар менамоянд. Онҳо тадбирҳои масъулияти ҳуқуқиро барои ҳуқуқвайронкуниҳои содиршуда дар бар мегиранд: интизомӣ, маъмурӣ, маданию ҳуқуқӣ бо ӯҳдадории ҷуброни зарар ва дар баъзе ҳолатҳо, ҷиноятиро. Мавқеи муҳимро тартиби барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншуда ишғол мекунад, ки тавассути бозбинии амали маъмурӣ, азнавбаррасии

ариза, азнавҳисобкунӣ ва таъини пардохтҳо, қабули қарори нав, ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ дар ҳудуди муқаррарнамудаи қонун амалӣ мегардад. Ба шумори кафолатҳои мазкур инчунин ниҳодҳои назорати байниидоравӣ дохил мешаванд: назорати прокурорӣ аз болои риояи қонун, назорати давлатии молиявӣ нисбат ба истифодаи мақсадноки маблағҳо, назорати парламентӣ ва судӣ, инчунин фаъолияти мусоидаткунандаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон (омбудсмен), ки ҳимояи иловагии ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандонро таъмин менамояд. Ин навъи кафолатҳо дар зербоби минбаъда муфассалтар шарҳ дода мешавад.

Бо дарназардошти ҳамаи гуфтаҳои боло метавон хулосаҳои зеринро баровард:

Аввалан, эътирофи конститутсионии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дорои хусусияти ниҳодманд буда, танҳо дар ҳолати мавҷудияти низоми пурраи кафолатҳо моҳияти ҳуқуқии воқеӣ пайдо мекунад; набудани чунин кафолатҳо меъёрҳои конститутсиониро ба изҳоротҳои эъломиявӣ табдил медиҳад, ки қобилияти таъмин намудани ҳуқуқи воқеии шахсро надоранд. Дувум, самаранокии татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ аз ҳамоҳангии роҳҳали бисёрсатҳаи кафолатҳо вобаста аст: аз як тараф, шароити умумии сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва идеологӣ ва аз ҷониби дигар воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз ҷумла кафолатҳои моддиву ҳуқуқӣ, молиявию ҳуқуқӣ, тартиботию ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ. Ин ҳамгироии низомӣ пешбинишавандагии татбиқи ҳуқуқ, дастрасии баробар ва пуррагии ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншударо таъмин менамояд.

Ҳамин тавр, низоми кафолатҳо дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ роҳҳали бисёрсатҳаи ҳуқуқиро ташкил медиҳад, ки дар он воситаҳои моддӣ, тартиботӣ, мурофиавӣ ва назоратӣ бо ҳам омезиш ёфтаанд. Он на танҳо муқаррароти расмии ҳуқуқро, балки воқеияти татбиқи амалии ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоиро таъмин менамояд ва ба принсипҳои қонуният, баробарӣ ва адолат мутобиқат мекунад, ки моҳияти ҳуқуқии Тоҷикистонро ҳамчун давлати иҷтимоӣ инъикос менамояд.

### 3.2. Роҳҳалҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ

Ҳеҷ як ҳуқуқи субъективии конститутсионӣ наметавонад мазмуни воқеӣ пайдо намояд, агар барои он роҳҳалҳои ҳимоя бо роҳи ниҳоднок ва меъёрӣ ташаккулнаёфта вуҷуд надошта бошанд. Шахсе, ки соҳиби ҳуқуқ мебошад, ҳангоми амалисозии имкониятҳое, ки ба ӯ аз ҷониби Конститутсия дода шудаанд, бояд на танҳо дорои озодии рафтори муайян бошад, балки маҷмуи воситаҳо, тартибот ва кафолатҳои ҳуқуқиро низ дошта бошад, ки пешгирӣ ва боздоштани ҳуқуқвайронкуниҳоро, инчунин барқарорсозии ҳолати вайроншударо таъмин менамоянд. Дар сурати набудани танзими мувофиқи тарзҳои ҳимоя, ҳар гуна ҳуқуқ арзиши амалӣ надорад ва ба сатҳи изҳороти декларативӣ коҳиш меёбад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ бо дурустӣ таъкид мешавад, ки худи муқаррар намудани ҳуқуқҳо, аз ҷумла ҳуқуқҳои инсон, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳанӯз кафолати татбиқи воқеии онҳо нест. Тибқи назари як қатор олимони маъруфи рус, аз ҷумла Т.А. Сошникова ва Е.А. Лукашева, «ҳуқуқе, ки дар амал татбиқ намешавад, дар асл «мурда» аст». Ҳатто дар шароити мусоиди иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиву ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои инсон ба таври худкор амалӣ намешаванд: татбиқи онҳо мавҷудияти роҳҳалҳои амиқ андешидашудаи ниҳоднок ва тартиботӣ, инчунин кафолатҳои муассири ҳимоя аз таҳдидҳо ва поймолкуниҳои эҳтимолӣ ва воқеиро талаб мекунад [66, с. 6; 110, с. 4-40].

Ин гуна тарҳи масъала зарурати объективии таъмини ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандро на танҳо дар сатҳи қонунэҷодкунӣ, балки ҳамчунин дар доираи татбиқи қонун ва ҳимояи ҳуқуқҳо эътироф менамояд. Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ки яке аз ҷузъҳои муҳимми низоми ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ба шумор меравад, аз нигоҳи татбиқи самаранок ва ҳимояи ҳуқуқӣ ба таваҷҷуҳи махсус ниёз дорад. Ин ҳолат аз аҳаммияти иҷтимоии ин ҳуқуқ ва ҳамзамон аз осебпазирии баъзе гурӯҳҳои шаҳрвандон, ки ба дастгирии иҷтимоии давлат эҳтиёҷ доранд, сарчашма мегирад.

Ҳуқуқи моддии шахс ба таъминоти иҷтимоӣ, ки дар меъёрҳои конститутсионӣ ва соҳавӣ муқаррар гардидааст, бояд бо низоми мукаммали кафолатҳои ҳуқуқӣ ҳамроҳ бошад, зеро унсурҳои ниҳоднок ва мурофиавиро фаро мегирад. Ин гуна низом бояд чораҳои пешгирикунандаро, ки ба пешгирии эҳтимоли вайроншавии ҳуқуқҳо равона шудаанд ва ҳамчунин роҳҳалҳои ислоҳиро, ки барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншударо таъмин менамоянд, дар бар гирад, инчунин имконияти бартараф кардани монеаҳое, ки амалӣ гардидани пурраи онҳоро халалдор месозанд, пешбинӣ намояд.

Дар айни замон, ташаккули роҳҳали самараноки ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ яке аз масъалаҳои калидии илми ҳуқуқшиносии муосир ва амалияи ҳуқуқ мебошад. Ҷойи марказиро дар ҳалли ин масъала таҳия ва банизомдарории шаклҳо, усулҳо ва тадбирҳои ҳимоя, ҳамчун воситаи махсуси таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ишғол мекунад. Сухан дар бораи низоми бисёрсатҳие меравад, ки кафолатҳои моддӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ, расмиёти юрисдиксионӣ ва ғайриюрисдиксионӣ, чораҳои пешгирикунанда ва барқароркунанда, инчунин заминаҳои ниҳодманди татбиқи онҳоро дар бар мегирад. Маҳз чунин меъмории мукаммали ҳимояи ҳуқуқҳои субъективиро бо қувваи воқеии ҳуқуқӣ таъмин намуда, онҳоро аз сатҳи эъломиявӣ ба соҳаи муносибатҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ мегузаронад.

Масъалаи таъмини амалишавӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ҷойи намоёнро ҳам дар доктринаи ҳуқуқии хориҷӣ ва ҳам дар илми ҳуқуқии миллӣ ишғол мекунад. Аз ҷумла, Е.И. Козлова ва О.Е. Кутафин ба таври асоснок таъкид менамоянд, ки «ҳимояи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон иштироки фаъоли давлатро тақозо мекунад, ки он дар қабули чораҳои мусбат ва фароҳам овардани имкониятҳои ҳуқуқии муассир барои вокуниши шахс ба ҳолатҳои поймолшавии ҳуқуқҳояш ифода меёбад» [45, с. 63]. Андешаи ҳамсонро М.А. Киавлов низ рушд дода, қайд менамояд, ки «давлат ҳамчун созмони сиёсиву ҳуқуқӣ масъулияти ниҳоднокро барои ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳо ба дӯш

дорад; дар сурати набудани танзими конститутсионӣ ва қонунгузории роҳҳалҳои ҳимоя, самтҳои татбиқи онҳо аз байн мераванд ва худи ҳуқуқҳо аз мазмуни амалӣ холӣ мегарданд» [44, с. 31].

Хулосаҳои ҳамсон дар байни донишмандони ватанӣ низ бартарӣ доранд. Аз ҷумла, муаллифони дастури таълимии «Роҳҳалҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон» роҳҳали ҳимояи ҳуқуқҳои инсонро ҳамчун «низоми ҳадафмандонаи воситаҳо ва усулҳои ҳуқуқӣ, ки дар асоси тарҳи муайяни меъёрӣ ба таври мантиқӣ ташкил ёфта ва марҳила ба марҳила амал мекунанд» тавсиф менамоянд [30, с. 5; 32, с. 22]. Дар ҳамин замина, С.М. Салохидинова қайд мекунад, ки «ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо вазифаи конститутсионии давлат буда, тавассути мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор амалӣ мегардад ва на танҳо фароҳам овардани шароити татбиқи ҳуқуқу озодиҳоро, балки ташкили расмиётҳои самараноки ҳимоя ва барқарорсозии онҳоро дар бар мегирад» [57, с. 151]. Мавқеъҳои ҳамсон дар адабиёти хориҷӣ низ тасдиқи худро меёбанд.

Аз ин рӯ, ҳимояи ҳуқуқҳои инсон воситаи ҳуқуқии ихтиёрӣ набуда, балки абзори ҳатмӣ ва зарурии ҳуқуқӣ мебошад, ки бе он татбиқи пурраи ҳуқуқҳои субъективӣ ғайриимкон аст. Ин ҳолат барои соҳаи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ аҳаммияти хосса дорад, зеро бинобар маҷмуи омилҳои объективӣ ва субъективӣ, вайроншавии онҳо бештар ба амал меояд ва хусусияти шадидтар мегирад. Дар ин замина, ниҳодҳо ва расмиётҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ марҳилаи навсозии сифатӣ ва мураккабшавиро паси сар мекунанд: асосҳои меъёрӣ такмил меёбанд, кафолатҳои мурофиавӣ таҳким меёбанд ва маҷмуи чораҳои пешгирикунанда ва барқароркунанда васеъ мегардад, ки дар маҷмуъ иҷроиши воқеии даъвоҳои конститутсиониро таъмин месозад.

Тавре ки қаблан зикр гардид, ҳуқуқи шаҳрвандон ба таъминоти иҷтимоӣ яке аз мавқеъҳои калидиро дар низоми ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ишғол менамояд. Дар шароити ноустувории иҷтимоию иқтисодии ҷаҳони муосир, ки ба ҳар як давлат таъсир мерасонад, аҳаммияти ин ҳуқуқ чандин маротиба афзоиш меёбад. Ин ҳолат зарурати на танҳо

мустаҳкам намудани он дар сатҳи меъёрӣ, балки ташкили роҳҳалҳои самараноки татбиқ ва ҳимояи онро низ ба миён меорад.

Сарфи назар аз дастовардҳои муайяни назариявӣ, таҳлили илмии масъалаи ҳимояи ҳуқуқ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ то ҳол хусусияти пароканда ва нопурра дорад. То имрӯз доктринаи мукаммали илмие, ки ҳам қонуниятҳои умумибашарӣ ва ҳам хусусиятҳои соҳавии роҳҳалҳои ҳимояи ҳуқуқиро дар ин соҳа ба таври пурра инъикос намояд, ташаккул наёфтааст. Дар айни замон, ташаккули чунин доктрина аҳаммияти махсус пайдо мекунад, зеро соҳаи таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқи давлатӣ бо дараҷаи баланди ихтилофнокӣ тавсиф меёбад. Дар ин соҳа ду самти муқобил ба ҳам бармехӯранд: аз як ҷониб, даъвоҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба зиндагии шоиста ва дастрасӣ ба кумак дар ҳолати хатарҳои иҷтимоии муҳимми ҳаётӣ (пирӣ, беморӣ, аз даст додани қобилияти меҳнат ва ғайра), аз ҷониби дигар – имконниятҳои маҳдуди молиявии давлат, ки онро водор месозанд интизоми андозбандиро риоя намуда, тавозуни буҷетиро таъмин намояд.

Масъалаи муҳимми ҳуқуқӣ инчунин дар набудани рӯйхати дақиқ ва низомманди роҳҳои ҳимояи ҳуқуқҳои поймолгардидаи шаҳрвандон дар қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муносибатҳои вобаста ба соҳаи таъминоти иҷтимоиро танзим менамояд, ифода меёбад. Бархилофи соҳаҳои дигари ҳуқуқ, аз ҷумла қонунгузории гражданӣ ва меҳнатӣ, ки дар онҳо шакл ва роҳҳои мушаххаси ҳимояи ҳуқуқҳо дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар гардидаанд, дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ чунин механизмҳои махсуси ҳуқуқии ҳимоя ба таври возеҳ пешбинӣ нашудаанд. Дар натиҷа, мақомоти татбиқи қонун ва дигар субъектҳои ҳимояи ҳуқуқ маҷбур мешаванд ба василаҳои умумии конститутсионӣ ё байнисоҳавии ҳимояи ҳуқуқ муроҷиат намоянд.

Ин гуна номуайянии меъёрӣ боиси ба вуҷуд омадани як қатор паёмадҳои манфии ҳуқуқӣ мегардад, аз ҷумла паст гардидани сатҳи муайянӣ ва устувории танзими ҳуқуқӣ, коҳиш ёфтани дараҷаи пешбинишавии

оқибатҳои ҳуқуқии баҳсҳо, инчунин заиф гардидани сатҳи ҳимояи ҳуқуқии субъектҳое, ки ба муносибатҳои баҳсбарангез дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ ҷалб мегарданд. Дар чунин шароит масъалаи ташаккули низоми мукаммали роҳҳои ҳимояи ҳуқуқ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ ва таҳкими танзими меъёрии онҳо дар қонунгузории миллӣ аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ пайдо мекунад.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, самти афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ бояд таҳияи равиши мукаммали доктриналӣ нисбат ба ҳимояи ҳуқуқӣ дар низоми таъминоти иҷтимоӣ бошад. Чунин равиш бояд, аз як тараф, расмият бахшидани рӯйхати шаклҳо ва усулҳои қобили қабули ҳимояи ҳуқуқҳо бо дарназардошти хусусиятҳои соҳаи ҳуқуқи давлатиро дар бар гирад, аз тарафи дигар – мутобиқсозии ин роҳҳалҳоро ба вазифаҳои иҷтимоӣ-самаранокии танзими ҳуқуқӣ таъмин намояд. Коркард ва татбиқи чунин назария метавонад ба таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии давлати иҷтимоӣ мусоидат намуда, инчунин барои татбиқи принсипҳои адолати иҷтимоӣ, муайяннокии ҳуқуқӣ ва баробарии шаҳрвандон дар дастрасӣ ба неъматҳои иҷтимоӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.

Мафҳуми «ҳимоя» дар илми ҳуқуқ аз дидгоҳҳои гуногун баррасӣ мегардад. Ин ҳолат ба он вобаста аст, ки мазмун, роҳҳалҳои амал, шаклҳои зуҳур, василаҳо ва роҳҳои татбиқи он хусусияти мураккаб ва бисёрҷанба доранд. Аз ҷумла, С.С. Алексеев чунин таъкид намудааст: «ҳимояи ҳуқуқ ин фаъолияти маҷбурии давлатӣ мебошад, ки ба барқарор намудани ҳуқуқи поймолгардида ва таъмин намудани иҷрои ухдадориҳои ҳуқуқӣ равона шудааст» [18, с. 280].

Дар ҳақиқат, масъалаи ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ дар илми ҳуқуқ бо мафҳуми масъулияти ҳуқуқӣ зич алоқаманд мебошад, зеро дар ҳар ду сохтор унсури калидӣ истифодаи роҳҳалҳои маҷбурии давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки ба барқарор намудани тартиботи ҳуқуқии вайроншуда равона гардидаанд. Бо вуҷуди он ки муайяниҳои расмии ин мафҳумҳо, ба назари аввал, робитаи мустақими онҳоро пешбинӣ намекунанд, мазмуни воқеии

онҳо мавҷудияти як қатор нуктаҳои умумиро ошкор менамояд.

И.Н. Сенякин таъкид менамояд, ки «масъулияти ҳуқуқӣ дар ба вуҷуд омадани муносибати махсуси ҳуқуқӣ байни давлат, дар симои мақомоти ваколатдори он ва қонуншикан зоҳир мегардад, ки бар дӯши ӯ вазифаи таҳаммули маҳрумият ва оқибатҳои манфӣ барои вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ вогузор мегардад» [136, с. 127–138].

Ин назария дар байни олимони ватанӣ низ мавқеи устувор пайдо кардааст. Аз ҷумла, муҳаққиқи тоҷик Ш.Х. Камолов қайд менамояд, ки «зери мафҳуми ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон маҷмуи уҳдадориҳои конститутсионии давлат фаҳмида мешавад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат муқаррар гардида, дар низоми уҳдадориҳои давлатӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамоянд» [161, с. 12]. Дар навбати худ, З.Х. Искандаров ҳангоми омӯзиши масъалаи роҳҳалҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон таъкид мекунад, ки «онҳо роҳҳои ҳуқуқие мебошанд, ки тавассути онҳо ҳуқуқҳои инсон аз ҳар гуна таҷовуз ҳимоя мегарданд» [42, с. 78].

Таърифҳои пешниҳодшудаи мафҳуми ҳимояи ҳуқуқи субъективӣ бо равшанӣ ва дақиқии нисбӣ фарқ мекунанд, аммо ҳамаи ҷанбаҳои раванди татбиқи ҳуқуқро фаро намегиранд. Аз ҷумла, онҳо ҳолатеро нодида мегиранд, ки дар он амалӣ гардидани ҳуқуқи субъективӣ бо монеаҳои гуногун рӯ ба рӯ мегардад ва бартараф намудани чунин монеаҳо низ бояд ба доираи ҳимояи ҳуқуқ дохил карда шавад. Ғайр аз ин, дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ таъкид мегардад, ки ҳимояи ҳуқуқ метавонад на танҳо тавассути чораҳои маҷбурии давлатӣ, балки дар шаклҳои дигари фаъолияти ҳуқуқӣ низ амалӣ карда шавад.

Масалан, дар доираи ҳуқуқи меҳнатӣ зери мафҳуми ҳимояи ҳуқуқ фаъолияти ба барқарорсозии ҳуқуқи поймолгардида ва ҳамзамон бартараф намудани монеаҳо дар роҳи татбиқи ҳуқуқҳои субъективӣ равонашуда фаҳмида мешавад. Гарчанде чунин фаҳмиши васеъшуда нисбатан пурратар ба назар мерасад, он аз набудани дақиқии меъёрӣ ранҷ мебарад: дар он на хусусияти фаъолияти ба ҳимоя равонашуда мушаххас мегардад ва на

воситаҳои пешгирикунандаи ҳуқуқие ба таври кофӣ ба назар гирифта мешаванд, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст ва ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо нигаронда шудаанд (масалан, огоҳии прокурорӣ ё муроҷиати шаҳрванд ба мақомоти давлатӣ бо мақсади ҷилавгирӣ аз вайронкунии эҳтимолии ҳуқуқ).

Дар ин замина, ба андешаи мо, равише дурусттар ба назар мерасад, ки тибқи он мафҳуми «ҳимояи ҳуқуқи инсон» на танҳо аз дидгоҳи чораҳои барқароркунанда, балки инчунин аз нуқтаи назари тадбирҳои пешгирикунанда шарҳ дода мешавад. Муаллифи ватанӣ А.М. Диноршоев дар ин хусус чунин иброз менамояд: «ҳимояи ҳуқуқи инсон маҷмуи усулҳо, воситаҳо, тартибот ва шаклҳои фаъолияти ниҳодҳои байналмилалӣ, мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ мебошад, ки дар санадҳои меъёрӣ мустаҳкам гардида, дар доираи як низоми ягонаи ҳимояи ҳуқуқи инсон амал мекунанд ва татбиқи онҳоро таъмин менамоянд» [32, с. 22].

Мавқеи монандро А.А. Сапфирова низ ҳангоми таҳлили масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ наздик мебошанд, иброз намудааст. Ба андешаи ӯ, «ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон фаъолияти қонунист, ки дар татбиқи роҳҳо ва воситаҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ зоҳир мегардад ва ба пешгирӣ, қатъ ва бартараф намудани вайронкунии ҳуқуқҳои меҳнатӣ, инчунин ба барқарорсозии ҳуқуқҳои аллакай поймолшуда ё бартараф намудани монеаҳо дар роҳи амалӣ гардидани онҳо равона шудааст» [132, с. 99].

Аз мавқеъҳои зикршуда метавон хулоса кард, ки ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, тавассути истифодаи намудҳои гуногуни фаъолияти мақомоти ваколатдор ва шахсони мансабдор, инчунин тавассути шаклҳо ва роҳҳои гуногуни ҳуқуқӣ амалӣ мегардад.

Дар илми ҳуқуқ то имрӯз равиши ягона нисбат ба муайянсозӣ ва фарқгузории чунин падидаҳо, мисли «шаклҳо», «усулҳо» ва «чораҳо»-и ҳимояи ҳуқуқҳо, ташаккул наёфтааст. Баҳси илмӣ дар ин самт то ҳол идома

дошта, бо ихтилофҳои ҷиддии истилоҳӣ тавсиф мегардад. Дар як қатор таҳқиқоти илмӣ шаклҳо ва усулҳои ҳимояи ҳуқуқ ҳамчун мафҳумҳои ҳаммаъно баррасӣ мешаванд: одатан зери мафҳуми «шакли ҳимоя» ҳамзамон усулҳои татбиқи он низ дар назар дошта мешаванд [80, с. 114].

Бо вуҷуди ин, дар адабиёти илмӣ назари дигар низ мавҷуд аст, ки тибқи он шаклҳо ва усулҳои ҳимояи ҳуқуқ бояд аз ҳам ҷудо карда шаванд. Мувофиқи ин мавқеъ, «шакли ҳимоя» ҷанбаи ниҳодмандии ҳимояи ҳуқуқро инъикос намуда, ба таркиби субъектҳои иштироккунанда дар муносибатҳои ҳуқуқии муҳофизатӣ ишора мекунад, дар ҳоле ки «усул» маҷмуи воситаҳои ҳуқуқие мебошад, ки тавассути онҳо субъекти мушаххас ҳуқуқи худро ба ҳимоя амалӣ менамояд [63, с. 35].

Илова бар ин, дар як қатор осори илмӣ тамоюл ба ҷудо намудани мафҳуми «чораҳои ҳимоя» ҳамчун унсури мустақил дар низоми абзорҳои ҳуқуқӣ ба назар мерасад. Дар ин замина, чораҳо ҳамчун амалҳои мушаххасе арзёбӣ мегарданд, ки ба барқарорсозии ҳуқуқи поймолшуда равона гардида, дар доираи шакли муайян ва бо истифода аз усули интихобшудаи ҳимоя амалӣ карда мешаванд [63, с. 35].

Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки зери мафҳуми усули ҳимояи ҳуқуқи субъективӣ маҷмуи муайяни амалҳо фаҳмида мешавад, ки субъект барои ба даст овардани натиҷаи мусбат бояд анҷом диҳад. Дар навбати худ, шакли ҳимоя маҷмуи аз ҷониби ҳуқуқ танзимшудаи тартибот ва чораҳо мебошад, ки ба барқарорсозии ҳуқуқи вайроншуда (ё мавриди баҳс қароргирифта), инчунин ба пешгирии амалҳои ғайриқонунӣ равона гардидааст.

Интихоби шакли ҳимояи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, аз як қатор омилҳо вобаста мебошад: а) хусусияти талаботи моддӣ-ҳуқуқие, ки бояд ҳимоя карда шаванд; б) хусусият ва доираи ваколатҳои мақомоти дахлдори ҳимояи ҳуқуқ; в) ҳолатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ва воқеие, ки шахси ҳуқуқаш поймолгардида дар он қарор дорад.

Ба ибораи дигар, ҳар як усули ҳимоя метавонад тавассути муҳтаво ва

шакли муайян ифода ёбад. Агар муҳтавои усул маҷмуи амалҳои мушаххаси субъекти ҳимояро дар бар гирад, пас шакл ифодаи мурофиавӣ ё ҳатто қонунгузории ҳамин амалҳо мебошад, яъне расмият бахшидани онҳо дар заминаи ҳуқуқӣ.

Мумкин аст, ки як усули ҳимоя якчанд «таркиб»-ро дар бар гирад, ки ҳар кадоми онҳо дорои муҳтавои худ (маҷмуи амалҳо) ва шакли мувофиқ (санадҳои ҳуқуқии расмиятёфтае, ки иҷрои амалҳо ба онҳо нигаронда шудааст) мебошанд. Дар ин маврид бояд таъкид намуд, ки усули ҳимоя, бо дарназардошти қобилияти он ба унсурҳои таркибӣ ҷудо шудан, маҷмуи амалҳои ҳаммонандеро дар бар мегирад, ки аз рӯйи хусусиятҳои методологии татбиқи худ дар амал ба ҳам пайваста мебошанд.

Бо дарназардошти вобастагии муайяншудаи байни шакл ва усули ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва бо такя ба таҳлили роҳҳои пешбинишудаи ҳимояи ин ҳуқуқҳо дар қонунгузории миллӣ, имкон дорад нақшаи муайяни таснифотӣ таҳия карда шавад, ки муносибати байни шаклҳо ва усулҳои ҳимояи ин ҳуқуқро ба таври возеҳ инъикос намояд.

Дар доктринаи ҳуқуқии анъанавӣ ду шакли асосии ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҷудо карда мешаванд: шакли юрисдиксионӣ ва шакли ғайриюрисдиксионӣ. Ин таснифот пеш аз ҳама бо хусусияти субъектҳое муайян мегардад, ки амалҳои ҳимояро амалӣ менамоянд, инчунин бо хусусияти роҳҳалҳои ҳуқуқие, ки дар ҷараёни барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда истифода бурда мешаванд.

Ба андешаи А.В. Стремоухов, «шакли юрисдиксионии ҳимояи ҳуқуқҳо фаъолияти мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллист, ки ба барқарорсозии ҳуқуқи субъективии поймолгардида дар доираи тартиби мурофиавии аз ҷониби қонун муқарраршуда равона гардидааст. Натиҷаи чунин фаъолият ҳаллу фасли баҳс аз рӯйи моҳият ба ҳисоб меравад, ки дар қарори дахлдори ҳуқуқии ҳатмӣ ифода меёбад» [67, с. 27–30].

Баръакс, шакли ғайриюрисдиксионии ҳимоя бо иҷрои маҷмуи

амалҳои қонунии худи шахсони манфиатдор тавсиф меёбад, ки ба барқарорсозӣ ё ҳимояи мустақили ҳуқуқҳои поймолшуда ё мавриди баҳс қароргирифта равона шудаанд, бе мурочиат ба мақомоти ваколатдори давлатӣ.

Муаллиф таъкид менамояд, ки «фарқи асосии байни ин ду шакл дар табиати ҳуқуқии муносибатҳое зоҳир мегардад, ки ҳимоя дар доираи онҳо амалӣ мешавад. Ҳимояи ғайриюрисдиксионӣ дар доираи муносибатҳои моддӣ аз ҷониби иштирокчиёни онҳо мустақилона анҷом дода шуда, ба дахолати беруна эҳтиёҷ надорад. Баръакс, ҳимояи юрисдиксионӣ ҷалби мақомоти давлатӣ ё шахсони махсус ваколатдорро дар бар мегирад, ки дар доираи мурофиаи ҳуқуқии аз ҷониби қонун муқарраршуда амал менамоянд» [67, с. 27–30].

Дар илми ҳуқуқ мафҳумҳои зикршуда комилан ба тавсифи хусусиятҳои ҳимояи ҳуқуқ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ низ татбиқшаванда мебошанд. Дар ин соҳаи ҳуқуқ метавон шаклҳо, усулҳо ва чораҳои ҳимояро ҷудо намуд, ки хусусияти анъанавӣ дошта, мавҷудияти онҳо аз асосҳои конститутсионии низоми ҳуқуқии миллӣ бармеояд. Пеш аз ҳама, ба чунин шаклҳо дохил мешаванд: ҳимояи судӣ, тартиби маъмурии ҳимоя (шикоят аз амал ё беамалии мақомоти ҳимояи иҷтимоӣ), инчунин тартиби ҷамъиятии ҳимоя, ки бо иштироки иттифоқҳои касаба амалӣ мегардад.

Дар зер ҳар яке аз ин усулҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ муфассал баррасӣ мегардад. Дар адабиёти илмии дохилӣ ва хориҷӣ таъкид мешавад, ки ҳимояи судӣ муҳимтарин воситаи ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшудаи инсон ба шумор меравад. Ин ҳолат аз ду омил бармеояд: мавҷуд будани маҷмуи васеи абзорҳои ҳуқуқӣ, ки барои ҳимояи ҳуқуқҳои инсон пешбинӣ шудаанд; доираи васеи масъалаҳое, ки судҳо онҳоро баррасӣ менамоянд. Ба суд метавон ҳамаи қарорҳо ва амалҳои мансабдорон ва мақомоти ҳокимияти давлатиро шикоят кард, ки ин шакли ҳимояро ба воситаи универсалӣ ва кафолатноки татбиқи принсипи волоияти қонун дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ табдил медиҳад [32, с. 22].

Бояд таъкид кард, ки шаҳрвандони ҶТ ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқи конститутсионии худ ба ҳимояи судӣ имкони муроҷиат ба тамоми намудҳои мурофиаи аз ҷониби қонун пешбинишударо доранд. Вобаста ба хусусият ва табиати ҳуқуқи поймолгардида, ҳимоя метавонад дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ ё конститутсионӣ амалӣ гардад.

Ҳар яке аз ин шаклҳои фаъолияти мурофиавӣ роҳҳали мустақили фаъолияти ҳокимияти судиро ифода мекунад, ки ба барқарорсозӣ, эътироф ё ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон равона шудааст. Мустаҳкамкунии ҳуқуқии ин шаклҳои адолати судӣ дар Конститутсияи ҶТ пешбинӣ шудааст, ки бо ин роҳ асосҳои ниҳодӣ ва мурофиавии татбиқи ҳокимияти судиро дар давлат муайян менамояд.

Бо ин вуҷуд, бояд зикр кард, ки қонунгузории соҳавӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ намуди мушаххаси мурофиаи судиро ҳангоми поймол гардидани ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ мушаххас намекунад. Масалан, мувофиқи м.20 Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ» муайян шудааст, ки «ихтилофоти байни ашхоси суғурташуда ва суғуртакунандагон оид ба масъалаҳои таъминоти кумакпулиҳои суғуртаи иҷтимоии давлатӣ дар тартиби судӣ баррасӣ карда мешаванд» [6]. Дар м.32 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» низ муқаррар шудааст, ки «шаҳрвандон ҳуқуқ доранд қарорҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъминоти нафақавиро дар мақомоти судӣ шикоят намоянд» [10].

Дар ин замина бояд таъкид намуд, ки баҳсҳои судие, ки вобаста ба амалисозии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ба миён меоянд, яке аз шаклҳои муҳимми ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон ба ҳисоб мераванд. Одатан, чунин баҳсҳо байни шаҳрвандон (ё аъзои оилаҳои онҳо) ва мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ё дигар ташкилотҳое ба вуҷуд меоянд, ки тибқи қонунгузорӣ ба зиммаи онҳо уҳдадории таъмин намудани намудҳои дахлдори таъминоти иҷтимоӣ вогузор шудааст.

Асоси ҳуқуқии ба миён омадани чунин баҳсҳо, одатан, рад намудани пешниҳоди кафолати иҷтимоӣ, иҷрои дермонда ё нопурраи уҳдадориҳои

дахлдор, ё қабули қарорҳое мебошад, ки ҳуқуқҳои шаҳрвандонро дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ поймол менамоянд. Дар чунин ҳолатҳо муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар ҷараёни баррасӣ ва ҳалли баҳс ба вуҷуд меоянд, хусусияти мурофиавӣ касб менамоянд, зеро онҳо ба ҳимоя ва барқарорсозии ҳуқуқи поймолшуда ё мавриди баҳсбуда равона гардидаанд.

Хусусияти муҳимми ин гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ дар он ифода меёбад, ки онҳо аз вайрон гардидани меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ сарчашма гирифта, дар натиҷаи рафтори ғайриқонунии субъектҳои дахлдор ба вуҷуд меоянд, хоҳ он дар шакли амал ё беамалӣ зоҳир гардад, хоҳ дар шакли қабули санади маъмурии ғайриқонунӣ ё дигар шаклҳои поймолкунии ҳуқуқ.

Хусусият ва шакли муносибатҳои мурофиавӣ аз тартиби баррасии баҳс вобаста мебошад. Агар баҳс берун аз суд ҳал карда шавад, масалан аз ҷониби мақомоти болоии иҷроия ё муассисаи соҳавӣ, дар ин ҳолат муносибатҳои маъмурию мурофиавӣ ба вуҷуд меоянд, ки онҳоро меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ танзим менамоянд. Дар ҳолате ки шаҳрванд барои ҳимояи ҳуқуқи худ ба суд муроҷиат мекунад, баҳс дар доираи мурофиаи маданӣ баррасӣ мегардад. Дар чунин ҳолат табиати ҳуқуқии баҳс хусусияти муносибатҳои маданӣ-мурофиавӣ касб намуда, аз ҷониби меъёрҳои Кодекси мурофиавии мадании ҶТ танзим карда мешавад.

Бояд таъкид намуд, ки мурофиаи судӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ на танҳо ба барқарорсозии ҳуқуқи поймолшуда равона гардидааст, балки ҳамчунин ба таъмини қонунмандӣ, муайяннокии ҳуқуқӣ ва баробарии шаҳрвандон дар дастрасӣ ба кафолатҳои иҷтимоӣ хизмат менамояд. Иштироки ҳокимияти судӣ дар баррасии чунин баҳсҳо ба ташаккули механизмҳои самараноки ҳимояи ҳуқуқ дар соҳаи иҷтимоӣ мусоидат намуда, эътимоди аҳолиро нисбат ба ниҳодҳои давлатӣ таҳким мебахшад.

Ҳангоми баррасии масъалаи ҳимояи судии ҳуқуқҳои инсон, наметавон нақши Суди конститутсионии ҶТ-ро низ сарфи назар кард. Тавре маълум аст, ин мақом ваколатдор мебошад, ки мутобиқати қонунҳоро ба Конститутсия санҷад, аз ҷумла он қонунҳоеро, ки ба ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон таъсир

мерасонанд. Мувофиқи Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Суди конститутсионии ҶТ», ҳар шаҳрванд метавонад, дар ҳолате ки ба андешаи ӯ ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии вай аз ҷониби қонуне, ки дар парвандаи мушаххас татбиқ шудааст ё татбиқшаванда мебошад, поймол гардидаанд, бо ариза ба Суди конститутсионӣ муроҷиат намояд ва санҷиши мутобиқати чунин қонунро ба Конститутсия дархост кунад [4].

Дар заминаи ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ махсусан ба қарори Суди конститутсионии ҶТ оид ба муроҷиати шаҳрвандон Хурамов З.Н. ва Хасанов Ч.К. ишора кардан зарур аст. Аризадиҳандагон мутобиқати б.4 қ.4 м.59 Қонуни ҶТ аз 12.01.2010 таҳти № 595 «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва б.1 фармони Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаҳо аз 30.01.2017 таҳти № 6-ро бо м.39 Конститутсияи ҶТ зери шубҳа гузоштанд. Ба гуфтаи онҳо, ин муқаррарот дар амал монеаи таъйини нафақаи имтиёзнок вобаста ба шароити меҳнат гардидааст.

Баҳс дар заминаи гузариш ба тарҳи нави низоми нафақавӣ ба миён омад: аз 01.01.2017 ҳамаи намудҳои нафақа тибқи Қонуни № 595 танзим мешаванд, дар ҳоле ки нафақаҳо барои кор дар шароити зараровар ё махсус ҳамчун нафақаҳои касбӣ тибқи Қонун аз 26.12.2011 таҳти № 790 «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ» ҳисобида мешаванд. То 01.01.2017 барои чунин шахсон Қонуни қаблӣ аз 25.06.1993 таҳти № 797 татбиқ мегардид. Моддаи гузаришии (м.59 Қонуни № 595) ҳамин пайдарҳамии ҳуқуқиро муқаррар менамояд.

Мавқеи аризадиҳандагон дар он ифода ёфт, ки рад кардани таъйини нафақаи имтиёзнок ва истиноди мақомоти дахлдор ба фармони Агентӣ таҳти № 6, ки гӯё татбиқи қонуни қаблиро «мутаваққиф» месозад, ҳуқуқи конститутсионии онҳоро ба нафақа маҳдуд намудааст. Дар натиҷаи баррасии парванда, Суди конститутсионӣ ба хулоса омад, ки б.4 қ.4 м.59 Қонуни № 595 кафолати таъминоти иҷтимоиро маҳдуд намекунад; он танҳо давраи марҳилавии ислоҳоти нафақавиро инъикос намуда, гузариши нафақаҳои «имтиёзнок»-ро ба низоми нафақаҳои касбӣ таъмин менамояд, ки ба

устувории молиявӣ ва систематизатсияи соҳа мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, суд муайян намуд, ки б.1 фармони Агентӣ таҳти № 6, ки меъёри гузаришии қонунро такрор мекунад, аз доираи техникаи ҳуқуқэҷодӣ берун рафтааст, зеро мутаваққиф сохтани амалкарди қонун танҳо ба салоҳияти парлумон дохил мешавад, на мақомоти иҷроия. Ба Агентӣ дастур дода шуд, ки ҳуҷҷати мазкурро мутобиқ ба талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба тартиб дарорад. Илова бар ин, Суди конститутсионӣ дар низоми суғуртаи нафақаҳои касбӣ як қатор камбудиҳои ҳуқуқиро ошкор намуда, ба Ҳукумат ва Агентӣ супориш дод, ки онҳоро фавран бартараф намуда, татбиқи воқеии ҳуқуқҳои аризадиҳандагон ва дигар кормандони соҳа таъмин карда шавад [178].

Ҳамин тариқ, Суди конститутсионии ҶТ гузариш ба низоми нафақаҳои касбиро аз нигоҳи конститутсионӣ қонунӣ донист, вале ҳамзамон талаботи қатъӣ нисбат ба сифати танзими зерқонунӣ ва иҷрои воқеии ҳуқуқҳои нафақавии шаҳрвандонро тақвият бахшид. Аз ин рӯ, ҳимояи судии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ тавассути мурофиаи конститутсионӣ ба пешгирии татбиқи санадҳои ғайриқонунӣ дар ҷараёни амалисозии ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон равона гардидааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки ҳимояи судии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ воситаи универсалии барқарорсозии ҳуқуқҳои иҷтимоии поймолшуда мебошад ва унсури калидии роҳҳали таъмини қонунмандӣ, муайяннокии ҳуқуқӣ ва баробарии шаҳрвандон дар дастрасӣ ба кафолатҳои иҷтимоӣ ба шумор меравад. Ин роҳҳал бар асоси ҳуқуқи конститутсионӣ ба ҳимояи судӣ амал мекунад, ки он дар доираи шаклҳои гуногуни мурофиаи судӣ – маданӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ ва конститутсионӣ татбиқ мегардад. Ҳамзамон, фаъолияти Суди конститутсионии ҶТ далели мавҷудияти механизми самарабахши назорат бар мутобиқати конститутсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла онҳое мебошад, ки ба ҳуқуқи шаҳрвандон ба таъминоти иҷтимоӣ таъсир мерасонанд. Ин махсусан дар шароити табдилоти ҳуқуқӣ аҳаммияти калон дорад, зеро зарурати

санҷиши мутобиқати қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ бо принсипҳои асосии Конститутсия дар чунин шароит афзоиш меёбад.

Шакли дуюми ҳимояи ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, тартиби маъмурии ҳимоя ба ҳисоб меравад. Дар адабиёти ҳуқуқии миллӣ ва хориҷӣ аҳаммияти ин шакли ҳимоя дар ҷараёни таъмин ва татбиқи ҳуқуқҳои инсон борҳо таъкид шудааст.

Тавре А.М. Диноршоев дуруст қайд менамояд, ки «тартиби маъмурии шикоятбарӣ яке аз шаклҳои ҳимояи маъмурию ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба шумор меравад. Ин шакли ҳимоя бар принсипи тобеият асос ёфтааст, ки моҳияти он дар итоати ташкилотӣ ва ҳисоботдиҳии ҳуқуқии мақомҳои поёнии ҳокимияти иҷроия ба мақомҳои болоӣ ифода меёбад. Моҳияти чунин роҳҳал дар он зоҳир мегардад, ки шаҳрванд метавонад бе муроҷиат ба суд мустақиман дар доираи низоми мақомоти иҷроия амал ё қарори ғайриқонунии мансабдорон ё мақомотро ба зинаи болоӣ шикоят намояд» [90, с. 65–68].

Ба навбати худ, Н.К. Титова таъкид менамояд, ки «ҳимояи маъмурии ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҳамчун як навъи усули юрисдиксионии ҳимоя дорои соҳаи васеи татбиқ мебошад. Афзалияти асосии он нисбат ба ҳимояи судӣ дар имкони баррасии фаврии баҳсҳо, самтгирӣ ба ёфтани созиш, набудани мурофиаи тулонӣ ва расмиёти мураккаб, инчунин набудани пардохти боҷи давлатӣ зоҳир мегардад» [141, с. 78].

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки тартиби маъмурии ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ асосан тавассути ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон дар ҷараёни шикоят аз амал (ё беамалӣ)-и мақомоти ҳимояи иҷтимоӣ ба мақомоти болоӣ зоҳир мегардад. Дар ҳамин ҳол, як қатор муҳаққиқон таъкид менамоянд, ки дар баробари шакли судии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, тартиби маъмурии баррасии шикоятҳо низ яке аз роҳҳалҳои муҳимтарини таъмини ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва дигар ҳуқуқҳое ба шумор меравад, ки дар қонунгузории соҳавӣ, танзимкунандаи соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, муқаррар шудаанд. Тартиби маъмурии

баррасии шикоятҳо ба барқарорсозии фаврии ҳуқуқҳои поймолшуда бидуни муроҷиат ба мақомоти судӣ равона гардида, ба ин васила самаранокии идоракунии давлатӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳоро афзоиш медиҳад. Аён аст, ки татбиқи самараноки ин тартиб ба танзими возеҳ ва муфассали ҳуқуқӣ ниёз дорад, то дастрасӣ, шаффофият ва натиҷанокии онро таъмин намояд [55, с. 398].

Дар ин самт, ба андешаи мо, қонунгузории ҶТ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ дорои як қатор камбудиҳо мебошад. Тартиби умумии муроҷиат ба мақомоти давлатӣ мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 23 июли соли 2016 [14] муайян карда шудааст. Қ.1 м.7-и ин қонун муқаррар менамояд, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд шахсан ё якҷоя бо дигарон ва (ё) тавассути намояндагони ваколатдори худ ба мақомоти дахлдор ва ташкилотҳо дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ё электронӣ муроҷиат намоянд. Ҳамзамон, м.4 доираи амалии қонунро муайян намуда, муроҷиат ба мақомоти судиро аз доираи татбиқи он хориҷ менамояд, яъне ҳимояи судии ҳуқуқҳои шаҳрвандонро фаро намегирад.

Дар баробари ин, қонунгузории соҳавӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ нисбат ба шакли маъмурии ҳимоя ба таври зиддиятнок ифода ёфтааст, ки метавонад ба тафсири дугонаи меъёрҳои ҳуқуқӣ оварда расонад. Масалан, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъюбон» аз 29 декабри соли 2010 [8] умуман меъёре, ки имконияти шикоят бурдан аз амалҳои мақомоти давлатӣ дар ҳолати таъмин нагардидан ё поймол гардидани ҳуқуқҳои иҷтимоии маъюбонро пешбинӣ кунад, вуҷуд надорад.

Дигар намунаи номукаммалии шаклбандии қонунгузорӣ қ.10 м.32 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз 12 январи соли 2010 [10] мебошад, ки дар он зикр шудааст: «шаҳрвандон ҳақ доранд қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъминоти нафақаро дар мақомоти судӣ шикоят намоянд». Аз мазмуни ин меъёр бармеояд, ки масъалаҳои вобаста ба тартиби таъйин намудани нафақаҳои иҷтимоӣ гӯё наметавонанд дар тартиби маъмурӣ баррасӣ шаванд.

Монанди чунин шаклбандии ҳуқуқӣ дар м.20 Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ» аз 26 декабри соли 2011 [12] низ мушоҳида мешавад, ки дар он зикр гардидааст: «шахси суғурташуда дар ҳолати вайрон шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ метавонад аз амалҳои суғуртакунанда ба муассисаи суғуртавӣ шикоят барад. Агар шахси суғурташуда аз чораҳои андешидаи ин мақомоти дахлдор розӣ набошад, метавонад ба суд муроҷиат намояд». Меъёри монанд дар Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ» аз 13 декабри соли 1997 [6] низ пешбинӣ шудааст.

Дар бораи имкони муроҷиат ба мақомоти болоӣ дар ҳолати поймол гардидани ҳуқуқҳои нафақавӣ дар м.91 Қонуни ҶТ «Дар бораи таъминоти нафақавии шаҳрвандони ҶТ» аз 25 июни соли 1993 [7] ва дар м.65 Қонуни ҶТ «Дар бораи таъминоти нафақавии хизматчиёни ҳарбӣ» аз 1 декабри соли 1994 [7] зикр шудааст.

Мисолҳои овардашуда аз қонунгузории амалкунандаи иҷтимоӣ ба таври равшан ихтилофҳоро дар ҷараёни танзими ҳуқуқии масъалаҳои ҳимояи маъмурии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ нишон медиҳанд, ки метавонанд ба раванди татбиқи ҳуқуқ таъсири манфӣ расонанд. Аз ин рӯ, мувофиқ мешуморем, ки ба қонунҳои зерин тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд: Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъюбон»; Қонуни ҶТ «"Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»; Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ» ва ба онҳо моддаи зерин илова карда шавад:

«Шикоят аз қарори мақоми ваколатдор

Шикоят нисбат ба қарори мақоми ваколатдор метавонад ба мақоми ваколатдори давлатӣ ё ба суд мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ пешниҳод карда шавад».

Илова намудани чунин меъёр ба қонунгузорӣ ба таҳкими стандарти ягонаи танзими ҳуқуқии масъалаҳои ҳимояи маъмурии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ мусоидат менамояд, ки аз мазмуни Конститутсияи кишвар ва Қонуни ҶТ «Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» бармеояд.

Дар чанбаи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ дар соҳаи таъминоти ичтимоӣ инчунин усулҳое мавчуданд, ки дар қонунгузории амалкунанда пешбинӣ шудаанд, аммо татбиқи васеъ пайдо накардаанд. Ба ин шакли чамъиятии ҳимоя дахл дорад, ки бо иштироки иттифоқҳои касаба амалӣ мегардад. Масалан, м.21 Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи ичтимоии давлатӣ» муқаррар менамояд, ки «ба хотири назорати дурустии ҳисоб ва сари вақт пардохт намудани кумакпулиҳо аз рӯйи суғуртаи ичтимоии давлатӣ аз чониби суғуртакунанда бевосита дар корхона, ташкилот ва муассиса комиссияи иборат аз намояндагони корфармо, кумитаи иттифоқи касаба ё дигар органи намояндагии кормандон таъсис дода мешавад ё ваколатдори суғуртаи ичтимоӣ интихоб мегардад.

Истифодаи маблағҳои суғуртаи ичтимоии давлатӣ барои табобати санаторӣ-курортӣ, ташкили истироҳати кормандон ва аъзои оилаҳои онҳо, ғизодиҳии парҳезӣ ва дигар чорабиниҳои тандурустиву пешгирикунанда бевосита дар корхона аз чониби кумитаи иттифоқи касаба ё мақомоти дахлдори намояндагии кормандон амалӣ карда мешавад» [6].

Ин меъёр ба зиммаи корфармо уҳдадорӣ мегузорад, ки комиссияи назоратӣ оид ба дурустии ҳисоб ва сари вақт пардохт намудани кумакпулиҳоро таъсис диҳад, ки он аз ҳисоби намояндагони маъмурият, кумитаи иттифоқи касаба ё дигар мақомоти намояндагии кормандон ташкил карда мешавад. Ин сохтор унсури назорати дохилӣ дар низоми татбиқи меъёрҳои суғуртаи ичтимоиро ташкил дода, ба таъмини ошкорбаёнӣ, шаффофият ва адолат дар тақсимот ва истифодаи маблағҳои суғуртавӣ равона шудааст.

Аҳаммияти ҳуқуқии ин ниҳод дар чанд самт зоҳир мегардад. Аввалан, дар низомнокии назорати чамъиятӣ: таъсиси комиссия ё интихоб намудани ваколатдор оид ба суғуртаи ичтимоӣ иштироки дастаи меҳнатиро дар татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти ичтимоӣ мустаҳкам менамояд, ки ба принсипҳои демократкунонии идоракунии равандҳои ичтимоӣ мутобиқ буда, ба ташаккули эътимод ба низоми суғуртаи ичтимоии давлатӣ мусоидат мекунад.

Сонияи, дар хусусияти пешгирикунандаи танзим, зеро бо иштироки намояндагони кормандон дар назорат бар ҳисоб ва пардохти кумакпулиҳо хавфи қонуншиканиҳо коҳиш ёфта, имкони ошкор ва бартараф намудани онҳо дар марҳилаҳои аввалия фароҳам мегардад, ки ин, дар навбати худ, сарбории мақомоти давлатӣ ва судҳоро коҳиш медиҳад. Савуман, дар муқаррар намудани ваколатҳои иттифоқҳои касаба дар соҳаи чорабиниҳои солимгардонӣ, зеро қ.2 м.21 муқаррар менамояд, ки истифодаи маблағҳо барои табобати санаторӣ-курортӣ ва дигар чорабиниҳои пешгирикунанда аз ҷониби кумитаи иттифоқи касаба ё дигар мақомоти намояндагӣ амалӣ карда мешавад.

Ин ҳолат нақши иттифоқҳои касабаро на танҳо ҳамчун ниҳоди намояндагии кормандон, балки ҳамчун субъекти шарикии иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки дорои ваколатҳои функсионалӣ дар идоракунии қисми муайяни захираҳои суғуртавӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, аз нуқтаи назари самаранокии татбиқи ин меъёр бояд мушкилоти мавҷударо низ қайд кард: набудани роҳҳалҳои дақиқи назорат бар таъсиси чунин комиссияҳо, огоҳии ҳуқуқии нокифояи кормандон дар ин самт ва коҳиши таъсири ниҳодии иттифоқҳои касаба дар солҳои охир боис мегардад, ки шакли ҷамъиятии ҳимоя дар аксар ҳолатҳо дар амал татбиқ намегардад.

Ҳамчунин бояд таъкид кард, ки қонунгузор ба иттифоқҳои касаба ё дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқи анҷом додани назоратро дар соҳаи дигар намудҳои суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ пешбинӣ накардааст. Ин ҳолат, аз ҷумла, ба суғуртаи тиббӣ, суғурта дар ҳолати муваққатан аз кор мондан ва суғурта вобаста ба модарӣ дахл дорад, ки дар онҳо ниҳодҳои назорати ҷамъиятӣ амалан аз байн бурда шудаанд.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии роҳҳали ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва васеъ намудани доираи фаъолияти ниҳодҳои назорати ҷамъиятӣ, мувофиқ аст, ки ба қонунгузории амалкунандаи ҶТ тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд, ки паҳн гардидани ваколатҳои иттифоқҳои касаба ва дигар мақомоти намояндагии кормандонро барои

анҷом додани назорат на танҳо дар соҳаи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, балки инчунин нисбат ба дигар намудҳои суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ, аз ҷумла суғуртаи тиббӣ, суғурта дар ҳолати муваққатан аз кор мондан ва суғурта вобаста ба модарӣ, пешбинӣ намоянд. Муайян намудани чунин ваколатҳо имкон медиҳад, ки муносибати ягонаи назорат аз рӯйи қонуният ва асоснокии таъмин намудани кафолатҳои иҷтимоӣ таъмин карда шавад, шаффофияти тартиботи тақсими маблағҳои суғуртавӣ афзоиш ёбад ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқ ва ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоии муҳим пурзӯр гардад.

Барои татбиқи ин тадбир зарур аст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ уҳдадории ҳатмии таъсиси комиссияҳо (ё интихоб намудани шахсони ваколатдор) оид ба риояи меъёрҳои суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ дар ҳамаи корхонаҳо пешбинӣ карда шавад, инчунин тартиби ҳамкории ин мақомот бо мақомоти давлатии назорат ва санҷиш муайян карда шавад.

Дар натиҷаи гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ низоми муайяни анъанавии воситаҳои ҳуқуқӣ ташаккул ёфтааст, ки тавассути сохторҳои ваколатдори давлатӣ амалӣ гардида, дар асл амал ё акти вокуниши мақоми ваколатдорро ифода мекунад ва ба барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда равона шудааст. Ба ибораи дигар, шакли юрисдиксионии ҳимояи ҳуқуқҳои таъминоти иҷтимоӣ дорои мавқеи ҳукмрон мебошад. Дар мавриди шакли ғайриюрисдиксионӣ ва усулҳои марбути он, яъне ҳаллу фасли тоюрисдиксионии баҳсҳо бе мурофиат ба мақомоти махсуси ваколатдор ё ҳимояи ҳуқуқ тавассути иттифоқҳои касаба, онҳо ё аҳаммияти назаррас надоранд, ё умуман татбиқи воқеӣ пайдо накардаанд.

Бо вуҷуди ин, бартарии шакли юрисдиксионии ҳимоя, ба андешаи мо, наметавонад ҳамчун нуқсони ҷиддии тамоми роҳҳали ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон арзёбӣ гардад. Аммо ҳолате, ки дар амал шаҳрвандон бо сабаби поймол гардидани ҳуқуқҳояшон дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ пайваста ба мақомоти махсуси

давлатӣ муроҷиат мекунанд, боиси нигаронӣ мебошад. Аз як тараф, ин метавонад натиҷаи камбудиҳои амалии татбиқи қонун бошад; аз тарафи дигар, аз он шаҳодат медиҳад, ки на ҳар як эҳтиёҷи иҷтимоии шаҳрванд, ки барои ӯ дар доираи давлати иҷтимоӣ комилан табиӣ ҳисобида мешавад, аз ҷониби худи давлат тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ба таври кофӣ ҳимоя мегардад.

Дар заминаи таҳлили роҳҳалҳои мавҷудаи таъмини амалисозӣ ва ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ метавон гуфт, ки дар марҳалаи муосир дар ин соҳа асосан воситаҳои анъанавии ҳимояи ҳуқуқӣ ташаккул ёфтаанд, ки пояи онҳо фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ мебошад. Ин тарҳ, пеш аз ҳама, вокуниши сохторҳои салоҳиятдори юрисдиксионӣ ба воқеаи поймол гардидани ҳуқуқро дар назар дорад, ки дар шакли амали татбиқи ҳуқуқ ифода ёфта, ба барқарор намудани ҳуқуқи субъективии поймолшудаи шахси мушаххас равона шудааст. Ба ин тариқ, ҳимояи ҳуқуқии шаҳрвандон дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ асосан дар шакли юрисдиксионӣ амалӣ мегардад, ки он муроҷиати шахси манфиатдор ба мақомоти махсуси ваколатдори давлатӣ ё ба мақомоти судиро дар бар мегирад.

Шаклҳои ғайриюрисдиксионӣ, ки метавонанд ҳаллу фасли баҳсҳо, бартараф намудани низоъҳо бо иштироки иттифоқҳои касаба ё дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, инчунин истифодаи дигар роҳҳалҳои назорати ҷамъиятиро дар бар гиранд, дар айни замон ё он қадар паҳн нашудаанд, ё дар амалияи воқеӣ амалан татбиқ намегарданд. Набудани шаклҳои рушдёфтаи ҳимояи ғайриюрисдиксионӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ боиси маҳдуд гардидани дастрасӣ ба воситаҳои ҳуқуқии барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшудаи иҷтимоӣ мегардад, махсусан барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, ки имконият ва дониши кофӣ барои муроҷиат ба мақомоти судӣ ва маъмуриро надоранд.

Бояд зикр кард, ки бартарии шакли юрисдиксионии ҳимояи ҳуқуқҳо худ аз худ наметавонад ҳамчун камбудии низоми ҳуқуқӣ дар маҷмуъ арзёбӣ гардад, зеро он татбиқи принсипҳои қонуният, муайяннокии мурофиавӣ ва

кафолатҳои ҳимояи судиро таъмин менамояд. Бо вуҷуди ин, боиси нигаронӣ мебошад, ки муроҷиати шаҳрвандон ба мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ хусусияти доимӣ ва оммавӣ гирифтааст. Ин тамоюл метавонад на танҳо аз самаранокии нокифояи фаъолияти мақомоти дахлдор ва мавҷудияти холигиҳо дар амалияи татбиқи қонун шаҳодат диҳад, балки инчунин ба мушкилоти амиқтари ҳуқуқӣ – номувофиқии танзими ҳуқуқии мавҷуда бо эҳтиёҷоти воқеии иҷтимоии аҳолӣ ишора намояд.

Дар шароити ташаккули давлати воқеан иҷтимоӣ ва рушди низоми ҳуқуқие, ки ба афзалияти шахсият равона шудааст, зарурати бознигарии нақши шаклҳои ғайриюрисдиксионии ҳимояи ҳуқуқҳои таъминоти иҷтимоӣ ба миён меояд. Рушди роҳҳалҳои алтернативии ҳаллу фасли баҳсҳо, тавсеаи ваколатҳои иттифоқҳои касаба ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин таъсиси тартиботи муассири барқарорсозии тоюрисдиксионии ҳуқуқҳои поймолшуда аз ҷумлаи самтҳои муҳимми ислоҳоти низоми ҳимояи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравaнд. Татбиқи чунин тадбирҳо на танҳо сарбории мақомоти давлатиро коҳиш медиҳад, балки самаранокӣ ва чандирии умумии роҳҳали ҳуқуқии татбиқ ва ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро дар ҶТ ба таври назаррас баланд мебардорад.

# ХУЛОСА

1. Мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» падидаи мураккаби ҳуқуқию ниҳоднок мебошад, ки ҳамчун вокуниши таърихӣ ба равандҳои саноатикунонӣ, афзоиши нобаробарии иҷтимоӣ ва зарурати таъмини адолати иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст. Дар ҳуқуқи конститутсионии муосир давлати иҷтимоӣ ҷузъи муҳимми тарҳи давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ба шумор меравад. Мустаҳкам гардидани ин принсип дар Конститутсия, аз ҷумла дар ҶТ, дорои аҳаммияти низомсоз буда, самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат ва пояи ҳуқуқии татбиқи роҳҳалҳои ҳимояи иҷтимоиро муайян менамояд. Дар амалияи идораи давлатӣ дар ҶТ тадриҷан тарҳи мутобиқшудаи давлати иҷтимоӣ ташаккул меёбад, ки аз ҷиҳати типологӣ ба тарҳи скандинавӣ наздик буда, бо дарназардошти воқеияти миллӣ – суннатҳои таърихию фарҳангӣ, сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва хусусиятҳои ниҳоднок мутобиқ гардонида шудааст. Ин тарҳ бар се унсури асосӣ такя мекунад: мустаҳкамсозии меъёрии сиёсати иҷтимоӣ, роҳҳалҳои ниҳодноки татбиқи он тавассути мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмини амалии ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҳимояи иҷтимоӣ, хизматрасонии тиббӣ, маориф ва сатҳи шоистаи зиндагӣ. Ҳамин тариқ, тарҳи ташаккулёбандаи давлати иҷтимоии Тоҷикистон, ки бар анъанаҳои ёрии мутақобила ва масъулияти ҷамъиятӣ асос ёфтааст, дорои иқтидори рушди устувори ниҳоднок мебошад. [5-М]

2. Муқаррароте, ки дар қ.3 м.1 Конститутсияи ҶТ оид ба уҳдадориҳои давлат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон пешбинӣ шудааст, ба сиёсати иҷтимоӣ хусусияти на изҳоротӣ, балки ҳатмии ҳуқуқӣ мебахшад. Бо ин роҳ сиёсати иҷтимоӣ мақоми меъёриву ҳуқуқии самти афзалиятноки фаъолияти давлатро касб намуда, татбиқи онро низоми муассир ва роҳҳали возеҳи ниҳоднок таъмин менамояд. Сиёсати иҷтимоӣ низоми мураккаби тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва идорӣ мебошад, ки самтҳои гуногунро фаро мегирад: аз ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ то фарогирии иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазир. Он дар ҳамаи зинаҳои ҳокимияти давлатӣ бо

иштироки субъектҳои ғайридавлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ татбиқ мегардад. Ҳадафи асосии сиёсати иҷтимоӣ коҳиши камбизоатӣ, таъмини тақсимоти одилонаи захираҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди ҳаматарафаи потенсиали инсон мебошад. Дар сиёсати иҷтимоии ҶТ таваҷҷуҳи асосӣ ба дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ равона шудааст. Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ин сиёсат аз тарҳи умумифарогири патерналистӣ ба низоми ҳадафманду ҳуқуқбунёд табдил ёфтааст, ки бар принсипҳои тақсимоти оқилонаи захираҳо ва масъулияти иҷтимоӣ асос ёфтааст. Низоми ҳимояи иҷтимоӣ дар чунин шароит вазифаи муҳимми мутобиқсозии иҷтимоиро иҷро намуда, аз камбизоатшавӣ ва канорагирии иҷтимоии аҳолӣ ҷилавгирӣ мекунад. Сиёсати иҷтимоии муосири Тоҷикистон бар принсипҳои адолати иҷтимоӣ, баробарии имкониятҳо, ҳамбастагӣ ва инсонгароӣ асос ёфтааст. Ин принсипҳо на танҳо аҳаммияти меъёрӣ, балки арзишӣ низ доранд, зеро пояи ахлоқии сиёсати иҷтимоиро ташаккул дода, эътимоди байни давлат ва ҷомеаро таҳким мебахшанд. Бо ин тарз, сиёсати иҷтимоӣ дар ҶТ ҷузъи муҳимми стратегияи давлатӣ буда, ба рушди устувори ҷомеа ва таъмини ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон равона гардидааст. [1-М]

3. Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ унсури ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар ҶТ буда, яке аз хусусиятҳои калидии давлати иҷтимоӣ, ки дар м.1 Конститутсияи ҶТ зикр шудааст, ба шумор меравад. Ин ҳуқуқ ба ҳимояи шахсоне равона гардидааст, ки қобилияти меҳнатии худро аз даст додаанд, аз воситаҳои зиндагӣ маҳрум шудаанд ё бо мақсади таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ ва ҳамгироии иҷтимоии онҳо дар ҳолатҳои душвори зиндагӣ қарор доранд. Мазмуни ин ҳуқуқ хусусияти фаъолона ва барномавии ҳатмӣ дошта, аз давлат на танҳо эътирофи он, балки татбиқи воқеии онро тавассути сиёсати самараноки иҷтимоӣ талаб менамояд [7-М]. Чунин сиёсат тақсимоти одилонаи захираҳои ҷамъиятӣ ва ташаккули кафолатҳои устувори ниҳодноки ҳимояи иҷтимоиро дар назар дорад. Танзими конститутсионии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар

Тоҷикистон бар асоси меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалӣ, пеш аз ҳама муқаррароти ПБҲИИФ, амалӣ мегардад, ки ин аз эътирофи байналмилалӣ ва мувофиқати ҳуқуқии тарҳи миллии ҳифзи иҷтимоӣ шаҳодат медиҳад. [4-М]

4.Дар доктринаи ҳуқуқ ва қонунгузорӣ то ҳол номуайянии дақиқи истилоҳотӣ нисбат ба мафҳумҳои «ҳимояи иҷтимоӣ» ва «таъминоти иҷтимоӣ» боқӣ мондааст. Мувофиқи назари бештар асоснок, таъминоти иҷтимоӣ ҷузъи таркибии ниҳоди фарохтари ҳимояи иҷтимоӣ мебошад, ки вазифаи таъмини ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ-идоравии фаъолияти ҳаётии шахсро иҷро мекунад. Аз ин рӯ, таъминоти иҷтимоӣ яке аз воситаҳои асосии татбиқи назарияи умумии ҳимояи иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, ба пешгирӣ, нармсозӣ ва ҷуброни хатарҳои иҷтимоӣ равона шудааст. [2-М]

5. Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар м.39 Конститутсияи ҶТ муқаррар гардида, дар қонунгузории соҳавӣ, ки масъалаҳои нафақа, кумакпулиҳои иҷтимоӣ ва дастгирии гурӯҳҳои осебпазирро танзим мекунад, мушаххас мегардад. Амалӣ гардидани ин ҳуқуқ нишондиҳандаи муҳимми самаранокии сиёсати иҷтимоии давлат буда, сатҳи масъулияти иҷтимоӣ ва пойбандии давлатро ба принсипҳои адолат ва ҳамбастагӣ инъикос менамояд. Фаҳмиши муосири ҳуқуқи инсон аз принсипи тақсимнопазирӣ ва вобастагии мутақобили ҳамаи ҳуқуқҳо сарчашма мегирад. Дар ин замина, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ба татбиқи дигар ҳуқуқҳо – ба меҳнат, ҳифзи саломатӣ, маориф ва манзил мусоидат намуда, заминаи таҳкими давлати иҷтимоӣ ва таъмини адолати иҷтимоиро фароҳам меорад. Низоми танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ дорои сохтори бисёрқабата буда, бар ҳамбастагии меъёрҳои миллӣ ва байналмилалӣ асос меёбад. Дар доираи қонунгузорӣ он шартан ба се ҷузъ тақсим мешавад: моддӣ (муайян намудани мазмун ва ҳаҷми ҳуқуқҳо), тартиботӣ (тартиби татбиқи онҳо) ва мурофиавӣ (механизмҳои ҳимоя дар тартиби маъмурӣ ё судӣ) [6-М]. Андозаи байналмилалии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар санадҳои умумибашарӣ ва махсусгардонидашуда ифода ёфтааст, аз ҷумла дар ЭУҲБ (м.22) ва ПБҲИИФ (м.9), инчунин дар конвенсияҳои ТБМ ва санадҳои минтақавии ИДМ. Ин

ҳуҷҷатҳо ҳамчун самтнамо барои рушди қонунгузории миллӣ хизмат мекунанд. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ на танҳо ба ҳифзи қишрҳои осебпазир, балки ба устувории равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ низ мусоидат менамояд. Рушди минбаъдаи ин соҳа ба баланд бардоштани сифати танзими ҳуқуқӣ, такмили қонунгузорӣ ва ҷорӣ намудани роҳҳалҳои рақамии расонидани хизматрасониҳои иҷтимоӣ равона мегардад. [3-М]

6. Эътирофи конститутсионии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ хусусияти ниҳодманд дошта, мавқеи давлатро нисбат ба кафолатҳои ҳимояи иҷтимоии шахсият муайян менамояд. Бо вуҷуди ин, чунин муқаррарот танҳо дар ҳолате дорои мухтавои воқеии ҳуқуқӣ мегардад, ки низоми самараноки кафолатҳои ҳуқуқӣ, ташкилотию ниҳоднок амал намояд. Дар сурати набудани чунин низом, меъёрҳои конститутсионӣ метавонанд хусусияти эъломиявӣ пайдо карда, татбиқи амалии мақоми ҳуқуқии шахсиятро таъмин карда натавонанд. Самаранокии амалӣ гардидани ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ аз ҳамоҳангӣ ва ягонагии низоми кафолатҳо вобаста мебошад, ки ҳам шароити умумӣ (сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва идеологӣ) ва ҳам воситаҳои махсуси ҳуқуқиро дар бар мегирад. Ба чунин воситаҳо меъёрҳои моддии ҳуқуқ, ки мазмун ва ҳаҷми ҳуқуқи субъективиро муайян мекунанд; роҳҳалҳои молиявию ҳуқуқӣ, ки заминаи захиравии татбиқи онро таъмин менамоянд; қоидаҳои тартиботӣ, ки тартиби расмии пешниҳоди кумакпулиҳо ва хизматрасониҳои иҷтимоиро танзим мекунанд; инчунин роҳҳалҳои мурофиавӣ, ки ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшударо кафолат медиҳанд, дохил мешаванд. Ҳамгироии низомноки ин унсурҳо замина барои пешбинишавандагии татбиқи қонун, таъмини дастрасии баробар ба неъматҳои иҷтимоӣ ва ҳимояи самараноки ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар ҳолати поймол гардидани онҳо фароҳам меорад. [8-М]

7. Таҳлили таҷрибаи ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ нишон медиҳад, ки шакли юрисдиксионии ҳимоя ҳукмрон мебошад, ки муроҷиати шаҳрвандонро ба мақомоти давлатӣ ва судҳои ваколатдор дар бар мегирад. Ин тарҳ роҳҳали анъанавии барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда буда, ба вокуниши ҳуқуқии мақомоти салоҳиятдор нисбат ба ҳолати поймол

гардидани ҳуқуқи субъективӣ асос меёбад. Дар айни замон, шаклҳои ғайриюрисдиксионӣ, аз ҷумла танзими пешазюрисдиксионии баҳсҳо, иштироки иттифоқҳои касаба ва дигар сохторҳои ҷамъиятӣ, ҳанӯз ба таври кофӣ рушд накардаанд ва нақши назаррас дар барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда надоранд. Афзалияти усулҳои юрисдиксионӣ худ аз худ падидаи манфӣ нест, зеро онҳо риояи принсипҳои қонуният, муайяннокии мурофиавӣ ва кафолатҳои ҳимояи судиро таъмин менамоянд. Бо вуҷуди ин, сершумории мурофиатҳои шаҳрвандон оид ба татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ аз самаранокии нокифояи фаъолияти маъмурӣ ва мавҷудияти номувофиқии меъёрӣ байни роҳҳалҳои ҳуқуқӣ ва ниёзҳои воқеии иҷтимоии аҳолӣ шаҳодат медиҳад. Дар шароити ташаккули давлати воқеан иҷтимоӣ зарурати бознигарии нақши шаклҳои ғайриюрисдиксионии ҳимоя бештар эҳсос мегардад. Рушди роҳҳалҳои ҳаллу фасли баҳсҳо, густариши имкониятҳои ҳимояи ҳуқуқии иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, инчунин ҷорӣ намудани расмиёти муассири танзими пешазюрисдиксионӣ метавонанд самтҳои муҳимми муосиргардонии низоми ҳифзи иҷтимоӣ гарданд. Татбиқи чунин тадбирҳо ба беҳтар гардидани дастрасии воситаҳои ҳуқуқӣ, коҳиши сарбории мақомоти давлатӣ ва судӣ ва баланд бардоштани самаранокии татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ мусоидат менамояд. [9-М]

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

